**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 6/4 (34)**
**ТКБ: 51.1 (2 тоҷик)**

**ЮСУФИЁН МАНЗУРАИ МАНСУРӢ**

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1924-1991)

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович

**БОХТАР – 2025**

**МУНДАРИҶА**


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО........................................................... 3**
**МУҚАДДИМА**........................................................................... 4
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.................................................. 11
**БОБИ I. ТАЪРИХИ БАРҚАРОРШАВӢ ВА РУШДИ МУАССИСАҲОИ АВВАЛИНИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППА**
Аз таърихи тибби қадими халқи тоҷик................................................ 19
Сохтмони аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1924-1940........................................................................... 28
**ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ**.............................................................. 76
**БОБИ II. ВАЗЪИ МУАССИСАҲОИ ТИББИИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛҲОИ ПЕШАЗҶАНГӢ ВА БАЪДИҶАНГӢ (1940-1959)**
Вазъи муассисаҳои тиббии минтақаи омӯзиш дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945).................................................................. 77
Таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959........................................................................................ 91
**ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ**............................................................ 113
**БОБИ III. ТАШКИЛ НАМУДАНИ МАҚОМОТҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛҲОИ 1960-1991**
Таърихи фаъолияти шабакаҳои тиббӣ дар минтақа дар солҳои 1960-1974........................................................................................ **115**
Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1975-1991........................................................................................ **140**
**ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ................................................................ 162**
**ХУЛОСА**................................................................................... **164**
**Руйхати сарчашма ва адабиётҳои истифодашуда................................ 172**
**ЗАМИМАҲО.................................................................................. 191**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

КМ – Кумитаи Марказӣ

КИМ – Комитети Иҷроияи Марказӣ

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

ҶХШХ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм

ҶШФСР (РСФСР) – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Ӯзбекистон

КМ ВКП(б) (ҲКУ(б)) – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқии болшевикон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҲКИШ (ҲКИШ) – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ФР – Федератсияи Россия

Ревком – Комитети инқилобӣ

ВЦСПС (МУШИК) – Маркази Умумиитифоқии Шурои Иттифоқҳои Касаба

АТС (ИАТ) – Истгоҳҳои автоматии телефонӣ

ГТС (ИТШ) – Истгоҳҳои телефонҳои шаҳрӣ

ИТД (СТС) – Истгоҳҳои телефонҳои деҳот

МТС (ИМТ) – Истгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ

СТО (ШММ) – Шурои меҳнат ва мудофиа (Совета Труда и обороны)

СКХ – Советии Комиссарони Халқ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Илми таърих танҳо сиёсати давлатҳоро намеомӯзад, балки дар навбати аввал рушд ва инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро дар шакли хронологӣ таҳлил намуда, омилҳои асосии пешрафти ин ва ё он самти инкишофи давлатро муайян мекунад. Таҷрибаи илмӣ нишон медиҳад, ки аксарияти олимони соҳаи таърих дар таҳқиқотҳои илмӣ ба рушди соҳаи сиёсии давлатҳо диққати бештар медиҳанд ва аз ин лиҳоз соҳаҳое, ки ба фикри олимон мавқеи дувумдараҷа доранд, дар канор мемонанд ва яке аз чунин соҳаҳо ин соҳаи тиб мебошад. Ба характери анахронистии илми таърих нигоҳ накарда, имрӯз мо шоҳиди таҳқиқотҳои синхронӣ дар илми таърих гардида истодем, ки дар натиҷаи онҳо на танҳо сохти сиёсии давлат, тарзи идоракунии он, балки омӯзиши соҳаҳои алоҳидаи он мавриди таҳқиқот қарор мегирад.

Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва ссабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таљассум мекунад. Мавзуи таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзуъ на танҳо дар пешрафти илми тиб, балки барои ғанӣ гардонидани таърихи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳқиқоти таърихи соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон аз ҷиҳати хронологӣ аз давраи ғалабаи Инқилоби сотсиалистии Октябр - дар соли 1917 оғоз гардида то соли 1991 -ро дар бар мегирад. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо дар ин рисола таърихи чандинҳазорсолаи тибби мардумии халқи тоҷикро сарфи назар кунем, зеро он асоси тибби муосирро гузоштааст ва ба ҷаҳониён чунин чеҳраҳои намоёнро ба монанди Абуалӣ ибни Сино, Форобӣ, Закариёи Розӣ ва дигар шахсиятҳои барҷастаи соҳаи тибро рӯйи кор овардааст. Ба характери байнифаннӣ доштани худ нигоҳ накарда, мавзуи мазкур барои таҳқиқи илми таърих ва соҳаи тиб аҳамияти калон дорад.

Дар ҳудуди ҳозираи вилояти Хатлон соҳаи тиб дар шакли замонавии худ танҳо дар солҳои 20-уми асри XX таъсис ёфт. Дар ин давра аввалин беморхонаҳо, марказҳо ва амбулаторияҳо, таъсис гардиданд. Маҳз бо ташкилёбии Ҳокимяти Шуравӣ алоқаи марказҳои тиббии Бухорои Шарқӣ ва донишкадаҳои тиббии мамлакати Шуравӣ таъсис гардид, ки дар натиҷаи он ҳазорон кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб ба Тоҷикистон омаданд.

Муҳиммияти илмии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори аввал дар шакли рисолаи номзадӣ, дар доираи илми таърих давра ба давра рушди соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар баробари ин дар рисола ба тариқи хронологӣ рушди соҳаи тиб дар мисоли яке аз минтақаҳои вилояти калонтарини ҷумҳурӣ таҳлил гардида, нақши он дар рушди тибби умумиҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Дар рисола инчунин таърихи тоинқилобии тиб мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун тибби мардумӣ дар шакли хизматрасонии табибони гиёҳшинос ва дар шакли табобати муллоҳои динӣ нишон дода шудааст. Дар рисола инчунин нақши сохти Шуравӣ дар сохтмони тибби замонавӣ нишон дода мешавад.

Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳими камомӯхташуда – таърихи барқароршавӣ ва рушди муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ бахшида шудааст. Рушди тиб ва сифати саломатии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳими давлату ҷомеа мебошад. Бинобар ҳамин сабаб, омӯзиши таҷрибаи зиёд, пайдарпайи дар қабули қарорҳо - ин гарави рушди соҳаи тандурустӣ мегардад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ислоҳотҳои зиёде гузаронида истодааст. Мушкилотҳои пешомада дар вақти гузаронидани ислоҳот ба роҳи дурусти рушди соҳаи тандурустӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, барои фаҳмидан ва гузаронидани ислоҳотҳои муосир дар сохти системаи давлатии тиббӣ омӯхтани дигаргуниҳои қатъии ҳангоми идораи соҳаи тиб, ки дар бисёр ҷиҳатҳо бо барқароршавии ҳокимияти

шуравӣ ва аввалин тағйиротҳои баъдиинқилобӣ алоқаманд аст, зарур мебошад.

Махсусан, барои гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа ҳатман таҷрибаи устувори марказонидашудаи тиббиро бояд ба назар гирифт. Дар айни ҳол, дар солҳои 1930–1991 хизматрасонии тиббии аҳолӣ беҳтар гардид: шумораи духтурон ва беморхонаҳо афзуда, кори мубориза бар зидди касалиҳои эпидемикӣ боз ҳам фаъолтар гардид. Бинобар он, вобаста ба ин барои мавриди таҳқиқот қарор додани давраи омӯзиш, таҷрибаи ҷорӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, имконият фароҳам меорад, агарчанде баъзе ҳодисаҳои гуногунро ба ҳисоб нагирем.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Мавзуи мазкур идомаи таҳқиқотҳои сершумори олимони тоҷик доир ба таърихи тибби тоҷик буда, дар баробари онҳо дар таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян мегузорад. Бинобар он, меҳнати нахустин ташкилкунандагони соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолиби диққат гардида буд [121; 123].

Дар таълифи дисертатсия аз маводхои бойгонии шаҳру ноҳияҳо, беморхонаҳои марказӣ, бойгонии шахсии собиқадорони соҳа, маҷалла ва нашрияҳои воситаҳои ахбори омма, таҳқиқотҳои саҳроӣ, аз ҷумла, маводҳои бойгонии Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [29], Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар [57], Бойгонии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [61], хотираҳои кормандони собиқадори соҳаи тиб, собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар соҳаи тибби ҳарбӣ хизмат намуданд, маълумоти омории беморхонаҳои марказӣ ва таҳқиқоту сарчашмаҳои соҳавӣ, маълумоти ҳисоботии муассисаҳои тиббӣ ва маълумоти бойгонии шахсии собиқадорони соҳа истифода гардиданд.

Таърихнигории таърихи тибби тоҷик вобаста ба давраҳои инкишофи он қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

- давраи тоинқилобӣ;

- давраи барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ то солҳои 30-юми асри XX;

- давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945);

- давраи солҳои 50-60-уми асри XX;

- давраи солҳои 1970-1991.

Бо дарназардошти таърихи ягонаи системаи тибби замони Шуравӣ дар Осиёи Миёна, дар таҳқиқоти мазкур дар баробари корҳои илмии олимони тоҷик инчунин таҳқиқотҳои олимони Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ мавриди таҳлил қарор гирифтанд [68; 89; 92; 93; 100; 195;]. Дар ин масир тақсимбандии марҳилаҳои таърихии инкишофи тиб дар Осиёи Миёна, боиси таваҷҷуҳ аст, ки аз давраҳои зерин иборат мебошад:

- давраи аввал солҳои 1921-1924-ро дар бар гирифта он рафти кори аввалин экспедитсияҳои тропикиро дар бар мегирад;

- давраи дуввум солҳои 1924 -1932-ро дар бар гирифта, он давраи мубориза бо бемории ришта маҳсуб мешавад. Дар ин давра олимони рус Л.Ф. Бурова ва И.А. Кассирский номгӯйи пурраи бемориҳои сироятии минтақаи Осиёи Миёнаро тартиб медиҳанд;

- давраи саввум солҳои 1932-1937 давом карда, дар рафти он бемории нағзак (оспа) пурра аз байн бурда шуд;

- дар давраи чаҳорум солҳои 1937-1941 мубориза бо бемориҳои минтақавӣ идома ёфт;

- дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) соҳаи тиб ҳамчун соҳаи ёрирасон барои фронт хизмат кард, аммо ин давра аз соли 1941 то соли 1945, давраи идомаи мубориза бо бемориҳои сироятӣ дониста шуд;

- давраи охирони мубориза бо бемориҳои сироятиро ба солҳои 1945-1957 мансуб медонанд. Дар ин давра бемориҳои сироятӣ ҳамчун бемориҳои карантинӣ аз байн бурда шуданд [211, с. 642-645]. Қисми таърихи тиб дар доираи инкишофи ҷомеа дар китобҳои таърихи олимони тахрихшиноси тоҷик оварда шудаанд [73; 83; 85; 87; 88; 109; 129].

Таҳқиқи давраи аввали таъсисёбии системаи тибби замонавӣ дар Осиёи Миёна - аввали солҳои 20-уми асри XX омӯзиши васеи тибби Осиёи

Миёнаро тақозо мекунад, зеро ин давра марказҳои калонтарини ёрии тиббӣ дар шаҳри Тошкент ҷойгир шуданд. Аз ҳамин лиҳоз маълумотҳои Осиёи Миёнаро дар хусуси таъсисёбии тиб дар ин минтақа аҳамияти илмӣ ва методологӣ доранд. Аз он ҷумла, тадқиқотҳои Абдуллоев А.А. давраи калони таърихӣ аз соли 1865 то соли 1941-ро дар бар мегиранд ва барои омӯзиши таърихи тибби Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таҳқиқот хизмат мекунанд. Дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои илмӣ дар бораи таърихи тиб дар солҳои 90-уми асри XX ба роҳ монда шудаанд. Аз он ҷумла соли 1993 аз тарафи олимони тоҷик Исҳоқӣ Ю.Б. ва Тоҷиев Я.Т. китоби дарсӣ бо номи “Таърихи мухтасари тибби тоҷик” баромад, ки дар он дар шакли мухтасар таърихи тибби тоҷик аз давраи охири асри XIX то охири асри XX ҷамъоварӣ гардидааст [91, с. 128].

Аммо ин китоб ба пуррагӣ тамоми таърихи тибро дар Тоҷикистон фаро гирифта наметавонист. Дар ин масир аҳамияти кори илмии Марченко М.А. бештар қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар он таърихи тибби тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) таҳқиқ шудааст [199]. Ин таҳқиқот қаҳрамонии табибони тоҷик ва дигар миллатҳои шуравиро дар солҳои душвори ҷанг нишон дод, аммо бо сабаби маҳдудиятҳои хронологӣ пурра таърихи тибби тоҷикро инъикос карда натавонист. Чунин норасогӣ ба он овард, ки таҳқиқоти соҳаи тиб аз самти таърих берун монд ва танҳо тавассути китобҳои алоҳида ва мақолаҳои илмӣ-публитсистии таърихи тиб дастраси умум гардид [131].

**Заминаи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Дар рафти навиштани рисола аз сарчашмаҳои зерин истифода гардид:

- маълумотҳои бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар;
- маълумотҳо ва хотираҳои кормандони собиқадори соҳаи тиб;
- шахсони куҳансол ва собиқадорони ҷангу меҳнат дар шаҳру ноҳияҳо;
- китобу мақолаҳо оид ба таърихи водии Вахш ва минтақаи Қӯрғонтеппа;
- маълумотҳо аз маъмурияти беморхоанаҳои маркази ноҳияҳо.

Қисми асосии сарчашмаҳои истифодашударо маводҳои бойгонӣ ташкил медиҳад, ки онҳо аз рӯйи дараҷаи истифодаи худ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- **ба гурӯҳи аввал** маводҳои бойгонии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа дохил мешаванд. Аз ин бойгонӣ захираҳои шуъбаи тандурустии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ҷои асосиро ишғол мекунад;

- **ба гурӯҳи дуввум** маводҳои бойгонии ҷумҳуриявӣ дохил мешаванд ва аз ин захираҳо ҳуҷҷатҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар истифода гардид;

- **гурӯҳи саввуми** маводҳоро ҳуҷҷатҳои шахсии шаҳрвандони алоҳида ва собиқадорони меҳнат ташкил медиҳанд, ки онҳо дар соҳаи тибби вилояти Қӯрғонтеппа бо меҳнати худ дар пешрафти тибби вилоят саҳми босазо гузоштаанд.

Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқот инчунин маълумотҳо аз китобҳои алоҳида оиди таърихи ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа истифода шуд. Дар ин китобҳо ба таври муфассал таърихи ноҳия инъикос шуда, рушди тиб ва саҳми шахсиятҳои алоҳида дар пешрафти соҳаи тиб нишон дода шуд. Аз ин лиҳоз маълумот аз ин сарчашмаҳо дар тартиб додани рисола нақши муҳим дошт [70].

Дар рафти таҳқиқот махсусан фондҳои 27, 29 аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ) [1; 2; 3; 29; 30; 31; 36; 37; 41; 42], аз Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ) [43; 44; 45], аз бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар (БДВХ дар ш. Бохтар), [46; 47; 48; 49; 50; 51;], бойгонии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [58; 61; 63;] маводҳои идораи омори вилоят ва ҷумҳурӣ васеъ истифода гардиданд. Дар баробари ин ҳамчун сарчашмаи таърихи ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърихӣ маҷалла ва рӯзномаҳои солҳои гуногун аз қабили рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ истифода гардиданд, ки бевосита ахбори давраи гузаштаро дар худ таҷассум мекунанд.

Дар рафти таҳқиқот китобҳои олимони илми таърих васеъ истифода гардиданд, ки дар онҳо дар баробари таърихи инкишофи ҷамъият соҳаи тиб низ инъикос гардидааст [87; 88; 129].

Дар баробари ҳамин китобҳои тахассусии таърихи тиб низ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар онҳо муаллифон рушд ва инкишофи соҳаи тибро пурра ва дақиқ нишон додаанд [77; 87; 122].

Барои пурраву мукаммал намудани маълумотҳои таърихии дастрасшуда оид ба соҳаи тандурустӣ, лозим дониста шуд, ки маълумотҳои тиббии бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар низ мавриди истифода қарор гиранд. Дар рафти ҷустуҷӯ аз тамоми навиштаҷоту ишораҳои ҳуҷҷатҳои бойгонии мазкур оиди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа, аз ҷумла маълумотҳо аз гузориши маҷлисҳои соҳави-ҳисоботии муассисаҳои тиббӣ, хабарҳои гуногунмазмун аз саҳифаҳои рӯзномаҳо ва вараќу саҳифаҳои алоҳида, ки мансубияташон аксар вақт номаълум буд, маълумотҳои таърихӣ дастрас шуданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҳуҷҷатҳои бойгонии шаҳри Бохтар чандон маълумотҳои фаровон дастрас нашуд. Аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ оиди таърих ва ҷойгиршавии муассисаҳои тандурустӣ ва соҳаҳои хизматрасонии тиббӣ мансуб ба солҳои 20-40-уми асри ХХ маълумотҳои мушаххас ба даст наомад.

Китобҳои таълифшудаи олимони Академияти миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) ва мақолаҳои шахсиятҳои маъруф, ки ба муносибати 70 - солагии водии Вахш нашр шудаанд, низ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар ин рисола инчунин маълумотҳои шахсони алоҳида ба монанди ба шахсияти баруманди диёр Бобоев М., мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа С.Раҳматов ва мудири шуъбаи методиву ташкилии раёсати тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа Н. Муродов ва духтури ҷавону хайрхоҳ А. Алиев низ истифода гардиданд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Тадқиқоти воқеии диссертатсионӣ дар асоси корҳои ояндадори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав» дар мавзуи «Омӯзиши масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир» барои солҳои 2021-2025 тасдиқ гардидааст (суратҷаласаи №1, аз 31.08.2021), ба амал бароварда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Бозбинии таърихи рушд ва ислоҳоти соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1924-1991 мебошад.

**Вазифаи таҳқиқот.** Дар рафти иҷрои кори илмӣ ва таҳқиқоти таърихи соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили нуқтаҳои зерин ҳамчун мақсади рисола муайян гардиданд:

- ҷамъоварӣ ва ба тартиб даровардани фактҳои таърихӣ доир ба рушди соҳаи тиб дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ва дар шакли назарияи илми таърих ворид кардани онҳо ба рисола ва муайян кардани нақши соҳаи тиб дар пешрафти ҷомеаи таърихӣ;

- тавассути рисолаи таҳқиқотӣ рӯйи кор овардани маводҳои бойгонӣ ва дар асоси ин маводҳо ба таври хронологӣ таҳлил намудани давраҳои инкишофи тиб - ҳамчун мавзуи марказии таҳқиқот;

- аз нуқтаи назари мантиқӣ исбот намудани факту рақамҳои овардашуда ва тавассути тартиби муайян ба роҳ мондани таърихи тибби Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон.

Дар маҷмӯъ мақсади асосии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути ин таҳқиқот дар асоси маводҳои бойгонӣ, факту далелҳои таърихӣ, хотираҳои иштирокчиёни фактҳои таърихӣ тамоми ҳодисаҳои давраи солҳои 1924-1991 аз нуқтаи назари илми таърих мавриди таҳлили амиқ қарор дода мешавад. Дар асоси ҳамин таҳқиқот доир ба мавзуи интихобшуда хулосаҳои илмӣ бароварда хоҳанд шуд, ки онҳо дар навбати худ барои ривоҷу равнақ

додани таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи таърихи тиб ҳамчун сарчашмаи илмӣ мусоидат хоҳанд кард. Кори илмии мазкур таърихи тибби замони шуравиро таҳлил намуда, таҷрибаи онро ҳамчун роҳнамо барои табибони имрӯз ва фардои Тоҷикистон ҳамчун намунаи корнамоиҳо пешкаш менамояд, то ки онҳо аз ин таҷриба дар корҳои худ истифода баранд. Барои иҷро кардани мақсади гузошташуда, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:

- нишон додани вазъияти санитарии деҳот ва фалокати мардуми маҳаллӣ аз таъсири бемориҳои сироятӣ дар давраи то соли 1920;

- таҳқиқоти пурраи давраи аввали таъсисёбии тибби замонавӣ дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ва нишон додани бартарии он нисбати тибби анъанавӣ;

- инъикоси корнамоиҳои кормандони тибби шуравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) дар ақибгоҳ ва саҳми онҳо дар мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда;

- таҳлил намудани саҳми кормандони тиб дар маҳвкунии бемориҳои сирояткунанда дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва нақши табибони рус дар ин чорабиниҳо;

- таҳлил намудани сиёсати давлати шуравӣ дар роҳи таъмини минтақаи Қӯрғонтеппа бо кадрҳои соҳаи тиб ва ба арсаи таърихи тиб баромадани аввалин табибони баландихтисоси соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ;

-таҳлили пурраи афзоиш фавти кӯдакон дар ҳамаи давраҳо ва муайян кардани сабабҳои он. Ҷалб кардани диққати кормандони соҳа ба масъалаи ҳифзи саломатии модар ва кӯдак, ки сабаби асосии афзоиши фавти кӯдакон гардидааст.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот, пеш аз ҳама, соҳаи тибби собиқ вилояти Қӯрғонтеппаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми тибби ҷумҳуриявӣ гирифта шуда, дар доираи илми таърих аз рӯйи хронология таҳлил гардид.

**Предмети таҳқиқот.** Дар доираи объекти таҳқиқот, предмети таҳлили илмиро таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар давраи солҳои 1924-1991 ташкил медиҳад.

**Хронологияи таҳқиқот.** Солҳои 1924-1991-ро дар бар мегирад. Таърихи ин соҳаи тиббро мо ба ду давра ҷудо намудаем:

Давраи аввал солҳои 1924-1950-ро дар бар мегирад, ки дар он ташаккул ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа вилояти Хатлони Тоҷикистон ба амал омадааст. Дар натиҷа, ин соҳа тадриҷан рушд кард.

Давраи дуюм, таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Тоҷикистон дар солҳои 1951-1991 мебошад.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашудаанд, ҷамъоварӣ гардида дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои таҳқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишондод менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсия**. Дар мавзуи мазкур бори аввал таърихи тиб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти таҳқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омӯхта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари сиёсӣ ва таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар таҳқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи Қӯрғонтеппа фактҳои фавти одамон аз сабаби бемориҳои сирояткунанда рӯйи кор оварда шуд. Дар навбати худ дар рисола ссабабҳо ва оқибатҳои кори тиб дар замони шуравӣ таҳлил гардида, саҳми ин сохтор дар барпокунии тибби замонавӣ оварда шудааст. Дар рисола мо кӯшиш кардем, ки аз доираи илми таърих берун набаромада, рушд ва инкишофи соҳаи тибро бо тамоми хусусиятҳояш мавриди таҳлил қарор диҳем. Дар рафти таҳқиқот факту рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, хотираҳои собиқадорони соҳаи тиб, маълумотҳои оморӣ ва

дигар сарчашмаҳо истифода гардиданд, ки барои илми таърих ва бахусус таърихи тиб ҳамчун факти нав мавқеи худро ишғол намуданд.

Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар шакли умумӣ ва таърихӣ рушди соҳаи тибро дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа дар давраи солҳои 1924-1991 меомӯзад. Дар рисола бори аввал маълумотҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбии муассисаҳои тиббии минтақаи Қӯрғонтеппа ҷамъоварӣ ва таҳлил гардиданд. Дар маҷмуъ нововарии мавзуи мазкур нуқтаҳои зеринро дар бар мегирад:

- дар рисола бори аввал вазъияти тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ин давра мавриди таҳлил гузошта мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири ин бемориҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъсисёбии системаи тибби замонавӣ нишон дода мешавад;

- вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX дар рисола бори аввал қаҳрамонии табибони он давра дар хусуси мубориза бо бемориҳои сироятӣ таҳлил гардида, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- дар баробари ин дар рисола раванди гузариши соҳаи тиб аз давраи аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳамияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад;

- таҳлили рушди соҳаи тиб дар замони шурави нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозиданд ва аз ҳамин лиҳоз дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа муайян карда мешавад;

- дар рисола саҳми кормандони тибби дигар халқу миллатҳо низ оварда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд.

Дар рисола фаъолияти онҳо зина ба зина нишон дода мешавад ва дар баробари ҳамин хизматҳои онҳо барои барпо кардани соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

- дар рисолаи мазкур бори нахуст фактҳои муқоисавӣ дар хусуси хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Қӯрғонтеппаи Тоҷикистон дар

муқоиса бо вилоятҳои ҷумҳурӣ ва инчунин Ҷумҳурии Ӯзбекистон оварда шуданд. Чунин таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи рушди тиб дар ин Ҷумҳуриҳо мавриди муқоиса гузошта шавад;

- дар кори илмии мазкур бори нахуст даврабандии қаламҳои мутахассисони маҳаллӣ ба соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шуравӣ оварда шуда, хизматҳои онҳо ба таҳлили ҳаматарафа гузошта шуд;

- дар рисола бори аввал дар доираи илми таърих раванди инкишофи соҳаи тиб дар минтақаи Қӯрғонтеппа мавриди таҳлил қарор гирифт ва дараҷаи омӯзиши ин соҳа аз тарафи олимони таърих ва дигар соҳаҳои илм оварда мешавад;

- ҳамчунин сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбӣ ва фаъолияти соҳаи тиб дар давраҳои мухталифи рушди ин соҳа мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд;

- натиҷаҳои дар рисола овардашуда имкон медиҳанд, ки бори нахуст таърихи рушди соҳаи тиб дар миқёси минтақаи алоҳида барои таҳқиқоти минбаъда ба роҳ монда шавад ва ин интихоби рафти таҳқиқот имкон медиҳад, ки рушди соҳаи тиб амиқ ва чуқур омӯхта шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа бевосита бо барпошавии ҳокимияти шуравӣ алоқаманд буда, таърихи он аз соли 1924 оғоз гардид. Вазифаи аввалини сохторҳои тиббии ин давраро мубориза бо бемориҳои сироятӣ ташкил медод, ки барои аҳолии ин минтақа таҳдиди ҷиддиро ба бор оварданд.

2. Дар солҳои 40-уми асри ХХ барои табибони вилояти Қӯрғонтеппа ва тамоми мамлакат душвориҳои нав пеш омаданд, ки бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) алоқа доштанд ва ин давра то соли 1945 давом кард. Дар ин давра табибони вилоят аз таҷрибаи бойи табибони дигар ҷумҳуриҳои бародар, ки бо эвакогоспиталҳои муҳоҷиршуда ба Тоҷикистон омаданд, воқиф гардида, соҳиби таҷрибаи нав гардиданд.

3. Дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX соҳаи тибби вилояти Қӯрғонтеппа аз ҳисоби мутахассисони нав пур гардид, ки бо тамомшавии ҷанг ба ин минтақа фиристонида шуданд. Сабаби асосии ба минтақа омадани мутахассисони дигар вилояту ҷумҳуриҳо дар хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва нарасидани кадрҳои маҳаллӣ буд, ки мубориза бо паҳншавии бемориҳоро боз ҳам душвор мекард.

4. Аз ҳамин лиҳоз сиёсати давлати шуравӣ дар давраи минбаъдаи солҳои 1970-1991 ба таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳаи миёна дар омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳои тиббии Тоҷикистон ба миён гузошта шуд. Дар ин давра бори аввал кори мустақилонаи мутахассисони маҳаллии минтақаи Қӯрғонтеппа дар мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷаи чунин сиёсат то охири солҳои 80-уми асри XX дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа пурра масъалаи таъмини соҳа бо кадрҳои маҳаллӣ ҳаллу фасл гардид.

5. Дар баробари ҳамин аз миёни зодагони Қӯрғонтеппа олимони соҳаи тиб баромаданд, ки дар инкишофи илми тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд.

6. Корҳои илмии олимони зодаи Қӯрғонтеппа на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он шухрати калонро пайдо карданд ва барои бартараф кардани бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя саҳми босазо гузоштанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун маводи дарсӣ дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳои тиббӣ истифода шавад, то ки донишҷӯён тавассути он аз таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли як минтақа аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд.

Ба ғайр аз ин рисолаи мазкур таърихи тиб ва умуман таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо факту рақамҳои нав ғанӣ мегардонад. Соҳаи тиб ҳамчун соҳаи муҳими хизматрасонӣ қисми асосии сохторҳои аҳамияти тиббӣ

доштаи ҷомеаро дар бар мегирад. Соҳаи тиб сиҳату саломатӣ, паст ва баландшавии шумораи аҳолӣ, тарзи ҳаёти одамон ва дигар равияҳои ҷомеаро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва аз ин лиҳоз омӯзиши таърихи он хатогиҳои гузаштаро нишонрас намуда, дурнамои рушди соҳаро пешбинӣ мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.**

Дар рафти таҳқиқоти мазкур методологияи материализми диалектикии таҳқиқот бо истифода аз категорияҳои фалсафӣ васеъ истифода гардид.

Истифодаи методи диалектикӣ имкон дод, ки омӯзиши мавзуъ ба тартиби муайян пеш бурда шавад. Аз он ҷумла афзоиши шумораи мутахассисон ва маблағгузорӣ бо баланд шудани сифати кор ва хизматрасонӣ алоқаманд гардиданд. Дар баробари ин тибби кӯҳна инкор гардида, ҷои онро тибби замонавӣ гирифт. Роҳи мубориза бар зидди бемориҳои карантинӣ ба сохтмони садҳо марказҳои бемориҳои сироятӣ ва озмоишгоҳҳои эпидемиологӣ овард. Соҳаи тибби собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ҳамчун қисми тибби ҷумҳуриявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд ва фарқияту хусусиятҳои он таҳлил гардиданд.

Дар баробари ҳамин мазмуни рисола шакли умумии тибби замонавиро инъикос намуда онро дар мисоли як минтақа нишон медиҳад. Дар рафти таҳқиқот моҳияти ҳодисаҳо аз он ҷумла сар задани бемориҳо, қонунҳои инкишоф ва роҳҳои пешгирии онҳо, ссабабҳои дохилӣ ва берунии сар задани бемориҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва баҳонаҳои барангезандаи онҳо давра ба давра бо тартиби хронологӣ бо методи таърихият (историзм) пурра таҳлил гардид. Дар рафти таҳқиқот инчунин методҳои таҳлили структуравӣ ва синтез ҳамчун методи хулосабарорӣ барои тартиб ва муқоиса кардани факту рақамҳо истифода гардид.

Дар давоми таҳқиқот барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда методҳои умумиилмӣ, категорияҳои илмии таҳлил, муқоиса, мантиқ, таҳлили оморӣ, омӯзиши бойгонӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои кори илмӣ ба таври васеъ истифода гардиданд.

**Мувофиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991))» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб**.

- дар он аст, ки вай дар давоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳои муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Қӯрғонтеппаро мавриди таҳлил қарор додааст.
- ба сифати далелҳои таърихӣ ҳамчунин аз тарафи диссертант таҳқиқотҳои саҳроӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва иштирокчиёни воқеаҳои таърихӣ факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар брошюраҳо ва мақолаҳои диссертант инъикос гардидаанд. Инчунин дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ ва барои дифоъ пешниҳод шудааст (протокол аз 27.03.2025, №9).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамаи ин мақолаҳо ба мавзуи диссертасия тааллуқ дорад, ки муҳтавои ососии диссертасия ва авторефератро инъикос мекунанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Хусусияти умумии кори диссертатсионӣ дар муқаддима пешниҳод шуда, интихоб ва мубрамияти таҳқиқот, ҳадафҳо ва вазифаҳо, принсипҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, асосҳои методологӣ таҳлил шуда, манбаъҳои таҳқиқот ва адабиёт баррасӣ гардидаанд.

Ҳаҷми умумии рисола аз 206 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки бо истифода аз протсессори матнии Microsoft Word чоп карда шудааст 8 ҷадвалро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт 211 номро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ТАЪРИХИ БАРҚАРОРШАВӢ ВА РУШДИ МУАССИСАҲОИ АВВАЛИНИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППА

## 1.1. Аз таърихи тибби қадими халқи тоҷик

Халқи тоҷик дар таърихи бисёрасраи худ роҳи тӯлонию мураккаби тараққиётро аз сар гузаронда, дар давраҳои мухталифи сиёсӣ дар роҳи равнақи иқтисод, илму фарҳанг ва ҳунарҳои нафис кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст. Вай дар ҳамаи ин соҳаҳо, хусусан дар асрҳои миёна, муваффақиятҳои калонро соҳиб шуд.

Ташкил ёфтани давлати муқтадири Сомониён ифодаи равшани ин ақида мебошад. Давраи сомониён замони эҳёю таҷаддуди илму фарҳанг буда, халқи тоҷик ҳамон давра ба олам як зумра мутафаккирони барҷастаи инсониятро ато кардааст, ки онҳо дар ривоҷу равнақи тамаддуни умумибашарӣ саҳми босазое гузоштаанд. Дар ин давра илму амалияи тиб низ ба пояи баланди рушду инкишоф расид. Ҳамон замон як зумра олимони барҷастаи тиб умр ба сар бурдаанд ва эҷод кардаанд, ки Абубакри Ар-Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар байни онҳо симоҳои шинохтаю машҳуртарин мебошанд [91, с. 6].

Тиб ҳам маҷмуи донишҳои илмӣ ва ҳам фаъолияти амалиест, ки, мақсад аз он пешгирӣ ва муолиҷа кардани бемориҳо, ҳифз ва намудани саломатии аҳолист.

Тиб ҳам мисли соҳаҳои дигари дониши инсон тадриҷан ташаккӯл меёфт ва дар тӯли ривоҷи таърихии худ марҳалаҳои мураккабро гузаштааст.

Билохир таъриферо зикр менамоем, ки ҳазор сол муқаддам фарзанди барҷастаи халқи тоҷик олими оламшумул Абуалӣ ибни Сино дар бораи тиб баён кардааст: «Ман гӯям: ба дурустӣ тиб илмест, ки аз он ҳолатҳои тани инсонро аз ҷиҳати солим ва носолим будани он бишносанд, то ки тандурустӣ андар ҳоли будан нигоҳ дошта шаваду андар ҳоли аз даст рафтан

баргардонда» [71, с. 34].

Таърихи тиб нишон медиҳад, ки чӣ тавр дар асоси гирд овардану ҷамъ кардан, тафтишу санҷиш ва ҷамъбаст кардани донишҳои амалии халқҳо тибби илмӣ дар алоқамандии зич бо тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъият, дар яснои муборизаи байни ҷаҳонбинии илми пешқадами тараққипарвар ва ҷаҳонбинии ғайриилмии иртиҷоию кӯҳнапараст инкишоф меёфту пойдор мешуд [91, с. 8].

Таърихи тиб инкишофи тибби назариявию клиникӣ, тибби профилактикӣ ва муолиҷавиро меомӯзад, роҳҳои таърихии равнақи онҳоро таҳқиқ менамояд. Таърихи тиб ҳам илми тиб ва ҳам амалияи тибро меомӯзад.

Дар рафти ҳафриёт дар баробари асбобҳои рӯзгор ва олоти меҳнат, ки дар бораи шароити умумии ҳаёти мардум тасаввур мебахшанд, маснуоти пурқимате низ ёфт мешаванд, ки дар бораи баъзе бемориҳои ҳамонвақта маълумот медиҳанд. Дар аснои ҳафриёт баъзан боқимондаи асбобу анҷоми тиббӣ, афзоли нигоҳубину муоинаи бемор ва ғайра низ ёфт мешавад. Масалан, зимни кофтуков дар яке аз ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон соли 1943 шишазарфе ёфт шуда буд, ки доруи пурқимате дошт (асрҳои VIII - XI). Дар худи ҳамон ҷо, дар деҳаи Сайёд аз харобаи ҳаммом 32 шишача ёфт шуд. Ин шишачаҳо ва баъзе зарфҳои дигари ёфтшуда (мансуб ба асрҳои IX - X) бевосита дар тиб истифода шуда, дар асри X «Қорура» ё «Тафсира» номида мешуданд [91, с. 10].

Муваффақияти калони тибби форсу тоҷик на фақат бо дараҷаи баланди инкишофи маданияти халқҳои форсзабон, балки ба туфайли бо илми тибби Шарқи кадим робитаи  доштанаш ҳам муяссар шуд. Дар ин ҷо қабл аз ҳама тибби Юнон, Ҳиндустон, Хитой, Миср ва мамолики шарқи араб дар назар дошта мешавад, ки онҳо низ дар ин соҳа хеле пешрав шуда буданд [91, с. 23].

Мутахассисони тиб дар Авасто қабл аз ҳама ба масъалаҳои тиббии

дар ҳолати солим нигоҳ доштани ҷисму бадан эътибор медоданду мароқ зоҳир менамуданд. Дар ин китоб масъалаҳои тиб дар шакли басо оддӣ ва омехта бо таълимоти динӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, қоидаю шартҳои дар ҳолати солим нигоҳ доштани ҷисму бадан, зарурати на фақат аз нуқтаи назари муолиҷавӣ, балки аз нуқтаи назари пешгирии касалиҳо ҳам қатъӣ риоя кардани гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ, хусусан гигиенаи оби нӯшокӣ, хоку муҳит дар замонаш барои саломатии мардум накши муайян бозиданд [91, с. 25].

Дар Авасто илми тиб чун санъати дар ҳолати солим нигоҳ доштани бадан таърифу баён шудааст. Илми тибби халқҳои форсзабон аз Авасто оғоз меёбад.

Дар Авасто усули ташхиси бемориҳо ва усулҳои фитотерапия (муолиҷа бо гиёҳҳо) зикр ёфтааст. Худо Аҳура Маздо барои одамон беш аз 10 000 гиёҳи шифобахш ато кардааст. Усулҳои аз гиёҳ сохтани дору ва тарзҳои истифодаи он маълум буда, баъзеи ин дорую гиёҳҳо ба сифати воситаи пешгирии бемориҳои ҷудогона тавсия шуда буданд. Дар китоби қадима нахустин духтури рӯи замин Трита зикр шудааст, ки вай ҳамаи хелҳои гиёҳҳои шифобахш ва тарзҳои аз онҳо тайёр кардани доруро медонист. Дар Авасто ғайр аз гиёҳҳои дорубоб хосиятҳои шифобахши шакар, асал, равғани шафтолую кунҷут, ширеши дарахт, сирко, сир, май, сақич, сурб ва ғайра ёдовар шудааст [91, с. 28].

Давраи нашъунамои мактаби тиббии Ганди Шопур (асрҳои III - VII) марҳалаи дигари муҳими таърихи инкишофи тибби халқҳои Эрону Осиёи Миёна буда, он заминаи дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна ва Марказӣ бунёд шудани мактабу равияҳои нави тиб гардид. Академияи Ганди Шопур бо асоси комил гаҳвораи тибби илмии форс-тоҷик дониста мешавад.

Донишгоҳи Ганди Шопур беш аз 300 сол вуҷуд дошт. Аз нуқтаи назари таърихӣ донишгоҳи Ганди Шопур аввалин мактабе буд, ки дар он омӯзиши тиб аҳамияти бевосита амалӣ дошт. Анҷоми тадбирҳои

муоличаю пешгирии беморихо, кори таълимию омӯзгорӣ ва илмӣ тарҷумаи асарҳо, тартиб додани маҷмӯаҳои қомусӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии ин мактаб буданд [91, с. 31].

Донишгоҳ китобхонаи калонтарин дошта, он дар беш аз 250 бино чойгир буд. Духтур Бахтишо нахустин ректори донишгоҳ буд. Донишгоҳи Ганди Шопур маҳалли ташкили бисёр ҷамъомадҳои олимон мегардад. Масалан, бо амри ҳоким Хусрави I Анушервон ҳанӯз соли 561 дар шаҳри Ганди Шопур аввалин конгресси олимони тибби донишгоҳҳои қариб ҳамаи давлатҳои мутараққӣ даъват карда шуда, он бешубҳа инкишофи минбаъдаи илми тибро такон дод [91, с. 32].

Олими маъруфи тиб, файласуф, омӯзгори шинохтаи донишгоҳи Ганди Шопур, духтури асли насабаш эронӣ Барзуя симои барҷастае буд. Вай сазовори унвони сарвари духтурони форс гардидааст. Ӯ бо супориши ҳокими сосонӣ Анушервон китоби махфии «Панчатантра» -ро («Ҳаёти безавол») пинҳонӣ аз Ҳиндустон ба Эрон овардааст. Барзуя китоби «Панчатантра» -ро бори нахуст аз забони ҳиндии қадима ба паҳлавӣ тарҷума карда, онро «Калила ва Димна» номид. Дар ин ҷо мо дар бораи якчанд пизишкону олимони Ганди Шопур маълумот медиҳем. Абдулло ибни Мукаффаи Эронӣ (721 - 779) симои намоёни мактаби духтурони Ганди Шопур буда, рисолаҳои бисёре навиштааст ва китобҳои сершумор аз ҷумла китоби ҳиндии «Панҷатантра» -ро аз варианти паҳлавиаш («Калила ва Димна») ба забоии арабӣ тарҷума кардааст [91, с. 36].

Муҳаммад ал-Ҳарис ибни Калидаи миллаташ араб айёми навҷавонӣ ба донишгоҳи Ганди Шопур омада, илми тибро мукаммал аз бар кард. Духтури юнонӣ Теодоруси насронӣ табиби дарбории асосгузори сулолаи сосониён Шопури I буда, ба забони паҳлавӣ китоби тиббии «Тавлдорус» -ро навиштааст. Ӯ ба ҷавонписарони эронӣ санъати муоличаю шифобахширо меомӯхт. Шопури бузург ба нишони миннатдорӣ ва эҳтироми Теодорус дар шаҳри Ганди Шопур калисои

насронӣ сохт ва бисёр асирони ҳарбии ҳамватани ӯро аз асорат озод кард.

Дар таърих номи боз чандин духтури юнонӣ (Трибунас, Иоҳанно ва дигарон) зикр ёфтааст, ки онҳо дар бемористонҳои донишгоҳи Ганди Шопур кор карда, асарҳои ҳамватанони худ Буқрот (Ҳиппократ), Ҷолинус (Ҳален), Арасту (Аристотел) ва дигаронро ба забони паҳлавӣ гардондаанд.

Ганга (Манка) ал-Ҳиндии ҳинду, Ҳусайн ибни Исҳоқи араб ва дигарон духтурони маъруфе буданд, ки дар донишгоҳи Ганди Шопур кор мекарданд. Аз тоифаи дорусозони донишгоҳи Ганди Шопур номи Шопур ибни Саҳл, ибни Саҳарбухт, Абӯязиди Чаҳорбахит ва писарони вай Айс ва хусусан Мусовайх (Абӯзакариё ибни Мусовайх) шуҳрат дорад, ки ӯ сардори дорусозони шаҳри Ганди Шопур буд. Ибни Мусовайх (Иуҳанно) касби духтуриро аз табиби машҳур Бахтишои I омӯхта, баъдтар табиби дарбории халифони Бағдод Ҳорун ар-Рашид ва Мутаваккил мешавад. Вай доир ба доруномa, дардҳои чашм, махав ва бемориҳои дигар рисолаҳои бисёре навиштааст.

Шопур ибни Саҳл (соли вафоташ 869) асосгузори доруномаи шарқӣ мебошад. Дастнависи китоби вай «Доруномаи калон» ҳозир дар китобхонаи шаҳри Мюнҳен маҳфуз аст. Ин китоб дар давоми 300 сол китоби зарууртарини кормандони дорухонаҳо ва духтурон буд. Шопур ибни Саҳл дар зарфи солҳои бисёре сарварии бемористони Ганди Шопурро бар уҳда дошт [91, с. 37].

Бо таъсири донишгоҳи Ганди Шопур, ки дар он мероси қадимаи тибби форсӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ на фақат омӯхта, балки ба илмҳои табиатшиносӣ ҳатталимкон наздик карда шуда, дорушиносӣ соҳаи мустақили илм гардид, як силсила марказҳои илмии тиббӣ барпо мешаванд. Аз байни оҳо қабл аз ҳама донишгоҳи Нагибин қисми Ғарбии Эрон, мактаби тиббии шаҳри Марв, донишгоҳҳои Бағдоду Хоразм қобили қайд мебошанд. Тибби асрҳои миёнаи Шарқ, -

навиштааст муаррихи намоён профессор М.П. Мултановский, - илми тибби пешқадами эҳёро ғанӣ гардонд ва яке аз сарчашмаҳои он гардид [104, с. 57].

Тибби илмие, ки асосгузораш Ар-Розӣ ва ибни Сино, пешгузаштагонашон, муосирон ва пайравонашон мебошанд, асрҳои баъдина то худи асри XVIII инкишоф меёфт, онҳо китобу рисолаҳое навиштаанд, ки қабл аз хама таҷрибаи амалии худи муаллифон ва дониши мероси табибони қадим асосу пояи ин асарҳо, қарор гирифта буданд. Абӯбакри Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё ар-Розӣ (дар Аврупо номи ӯро Разве ё Разис талаффуз мекунанд) аз духтурони ҳозиқтарини даврони худ, пешгузаштаи Абуалӣ ибни Синои заковатманд, мутафаккири барҷаста, олими фозили гуногунсоҳаест, ки ба равнақи илм, хусусан ба тиб, кимиё, фалсафа, физика, мантиқ ва соҳаҳои дигари табиатшиносӣ саҳми калон гузоштааст. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои мухталиф ар-Розӣ аз 136 то 272 асари доир ба соҳаҳои гуногуни илм навиштааст, ки аз онҳо беш аз 60 асарро ба илми тиб бахшидааст. Бо ташаббуси ар-Розӣ аввалин бор дар таърихи тиб варақаҳои таърихи беморӣ ҷорӣ шуда, маҳфилҳои таълим ташкил ёфта буданд.

Бемории холера дар давраи пеш аз инқилоб дар қаламрави Тоҷикистон (дар марзҳои ҳозираи он) то имрӯз дар адабиёт рӯшан карда нашудааст. Аввалин зикри холера дар Тоҷикистон, ки мо дорем, ба соли 1840 рост меояд, вақте ки дар Қалайхумб тақрибан 700 нафар аз лашкари хони Қуқанд, ки Дарвозро ишғол карда буд, кушта шуданд. Эпидемияи рушдёфта муҳосираи Қалайхумбро бардошта, сарбозонро бозпас гирифт [144, с. 35-38].

Тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, дар гузашта вазъият дар Бухорои Шарқӣ, ки як қисми хонигарии бухоро буд, махсусан вазнин буд. Пас аз инқилоби халқӣ он ба ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро (ҶШХБ) дохил шуд. Дар ин қаламрав дар солҳои 20-уми асри XX гурӯҳҳои

босмачиён ба ғорату бедодгарӣ машғул буданд. Барои нест кардани босмачиҳо Артиши Сурх кӯмаки калон мерасонд.

Аммо, вақте ки онҳо ба шароити номусоиди иқлимӣ дучор шуданд, бисёре аз сарбозони ҷанги шаҳрвандӣ аз бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ, ки дар ин ҷо паҳн шуда буданд, азият мекашиданд.

Ин аст, ки яке аз иштирокчиёни фаъоли мубориза бо босмачигарӣ М.С. Топилский ба ёд меорад: ”вазъият дар вақти омадани мо дар Бухорои Шарқӣ барои мо номусоид буд. Аксар вақт сарбозон дар ҷанг ба табларза гирифтор мешуданд. Дар чунин шароит аҳволашон ба вазъияти вазнин табдил меёфт ва он вақт душмани рақами як на босмачиҳо, балки касалии сил мешуд.

Пайдоиш ва рушди бисёр соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ дар водӣ ба сохтмони обёрии Вахш алоқаманд мебошад. Мардуми водӣ дар арзи садсолаҳо чӣ будани муассисаҳои табобатиро намедонист. Танҳо дар охирҳои асри XIX ҳукуматдорони аморати Бухоро таҳти фишори қисми аҳолии равшанбини Русия дар қаламрави мамлакат якчанд муассисаҳои хурди тиббӣ ташкил намуданд. Аз ҷумла соли 1891 дар шаҳри Бухоро беморхонаи русӣ-маҳаллӣ ба фаъолият сар кард, ки ҳамагӣ 30 кат, 2 нафар духтур, 3 фелдшер ва 1 нафар дорусоз дошт [102, с. 89-90].

Соли 1896 амбулаторияи кӯчак дар водии Вахш дар Саройкамар (н. Панҷ) пайдо шуд, ки дар он чанд нафар мутахассисони рус кор мекарданд. Духтурони рус дар байни аҳолии маҳаллӣ обрӯ ва маҳбубияти хоса доштанд. Вале пас аз ду соли ҳукумати аморат маблағгузории ин муассисаи тиббиро қатъ намуд ва амбулатория баста шуд.

4 декабри соли 1883 дар Туркистон беморхона кушода шуд, роҳбари аввал духтурзани рус Н.Н. Гундиус буд, ёвари ӯ ва духтури дуюм А.В. Пославская ва ординатори вай Иванова Е., ёрдамчиёни табибон фелдшер Биби Латифа Мумина (тоҷик) ва тарҷумон Биби Ғарифа Нургалиева (тотор) буданд. Дар моҳи аввал зиёда аз 200 бемор ба шифохона ташриф оварданд. Соли 1885 масъалаи васеъ кардани беморхона ва ташкили катҳои доимӣ дар назди он ба миён омад [151, с. 61].

То инқилоби Октябр Тоҷикистон яке аз канораҳои қафомондаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Русияи подшоҳӣ буд. Дар он вақт аҳолии Тоҷикистон, ба монанди дигар ноҳияҳои миллии империяи Русия, ба зулми шадиди иҷтимоӣ ва миллӣ дучор мешуданд. Ҳукумати шоҳ ба таҳсилот ва хизматрасонии тиббии аҳолӣ аҳамият надод. Ҳамин тавр, дар соли 1913 ба 10000 аҳолӣ 0,2 духтур ва 0,4 катҳои беморхона рост меомад [155, с. 24-28].

1 сентябри соли 1884 дар Қуқанд беморхонаи занона (мудираш Филипова С.) ва 29 сентябри соли 1886 дар Хуҷанд (мудираш Горновская А.) фаъолият менамуданд. Дар соли 1880 дар минтақаи Туркистон 24725 мард, 2402 зан ва 700 кӯдак аз тарафи табибон қабул карда шуданд. Дар солҳои 1880-1890 43305 нафар беморон ва 82205 нафар шахсон ташриф овардand, ки ба ҳисоби миёна дар як сол зиёда аз 8 ҳазор шахсони муроҷиаткунанда ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯи ҳайати миллӣ: узбекҳо - 40034 нафар, қирғизҳо – 1509 нафар, тоторҳо – 491 нафар, яҳудиён – 334 нафар, тоҷикон - 37 нафар буданд. Дар ин даҳсола 2589 кӯдаки гирифтори бемории зуком, яъне 14% ҳамаи кӯдакони бемор буданд, аммо то соли 1893 шумораи онҳо то 52 кӯдаки бемор коҳиш ёфт. 983 нафар гирифтори касалии сифилис буданд. Моҳи июли соли 1893 дар Тошканд таваллудхонаи 5 катдор кушода шуд. Дар соли 1910 дар вилояти Туркистон 30 духтурзан, дар шаҳр 11 нафар, дар деҳот 10 духтури минтақавӣ кор мекарданд [151; 170].

Дар бораи бемории холера маълумоти аҳолии маҳаллӣ мавҷуд нест [101, с. 29], аммо дар сурати мавҷуд будани эпидемия он осеб надидааст. Гарчанде ки дар бораи аз куҷо пайдо шудани холера дар Қалайхумб маълумот вуҷуд надорад, онро аз Афғонистон (Бадахшон) ворид кардан мумкин аст.

Дар давраи пандемияи сеюм (с. 1844-1864) дар Бухоро аллакай моҳи сентябри соли 1844 холера аз Ҳирот оварда шуда буд. Тақрибан дар ҳамин вақт холера ба Самарқанд ворид шуд; хуруҷи калони беморӣ ҳам дар худи шаҳр ва ҳам дар деҳоти атроф қайд карда шуд. Дар он солҳо маълумоти дақиқ дар бораи беморӣ вуҷуд надошт, аммо тахмин кардан душвор аст, ки

холера дар қаламрави ҳозираи водии Зарафшон, ки ҳамагӣ 30 километр дуртар аз Самарқанд ҷойгир аст, паҳн нашудааст.

Пас аз ворид шудани холера, дар миёнаи солҳои 40-уми асри гузашта Бухоро ва Самарқанд, ин беморӣ дар Осиёи Миёна то соли 1871 мушоҳида нашуд [154, с. 30-37].

Дар давраи пандемияи чорум (с. 1864-1875) холера дар соли 1871 тавассути роҳҳои корвонӣ аз Эрон ба Бухоро оварда шуд. Дар моҳи майи соли 1872 он ба Ҷиззах оварда шуд ва дар тамоми Осиёи Миёна паҳн шуд. Дар қаламрави Тоҷикистон бемориҳои холера 28 майи соли 1872 дар Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) ва 20 июн дар Хуҷанд, инчунин дар деҳаҳои сераҳолии уезди Хуҷанд пайдо шуданд. Дар деҳаҳои баландкӯҳ низ бемориҳо ба қайд гирифта шудаанд [144, с. 35-38].

Мардуми водии Вахш дар арзи садсолаҳо чи будани муассисаҳои табобатиро намедонист. Танҳо дар охири асри XIX ҳукуматдорони аморати Бухоро таҳти фишори қисми пешқадами ҷамоатчигии Русия дар қаламрави мамлакат якчанд муассисаҳои хурди тиббӣ ташкил намуданд. Аз ҷумла соли 1891 дар шаҳри Бухоро беморхонаи русӣ-маҳаллӣ ба фаъолият сар кард, ки ҳамагӣ 30 кат, 2 нафар духтур, 3 фелдшер ва 1 нафар дорусоз дошт [57, с. 3-6].

Соли 1896 амбулаторияи кӯчак дар водии Вахш дар Саройкамар (ҳоло н. Панҷ) пайдо шуд, ки дар он чанд нафар мутахассисони рус кор мекарданд. Духтурони рус дар байни аҳолии маҳаллӣ обрӯ ва маҳбубияти хоса доштанд. Вале пас аз ду сол ҳукумати аморат маблағгузории ин муассисаи тиббиро қатъ намуд ва амбулатория баста шуд.

Ҳукумати шоҳии Русия дар охири асри XIX дар мулкҳои Осиёи Миёнаи худ барои як нафар дар як сол ҳамагӣ 14 тин барои хизмати тиббӣ сарф мекард. Фелдшер Хмелевский, ки соли 1902 дар ҳайати отряди сарҳадии рус ба Помир омада буд, кӯшиш кард, ки дар ин ҷо фаъолияти бунгоҳи тиббиро амалӣ кунад [169, с. 4].

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки сокинони водии Вахш дар масири таърих чи будани табобати солим ва муассисаҳои табобатиро дар ёд надошт.

Аз сарчашмаҳо ва маъхазҳо маълум мегардад, ки халқи тоҷик аз қадим табибони номдори худро дошт, ки баъзеашон шуҳрати ҷаҳониро доро буданд, ба мисли Форобӣ, Закариёи Розӣ, Абуали ибни Сино ва дигарон. Ана ҳамин базаи асосии олимони тибби миллати тоҷик сабаб гашт, ки ворисони ин миллат соҳаи тандурустиро бештар бо донишу таҷрибаҳои дарозмуддати худ боз ҳам ривоҷу равнақ диҳанд.

## 1.2. Сохтмони аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1924-1940

Таърихи тибби минтақаи Қӯрғонтеппаро мавриди омӯзиш қарор дода, онро аз воқеаҳои сиёсии он давра ҷудо кардан нодуруст мебуд. Зеро барпокунии Ҳокимияти Шуравӣ ва сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ тамоми соҳаҳои ҳаёт ва минҷумла соҳаи тибро низ дар бар мегирифт.

Соли 1913 дар тамоми ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ҳамагӣ 13 духтур ва 38 нафар кормандони миёнаи тиб мавҷуд буданду халос [102, с. 92].

Дар баробари дигар бемориҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа бемориҳои пӯст ба саломатии мардум зарари калон мерасониданд ва бо характери эпидемиологии худ зуд паҳн мешуданд. Ин бемориҳоро ҳанӯз пеш аз инқилоб олими русВаригин М.А. пешгӯйи карда буд. Дар ин бора М.А. Варигин дар маҷаллаи даврии «Известия императорского географического общества» соли 1916 дар бораи иқлими тоқатфарсо ва зисту зиндагонии мардуми ин диёр чунин навиштааст: «Табиат умуман носолим аст. Бухор ва бӯйи ғализи водиҳо ба баландиҳо мебароянд. Ҳолати зидди санитарии халқи маҳаллӣ, сохтмонҳои бо ҳам пайваст ва ҳавливу аспхонаҳоро агар илова намоем, заминаи ниҳоят хуби инкишофи микробҳо ва бемориҳои гуногун мебошад. Дар байни мардуми маҳаллӣ бемориҳои пӯст - вараҷаи сар ниҳоят паҳншуда мебошад, ки баъзан ҷароҳати фасоди тамоми сарро ба хотир меорад» [80, с. 680].

Ба фикри мо паҳншавии бемориҳои сироятӣ хатари ҷиддие буд, ки ба тамоми минтақа таҳдид мекард ва маҳз барои ҳамин Ҳукумати Шуравӣ мубориза бо ин бемориҳоро дар мадди аввал гузошт. Вобаста ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ гуфта ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки мардуми маҳаллӣ каму беш аз фарҳанги тозагиву ҳифзи саломатӣ бархурдор буд, аммо шароити зиндагӣ қашшоқӣ, набудани оби тоза, иқлими гарми минтақа ва дигар омилҳо ба афзоиши ин бемориҳо сабаб мешуданд.

10 декабри соли 1920 дар ҶХШ Бухоро Нозироти тандурустӣ фаъолият мекард ва аввалин вазири тандурустӣ М. Абдулвоҳид (Мунзим) буд [127, с. 46].

Бо фармони шурои нозирони халқии ҶХШ Бухоро аз 4 – уми майи соли 1921 бо рақами 94 дар назди Нозироти меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ комиссияи марказии санитарӣ таъсис дода шуд [59, с. 1].

Мардуми тоҷик номҳои табибони солҳои 20-уми асри XX-ро, ки корҳои тадқиқотиро оид ба омӯзиши патологияи сироятии минтақа оғоз кардаанд, Ҳамчун Шуренкова А.И., Арихбаев К.П., Латишев Н.И., Магнитский Е.И., Макарин А.А., Парадоксов Л.Ф., Кешишян М.Н. онҳо инчунин паҳншавии васеи трахома, дерматомикозҳо, зобҳои эндемикиро муайян карданд [189].

Дар бораи бемории аҳолии Осиёи Миёна то пайвастани он ба Русия танҳо аз рӯи баъзе манбаъҳои адабии боқимонда баҳо додан мумкин аст. Ба онҳо шаҳодати сайёҳони алоҳидаи шахсони мансабдор, аз ҷумла табибоне, ки дар гузашта ба Осиёи Миёна ташриф овардаанд ва ба мавҷудияти бемориҳои гуногуни вазнин таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд, дохил мешаванд [149, с. 6]. Ба онҳо дар минтақаи Туркистон инҳо дохил мешуданд: зуком (малярия), бемориҳои меъда ва рӯда, пенди (лейшманиози пӯст), холера, махав, сил, риштаи зоб (Л.Ф. Костенко, 1880), дар Бухоро бошад, табларза, бемориҳои меъда ва рӯда, зоб, сифилис, бемориҳои чашм, сил. (Д.Н. Логофет, 1911). Дар бораи паҳншавии ин бемориҳо дар байни сокинон ва дигар бемориҳо дар асарҳои А. Вамбери (1868), Л. Ф.Костенко (1871), Н.

Хаников (1882), И. Яворский (1889), Д.Н. Логофет (1909, 1911) ва дигарон гуфта шудааст. Аз рӯи ин шаҳодатҳо, инчунин дигар маводҳо, табиист, ки танҳо тасаввуроти нисбӣ дар бораи ҳолати санитарии аҳолии Осиёи Миёнаи пеш аз инқилоб ба даст оварда мешавад.

Аз ин лиҳоз мо зарур шуморидем, ки таърихи тибро аз давраи солҳои 20-ум, яъне аз замони таъсисёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар водии Вахш оғоз намоем. Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар водии Вахш аз рӯзи 20 –уми майи соли 1921 оғоз мешавад. Дар ин рӯз, полкҳои 6-ум ва 52 - юми Артиши сурх ба шаҳри Қӯрғонтеппа дохил шуда, онро ба зери тасарруфи худ даровsecurityарданд ва сохторҳои ҳокимияти маҳаллиро дар шаҳру ноҳияҳои атрофи он созмон доданд. Онҳо минтақаи Қӯрғонтеппаро расман вилоят номиданд ва ҳамчун туман ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) дохил карданд. Соли 1922 аввалин интихоботи мақомоти халқии маҳаллии вилояти Қӯрғонтеппа гузаронда шуда, дар интихобот Кумитаи Иҷроияи мақомоти ҳукумати вилоят интихоб карда шуд. Дар ҳайати кумита шуъбаи тандурустии вилоятӣ низ таъсис дода шуд. Дар ин давра дар минтақаи Қӯрғонтеппа духтурони касбӣ ва муассисаҳои тиббӣ набуданд. Табибони касбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа асосан солҳои бистуми асри XX, дар ҳайати Артиши Сурх омадаанд.

Соли 1922 як қисми Артиши Сурх дар ноҳияи Саройкамар (н. Панҷ) дидгоҳи худро сохтанд. Бо мурури замон биноҳои похсагини аз Артиши Империяи Русия мондаро аз нав сохта дар он ҷо муқимӣ шуданд. Соли 1924 дар назди гарнизони ҳарбии сарҳадӣ барои пешгирӣ, бақайдгирӣ ва муолиҷаи беморони вараҷа нуқтаи тропикӣ сохта ба истифода дода шуд.

Хизматрасонии тиббӣ дар Қубодиёни тоинқилобӣ ба талаботи аҳолӣ ҷавоб дода наметавонист. Соли 1923 ба аҳолии бекигарии Қубодиён танҳо як табобатхона хизмат мерасонид, ки дар он асосан сарҳадчиёни рус кор карда, баъзан табибони маҳаллӣ низ ҷалб карда мешуданд. Ёрии таъҷилӣ ва таваллудхонаҳо умуман вуҷуд надоштанд [70, с. 75-76].

Табиб Андреев А., ки як қатор деҳаҳоро 12 ноябри соли 1923 муоина кардааст, навиштааст, ки “аксари онҳо аз бемориҳои пӯст ва чашм азият мекашанд. Ришта нест, аммо захми пендин ва скаб хеле зиёданд. Дар мавзеъҳои Бешкент ва Қубодиён ягон фелдшер кор намекунад. Дар Қубодиён ба ғайр аз Лекпоми (лекарский помошник – ёрдамчии табиб) Артиши Сурх ягона беморхонаи ҳарбӣ набуд. Дар Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) беморхонаи ҳарбии бригадӣ фаъолият менамуд” [60, с. 45].

Бо мақсади ба роҳ мондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб, соли 1924 Комиссариати халқӣ оид ба ҳифзи саломатӣ таъсис ёфт. Таъсиси идораи махсуси тиббӣ барои мардуми маҳаллӣ як сохтори нав буд, зеро то ин дам онҳо чунин вазифаро танҳо кори табибони хусусӣ медонистанд, ки дар маҳалҳо мардумро бо ҳар гуна алафу гиёҳҳо табобат мекарданд ва таъсисёбии идораҳои давлатии соҳаи тиб сабаб гардид, ки фаъолияти давлати Шуравӣ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ суръати тоза гирад.

Барои ташкили кӯмаки тиббӣ ба аҳолии Бухорои Шарқӣ дар аввали соли 1924 шуъбаи тандурустии Бухорои Шарқӣ таъсис дода шуд, ки на шабакаи муассисаҳои табобатӣ ва на кадрҳои тиббӣ дошт. Шуъбаи тандурустӣ тавассути идораи қисми санитарии корпуси 13-уми тирандозӣ, ки он солҳо дар Бухорои Шарқӣ дар асоси шартномаи соли 1924 баста шуда буд, баъзе корҳоро оид ба хизматрасонии тиббии аҳолӣ анҷом дод [11, с. 12]. Дар он гуфта мешуд: ”Таъмини кӯмаки тиббӣ ба аҳолии бумӣ аз ҷониби муассисаҳои санитарии корпус дар нуқтаҳое, ки муассисаҳои табобатии шаҳрвандӣ наметавонанд, таъсис дода шавад”. Идораи қисми санитарии корпус ӯҳдадор шуд, ки дар нуқтаҳои зерин ёрии тиббӣ расонад: а) амбулаторӣ дар Ғарм, Кӯлоб, Широбод, Юрчӣ, Қубодиён, Сариосиё ва Ёвон; б) статсионарӣ дар Кӯлисуфиён, Қаротоғ, Бойсун ва Душанбе, ки дар се мавзеъ 5 кат ва дар Душанбе 10 кат ҷудо карда шудааст [173, с. 44].

Амбулаторияҳои бо қисми санитарии корпуси тирандозӣ ҷойгиршуда вобаста ба ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ ва вазъи ҷангӣ кушода ва баста

мешуданд. Илова бар ин, он вақт дар Бухорои Шарқӣ тақрибан 15 нуқтаи тиббӣ аз ҳисоби ҷумҳурии Бухоро нигоҳ дошта мешуд.

Соли 1924 барои Артиши Шуравӣ соли ниҳоят вазнин омад. Дар вилояти Қӯрғонтеппа афсарону сарбозон ба бемориҳои сироятӣ, бахусус аксарияти онҳо ба касалии вараҷа гирифтор шуданд. Бо қарори Комиссариати ҳарбии Туркистон, дар худи ҳамон сол ба вилояти Қӯрғонтеппа гурӯҳи табибони касбӣ барои табобати беморон ва пешгирии бемориҳои сирояткунанда фиристода шуданд. Онҳо дар баробари табобату эмгузаронии афсарону сарбозони Артиши Сурх, мардуми таҳҷоиро низ муолиҷа карда, сироят наёфтагонро зидди бемориҳои сироятӣ эм мегузарониданд. Пас аз суст шудани авҷи эпидемияи бемориҳои сироятӣ табибони ба вилояти Қӯрғонтеппа омадаро ба бунгоҳҳои тиббии амалкунанда ва нав ташкилшуда тақсим карданд.

Баъди тасдиқ шудани Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, соли 1924 ба ҳайати он минтақаи Қӯрғонтеппа ҳамчун вилоят дохил гардид [87, с. 56].

Бо мақсади ба роҳ мондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб, соли 1924 Комиссариати халқӣ оид ба ҳифзи саломатӣ таъсис ёфт. Таъсиси идораи махсуси тиббӣ барои мардуми маҳаллӣ як сохтори нав буд, зеро то ин дам онҳо чунин вазифаро танҳо кори табибони хусусӣ медонистанд, ки дар маҳалҳо мардумро бо ҳар гуна алафу гиёҳҳо шифо мекарданд ва таъсисёбии идораҳои давлатии соҳаи тиб сабаб гардид, ки фаъолияти давлати Шуравӣ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ суръати тоза гирад.

Моҳи декабри соли 1924 дар шаҳри Тошканд Комиссариати халқии тандурустии ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки аз 5 нафар иборат буд ва дар якҷоягӣ бо якчанд кормандони тиб ба ш. Душанбе фиристода шуданд [6, с. 399].

Дар соли 1924 Идораи қисми санитарии корпуси 13 – уми тирандозӣ ӯҳдадор шуд, ки ба нуқтаҳои зерини минтақа ёрии тиббӣ расонад:

а) амбулаторӣ дар ноҳияҳои Ғарм, Кӯлоб, Қубодиён ва Ёвон;

б) статсионарӣ дар Кӯли Суфиён (Норак), Қаротоғ, ки 5 кат ҷудо шуда буд [43, с. 3].

Соли 1924 баъди ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон Комиссариати халқии тандурустии ҷумҳурӣ таъсис шуд, ки он ба омода сохтани зербинои соҳаи тандурустӣ шуруъ намуд. Пас аз 1 сол дар водии Вахш – дар ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) аввалин бунгоҳи тиббӣ ба фаъолият сар кард. Ягона духтури ин муассиса А.И. Чижов буд [102, с. 90]. Хизматҳои ин марди шариф дар табобати аҳолӣ калон аст.

Мавзуи барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тибби замонавӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа солҳои 20-30-юми асри XX-ро ҷамъбаст намуда, боиси қайд аст, ки маҳз барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ба таъсиси тибби замонавӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва дар тамоми Тоҷикистон гардид. Яке аз аввалин шаклҳои идоракунии соҳаи тиб ин Сарраёсати тибби ҳарбӣ буд, ки он 14 декабри соли 1917 таъсис ёфт ва баъдтар 11 июли соли 1918 дар дохили ин сарраёсат Комиссариати халқии тандурустӣ ташкил шуд. Олими шинохтаи соҳаи тиб Соловёв А. дар солҳои 20-ум ба вазифаи комиссари Сарраёсати давлатии ҳарбӣ-санитарӣ (ГВСУ) таъин гардид [131, с. 348].

Аҳолии ҶШС Тоҷикистон то соли 1925 ёрии махсуси тиббиро оид ба бемориҳои чашм намедонистанд. Дар моҳи феврали соли 1925 дар шаҳри Сталинобод амбулаторияи ҷарроҳии чашм кушода шуд [161, с. 23-25].

Соли 1925 ба вазифаҳои худ таъин карда шуданд, ки бо ташкили кумитаҳои иҷроия ба мудирияти шуъбаҳои тандурустии вилоят шурӯъ карданд. Дар соли 1928 дар 6 вилоят: Ғарм, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ҳисор, Панҷакент ва Ӯротеппа нозирони тандурустӣ роҳбарии кори тандурустиро ба ӯҳда гирифтанд [27, с. 400; 174, с. 16].

То соли 1925 Комиссарони Артиши Сурх афсарону сарбозони беморро барои муолиҷа ба госпитали ҳарбии шаҳри Душанбе мефиристоданд. Шурои инқилобӣ ва Комиссарони полки 78-ум қарор карданд, ки дар ноҳияи Шаҳритус биное барои беморхонаи ҳарбӣ сохта ба истифода диҳанд, ки

дорои 20 кат бошад. Дар ин беморхона табибони аз Русия омада ба муоличаи беморон машғул буданд. Дар мавридҳои зарурӣ дар нуқтаи тиббӣ ва беморхонаи ҳарбӣ мардуми бемори ин минтақа низ муолича карда мешуд [52, с. 22-23].

Дар соли 1925 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 5 беморхона бо 105 кат мавҷуд буд, дар соли 1929 шумораи беморхонаҳо то 21 адад афзуд ва дар онҳо 960 кат то охири панҷсолаи аввал (с.1928-1932) мавҷуд буда, шумораи беморхонаҳо то 58 адад бо 2035 кат афзуд. То 1 январи соли 1939 ҳамаи муассисаҳои статсионарӣ 100 беморхона ва 3610 кат доштанд, ки 1137 кат он дар деҳот буд [167, с. 5-9].

Аллакай дар солҳои 1924-1925 шумораи беморони ба амбулатория муроҷиатнамуда ба 12,3 ҳазор нафар расида буд, аз ҷумла, ба амбулаторияи дандон 1796 нафар, ба беморхонаи чашм ва ҷарроҳӣ ба 2184 нафар беморон муроҷиат карданд. 293 нафар касалиҳо ёрии беморхона гирифтанд, ки онҳо 2879 рӯзи дар беморхона хоб карданд. Дар ин муддат 10 ҷарроҳии вазнин ва 75 ҷарроҳии на он қадар вазнин, 44 ҷарроҳии мураккаби чашм, 51 ҷарроҳии оддӣ ва 1480 тадқиқоти лабораторӣ гузаронида шуд [42, с. 155; 174, с. 16]. Комиссариати халқии тандурустии ҷумҳурӣ 19 духтур, 29 фелдшер-акушер ва дигар кормандони дараҷаи миёнаро бо ҷойи кор таъмин намуд [174, с. 16].

Дар "Ҳисобот дар бораи фаъолияти Комиссариати халқии тандурустии ҶМШС Тоҷикистон аз 7 феврал то 1 октябри соли 1925" гуфта мешавад, ки аз оғози ташкили Комиссариати халқии тандурустии ҷумҳурӣ дар шаҳри Душанбе 1 амбулаторияи шаҳрӣ кушода шуда, назорати санитарӣ-эпидемиологии шаҳр ҷорӣ карда шуда, истгоҳи касалии малярия ба кор шурӯъ кард. 2 амбулаторияи махсус оид ба бемориҳои чашм ва ҷарроҳӣ амал менамуданд. Нозироти халқии тандурустии ҷумҳурӣ ба аҳолии ноҳияҳои Янгибозор (ш. Ваҳдат), Ёвон, Файзобод, Кӯлоб, Кӯли Суфиён (Норак) ёрии тиббӣ расонид. Буҷети тандурустии ҶМШС Тоҷикистон (бе округи Хуҷанд) аз 588,0 ҳазор рубл дар солҳои 1925-1926 то 1 млн. 629 ҳазор рубл дар солҳои 1928-1929 афзоиш ёфт, яъне қариб 3 маротиба зиёд гардид. Дар ин муддат

шумораи табибон аз 18 нафар то 63 табиб афзуданд. Акушерҳо аз 4 то 26 нафар, табибони дандон аз 2 то 6 нафар, фелдшерҳо аз 4 то 11 нафар, лекпомҳо аз 16 то 48 нафар ва ҳамшираҳои шафқат аз 11 то 37 нафар, шумораи умумии онҳо аз 55 то 191 нафар, яъне 3,5 маротиба афзуд. Аз 1 декабри соли 1924 то 1 январи соли 1929 беморон 823116 маротиба ба назди табибон ташриф овар данд [26, с. 400-401].

Пас аз ташкили ҶМШС Тоҷикистон 13 феврали соли 1925 дар шаҳри Дюшамбе (Душанбе) гурӯҳи аввали табибони шаҳрвандӣ, ки дар ҳайати он профессор Л.Ф. Парадоксов буд, омаданд. Бинои Комиссариати Халқии тандурустии ҷумҳурӣ дар се ҳуҷраи бинои гил ҷойгир карда шудааст: Комиссариати халқии тандурустӣ, дорухона ва кормандон дар шумораи 6 нафар. Табибони Федоров дар соли 1925 дар наздикии Обигарм, табиби Спажев дар соли 1929 дар Ванҷ, табиб Олхов дар соли 1931 дар Қалайхумб, табиб Бондарев дар соли 1931 дар наздикии Заҳматобод бо дасти хунини босмачиҳо кушта шуданд [169, с. 6].

Таваҷҷуҳи зиёди Ҳукумат ба масъалаҳои тандурустӣ ҳамаи кормандони соҳаи тандурустиро вазифадор мекард, ки тамоми қувваи худро ба он равона кунанд, ки кишвари мо аз ҷиҳати санитарӣ ва эпидемия солимтарин ва ободтарин бошад [167, с. 5-9].

Ин ҷо мо дар бораи нақши авиатсияи санитарӣ дар таъмини аҳолӣ бо ёрии тиббӣ сухан ронда, таърихи пайдоиш ва рушди ин хидматро ба ёд меорем [133, с. 8-9].

Дар Русияи пеш аз инқилоб, аввалин мавриди истифодаи авиатсия барои наҷот додани ҳаёти инсон ба соли 1914 рост меояд, вақте ки летчики авиатсияи рус Я.Нагурский бо мақсади ҷустуҷӯи киштии муҳаққиқи машҳури қутбии рус Г. Седов дар ҳавопаймо парвоз кард.

Дар солҳои 1924-1925 дар Осиёи Миёна эвакуатсияи захмиён ва беморон, инчунин интиқоли табибон бо ҳавопаймоҳои мусофирбарӣ амалӣ карда мешуд. Ҳамин тавр, дар Туркистон соли 1925 беморон аз Тирмиз бо

захми вазнин интиқол дода шуд ва ҳамон сол 2 бемори захми вазнин аз Тирмиз ба Тошканд оварда шуданд.

Ташаббускори сохтани аввалин ҳавопаймоҳои махсуси санитарӣ дар ИҶШС Кумитаи Марказии ҷамъияти Салиби Сурхи (КМ ҶСС) Федератсияи Русия буд. Бо додани аҳамияти калон ба рушди авиатсияи санитарӣ, КМ ҶСС 4 августи соли1925 қарор дар бораи ҷудо кардани маблағ барои сохтани аввалин ҳавопаймои санитарӣ баровард. КМ ҶСС маъракаи васеъро барои ҷамъоварии маблағ барои сохтани ҳавопаймоҳои санитарӣ кушод, дар бисёр рӯзномаҳо мақолаҳо оиди даъвати коргарон барои дастгирии икдоми муҳим нашр шуданд.

Бо муваффақиятҳои саноатикунонӣ истеҳсоли ҳавопаймоҳои санитарӣ афзоиш ёфт ва авиатсияи санитарӣ рушди минбаъда гирифт. Пас аз ҳавопаймои тамғаи “К-3”, ҳавопаймои тамғаи “К-5” сохта шуд. Дар соли 1931 барои мақсадҳои санитарӣ-нақлиётӣ гидроплани санитарии Шавров тамғаи “Ш-2” истифода шуд. Ғайр аз ҳавопаймоҳои санитарии зикршуда, барои интиқоли беморон ҳавопаймоҳои сохторҳои гуногуни тамғаҳои “У-2”, “Я-6”, “П-5” ва ғайра мутобиқ карда шуданд [133, с. 8-9].

Даҳҳо табибоне, ки дар он солҳо дар Тоҷикистон кор мекарданд ва то ҳол ҳамчун Арихбаев К.П., Ставиский Я.Д., А. А. Тарпи, Х.Ю. Гинзбург, А.И. Попокова, А.И. Горожанина, Л.Е. Варшава, В.И. Потапчик, С.А. Новиков, Е.Г. Иванова, фелдшерҳо П.В. Голованов, П.С. Козар, С.Я. Доброгаев, духтури дандон Л.А. Заславская, ҳамшираҳои К.Г. Юрина, Е. Я. Сухова, Н.П. Пясетская, О.И. Чернявская, Кормандони дорухона А.Д. Сосновская, В.Н. Петрухина, П.А. Федоров, лаборантҳо А.Ф. Смирнова, Е.И. Новичкова. Беш аз 50 табибе ки дар сохтмони тандурустии Тоҷикистон фаъолона иштирок мекунанд ба ӯ унвони фахрии табиби хизматнишондодаи ҷумҳурӣ дода шуд. Садҳо кормандони тиббии Тоҷикистон бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд [169, с. 6].

Илова бар ин, то соли 1926 10 нуқтаи тиббӣ, баъдтар 26 нуқтаи тиббӣ ташкил карда шуд, ки ба 2 – тои он табибони шаҳрвандӣ, ба 24-тои он табибони ҳарбӣ хизмат мерасониданд [43, с. 3].

Дар ин ҷо бемории сил махсусан номусоид буд. Тадқиқот дар моҳи октябри соли 1925 дар водии Вахш, моҳи ноябр дар Муминобод ва моҳи январи соли 1926 дар Ховалинг нишон дод, ки тамоми аҳолӣ аз хурдӣ ба сил гирифтор буданд [177, с. 8-9].

Мушкилоти вазнин - зардпарвин, камхунӣ, испурч ва ҷигар зиёд буданд. ”Вараҷа” - и ин ҷойҳо ҳатто дар байни хизматчиёни ҳарбӣ, сарфи назар аз хинизатсияи ҳатмии профилактикӣ, беморӣ ба 96% мерасид. Аз сентябр то ноябри соли 1925 танҳо дар як полки кавалерия тақрибан 2 ҳазор сӯзандоруи дохили рагҳо гузаронида шуд [178, с. 89-90].

Аввалин шиносоӣ дар ”деҳаи махавиён” нишон дод, ки ”диагоностикаи” мулло комилан номуносиб аст. Беш аз нисфи онҳо аз бемориҳо азият мекашиданд: экзема, витилиго, сифилис, трахома ва ғайра. Кормандони тиббии беморхонаҳо ва қисмҳои Артиши Сурх ба сокинони маҳаллӣ кӯмаки ҳамаҷониба мерасонданд. Дар назди қисми санитарии Полки кавалерӣ дар Қубодиён барои сокинони маҳаллӣ нуқтаи амбулаторӣ кушода шуд. Қабули шаҳрвандони бемор дар амбулаторияи Полки кавалерӣ дар соатҳои махсус ҷудошуда сурат мегирифт. Табибон дар табобат ва муоинаи занони бемори тоҷик ба мушкилоти зиёд дучор шуданд. Дар ин ҳолатҳо занони табибон ё сардорон фаъолона кӯмак мекарданд. Иттиҳоди табибони ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ гӯё санги асосии рушди минбаъдаро дар минтақаҳои дурдасти Осиёи Миёна гузоштааст [178, с. 89-90].

Дар хотираҳои худ В.И. Домрачев менависад: ”Дар моҳи январи соли 1926 фармон дода шуд, ки ду легпомро ба ихтиёри Туркфронт фиристанд. Дар якҷоягӣ бо ҳамсабақаш дар таҳсил ва хидмати муштарак, Прозоров Н.М., бо 17 сарбоз бо 15 туфангча ва як аспи саворӣ ба Бухорои Шарқӣ бо аспу ароба равона шуданд ва ба Душанбе расиданд. Онҳо худро ба сардори қисми санитарӣ доктор Макарин А.А., ки муовини Комиссари халқии тандурустӣ

аст, муаррифӣ карданд. Прозоров Н.М. ба Самарқанд фиристода шуда, сонӣ ба Қӯрғонтеппа равон карда шуд. Аввалин бемороне, ки табобати самаранок гирифтанд, беҳтарин ташвиқгарон буданд. Муносибат бо аҳолӣ зуд барқарор карда шуд. Моҳи июли соли 1926 босмачиён шикаст хӯрданд ва ба аҳолӣ кӯмаки тиббии мунтазам ташкил кардан лозим буд” [178, с. 7].

Соли 1925-1926 бори аввал дар байни аҳолии водии Вахш маъракаи эмкунӣ бар зидди бемориҳои сirояткунанда гузаронида шуд. Тамоми ин чораҳо имкон доданд, ки сатҳи бемориҳои сирояткунанда 60% поён фароварда шавад. Соли 1925 дар Қӯрғонтеппа аввалин беморхона бо 10 кат ва амбулатория сохта шуд ва мубориза бар зидди бемории варақа оғоз гардид, ки аввалин мубориzon духтурони Артиши сурх буданд. Дар худи ҳаминсол дар Қӯрғонтеппа истгоҳи варақа ташкил ёфт ва барои ташкили кори он ба ин минтақа экспедитсияи Донишкадаи тропикии Комиссариати халқии нигоҳдории тандурустии ИҶШС бо сафари корӣ ташриф оварданд.

Таҳқиқи  вазъи саломатии мардум ва ҳолати паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа бо омадани аввалин гарнизони ҳарбии Артиши Сурх  оғоз гардид, ки дар сафи пеши ин мубориза табибони ҳарбӣ меистоданд.  Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур  муборизаи аскарони Артиши Сурх бо  душманони инқилоб ва  ёрии тиббии онҳо  ба аҳолии маҳаллӣ   як раванди муштарак ҳисобида  мешавад.  Гарнизонҳои ҳарбӣ, ки дар сарҳад бо Афғонистон ҷойгир шуданд, дар ҳайати худ бунгоҳҳои тиббӣ доштанд  ва дар ин  бунгоҳҳо  табибони касбии маълумотдор кор мекарданд. Маҳз ҳамин табибони  ҳарбӣ ва дар мавридҳои зарурӣ ба мардуми маҳаллӣ мадади тиббӣ мерасониданд [87, с. 56].

Барои таъмир ва сохтмони муассисаҳои тиббӣ ҳар сол маблағҳои назаррас ҷудо карда мешуданд. Аз 150 ҳазор рубл дар солҳои 1925-1926, 335 ҳазор рубл дар солҳои 1926-1927 ва 260 ҳазор рубл дар солҳои 1927-1928, онҳо то 2 миллион рубл дар солҳои 1929-1930 афзоиш ёфтанд [173, с. 49]. Аз ҳисоби ин маблағҳо, аз ҷумла беморхонаҳои қитъавӣ ва ноҳиявӣ дар шаҳру ноҳияҳои Саройкамар (ҳоло н. Панҷ), Ғарм, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа (ҳоло

ш. Бохтар), Фархор, Обигарм, Ховалинг ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохта шуданд [11, с. 12].

Дар ҶМШС Тоҷикистон аввалин муассисаҳои ҳифзи модар ва кӯдак дар шаҳри Душанбе ташкил карда шуданд. Дар соли 1926 аввалин амбулаторияи занона ва дар соли 1927 аввалин машварати кӯдакон кушода шуд. Муассисаҳои шабеҳ дар солҳои 1927-1928 дар марказҳои вилоятии ҷумҳурӣ дар Ғарм, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ таъсис дода шуданд. Амбулаторияҳои занона баъдтар ба машваратҳои занона ва занона-бачагона табдил дода шуданд [173, с. 62].

Соли 1927 бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқии ноҳияи Шаҳритус ва дастгирии Шурои депутатҳои халқии вилояти Қӯрғонтеппа сохтмони бинои беморхонаи ноҳиявӣ сар шуд. Ин беморхонаро аз масолеҳи маҳаллӣ сохта соли 1929 ба истифода доданд. Дар беморхонаи навбунёд табибони гарнизони Артиши Сурх ва табибони аз Русия омада кор мекарданд [52, с. 22-23].

Соли 1928 духтур Ставиский Я.Д. ба вазифаи мудири кафедра таъин карда шуда,  худи ҳамон сол табиб Варшава-Ерзин Л. ба ноҳияи Ҷиликӯл фиристода шуд.

Дар беморхонаи шаҳри Қӯрғонтеппа, духтурзан Гинзбург А. мудири кафедра буд ва дар шаҳри Қӯрғонтеппа машварати занона вуҷуд надошт.

Дар Бухорои Шарқӣ бемори махав (махоу-қишлоқ) то марг аз тамоми оилаҳо аз дигарон ҷудо карда шуда буданд. Соли 1928 охирин ”деҳаи махоу” дар деҳаи Мавлоно (ҳоло шаҳраки Мавлонои ш. Душанбе) вайрон ва сӯзонда шуд. Дар ин сол беморони махав (деҳаи махоу) ба наздикии қаторкӯҳҳои Боботоғ ба деҳаи Тошбулоқ интиқол дода шуданд [157, с. 26-28].

Танҳо дар шаҳри Қӯрғонтеппа 4 беморхона, 4 табобатгоҳ, 31 нуқтаи фелдшериву акушерӣ, 3 диспансер ва нуқтаҳои зиёди тиббӣ мавҷуданд, ки дар онҳо 27 табибони дорои маълумоти олӣ ва 740 нафар хизматчиёни тиб дар ҳифзи саломатии одамонанд [168, с. 6].

Дар тамоми вилояти Қӯрғонтеппа, ки маҳалҳои аҳолинишини водии Вахш ва водии Поёноби Кофарниҳонро фаро мегирифт, 4 духтур буд. Ду нафар дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва як нафар дар ноҳияи Саройкамар (н. Панҷ) ва як нафар дар ноҳияи Микоянобод (Қубодиён) буданд. 8 марти соли 1928 духтур Гинзбург А. аввалин машварати занонаро кушод, ки дар он ҷо аввал 12 кат ва баъдтар 50 кат оварда шуд. Ба табибон гурӯҳи босмачиёни Утанбек халал мерасонданд, аз ин рӯ ба табибон барои ҳимояи худ таппонча медоданд. Дар охири соли 1928 ба шаҳри Қӯрғонтеппа 4 духтур, 2 духтур ба беморхонаи статсионарӣ, 1 духтур ба машварати занона ва 1 духтур ба амбулатория омаданд.

Ҷалби фаъолонаи занон ба сохтмони сотсиалистӣ таъсиси муассисаҳои кӯдаконаро талаб кард. Аввалин ясли кӯдакон дар Душанбе 8 марти соли 1928 кушода шуд. Дар давоми солҳои 1928-1929 ясли кӯдакон дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Ғарм, Панҷакент таъсис дода шуд [173, с. 66].

Ҳамин тариқ, аллакай дар марҳилаҳои аввали рушди тандурустӣ дар ҷумҳурӣ аввалин муассисаҳои ҳифзи модар ва кӯдак кушода шуданд, ки шумораи онҳо дар охири давраи мавриди назар каме афзуд. Онҳо дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи манфиатҳои занон ва кӯдакон, аз ҷумла таъмини онҳо бо ёрии табобатӣ-профилактикӣ ва машваратӣ корҳои гуногун анҷом доданд.

Духтури хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Варшава-Рензина Л. дар хотираҳояш менависад, ки: [141, с. 31-33] “соли 1928 ман барои кор ба Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон даъват шудам. Рафтан ё нарафтан? Саволе, ки ба ман, духтури сесола собиқаи корӣ дошта, ҷавоб додан осон набуд. Аз як тараф, канори бемаҳдуди кор, имконияти расонидани ёрии тиббӣ ба халқе, ки пеш аз инқилоб аз табибони халқӣ табобат мегирифт, имконияти сохтани соҳаи тандурустӣ дар яке аз канораҳои дурдасти кишвари Шуравӣ, ҷолиб буд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи ками корӣ ва шароити ғайриоддии иқлимӣ ба шумор мерафт. Дар рӯзи гарми моҳи майи соли 1928 мо бо мошин ба Душанбе (Дюшамбе) омадем, зеро роҳи оҳани

Тирмиз- Душанбе ҳанӯз вуҷуд надошт. Дар Комиссариати Халқии тандурустии ҷумҳурӣ ба ман пешниҳод карданд, ки барои ташкили аввалин нуқтаи тиббӣ ба ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ба кор равам. Ҳамаи онҳое, ки дар он солҳо ва ҳоло дар ин минтақа буданд, медонанд, ки маркази ноҳия то чӣ андоза бо ҷумҳурӣ рушд ёфтааст. Ман медонистам, ки барои ман чӣ душвор хоҳад буд. Аммо, ман бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавам, ки ҳангоми омадан ба нуқтаи тиббии Ҷиликӯл воҳӯрдам ва инро ман тасаввур намекардам. Баъдтар дар Ҷиликӯл беморхонаи хубе бо ҳуҷраҳои беморон, бо қаламрави бо ороиши алафҳои сабз, бо якчанд табибон, ҳамшираҳои тиббӣ, санитарон, таҷҳизоти мувофиқ ва ғайра ба вуҷуд омад. Дар соли 1928 нуқтаи тиббии Ҷиликӯл як хоначаи нимшикаста буд, ки камтар ба ҳуҷрае монанд буд ва дар он бояд ёрии тиббӣ расонида шавад. Дар деворҳо сӯрохиҳо буданд, ки шабона шағолҳо ба он медаромаданд. Дарун аз қабати ғафси хоки сиёҳ пур буда торик буд. Таҷҳизоти оддӣ, ягон асбоб, маводи бастабандӣ вуҷуд надошт. Дар ин нуқта ҳамчун лекпом як шахс кор мекард, ки дар дақиқаҳои аввали воҳӯрӣ маро ба ҳайрат овард: "Чаро шумо ба ин ҷо омадед?». Ин саволро худи ман низ ба миён гузоштам. Аз рӯзҳои аввал кӯшишҳои ман барои беҳтар кардани мавқеи нуқта, ҳадди ақҷал ба намуди нисбатан муносиб, ба як қатор мушкилот дучор шуданд. Як ҳафта гузашт ва бо истифода аз аспаробаи ҳамроҳ, ман ба Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) рафтам, бо ҳамин ният ба Ҷиликӯл барнагаштам. Вақте ки ман ба Қӯрғонтеппа ба назди нозири Комиссари тандурустии халқ омадам ва сабабҳои тарки Ҷиликӯлро ба ӯ гуфтам. Бо ӯ сӯҳбат кардам, фикр кардам, ки дурусттарин коре, ки ман карда метавонам, ин аст, ки дубора ба Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) баргардам ва дар он ҷо, тавре ки духтури ҷавони шуравӣ бояд кор кунад, кор кунам. Ҳамин тавр, ман то ҳол аз он қаноатмандам" [141, с. 31-33].

Дигар духтуре, ки бори аввал соли 1928 ба водии Вахш омада буд, Ставиский Я.Д. он давраҳоро чунин менигорад [172, с. 40-43]: "...Пас, мо дар фойтун аз Тирмиз ба Душанбе меравем. Роҳи тӯлонӣ аз Иркутск паси сар

шуд. Боқимондаи 270 километри роҳ ба Душанбе дар давоми чор рӯз бо душворӣ тай карда шуд. Ба шаҳр омадани як боркаше, ки моро оварда буд, борҳоро фуровард. Ӯ аввалин шахси аспароба дар пойтахти Тоҷикистони Шуравӣ буд. Ба ҷустуҷӯи Комиссариати Тандурустии Халқ муддати дароз лозим набуд. Роҳгузарон ба ягона бинои сангии беморхонаи ҷумҳуриявӣ дар шаҳр ишора карданд, ки дар яке аз биноҳои он Комиссариати халқи тандурустӣ ҷойгир буд. Моро табибони ҷавон самимона пешвоз гирифтанд ва бо мо самимона сӯҳбат карданд. Марҳум Л.Ф. Парадоксов ба мо маслиҳатҳо ва дастурҳои арзишманд дод, ки баъдтар ба мо якчанд маротиба кӯмак карданд. Пас аз таъин шудани ман ба вазифаи мудири беморхонаи Қӯрғонтеппа, ва ҳамсарам (табиби Гинзбург мудири машварати занона, ки он вақт дар Қӯрғонтеппа вуҷуд надошт) мо ба ҷои таъиншуда рафтем. Дар беморхонае, ки мо бояд дар он кор мекардем, таассуроти вазнин ба вуҷуд омад. Бино аз гил сохта шуда, тирезаҳои шишагин дошт ва он барои 12 -15 бемор пешбинӣ шуда буд, гарчанде ки тибқи смета 25 кат пешбинӣ шуда бошад. Хонаи навбатдорӣ ва мурофиавӣ низ манзили муваққатии мо гардид.

Дар тамоми вилояти Қӯрғонтеппа, ки маҳалҳои аҳолинишини водии Вахш ва водии Кафарниҳони Поёнро фаро мегирифт, чор духтур мавҷуд буд: ду нафар дар Қӯрғонтеппа ва як нафар дар ноҳияи Панҷ (собиқ н.Саройкамар) ва ноҳияи Қубодиён (собиқ н.Микоянобод).

Дар он давра дар Тоҷикистон муқаррароти сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ, ки ба ақидаҳои Қуръон ва муқаррароти шариат асос ёфтаанд, вайрон шуданд. Мубориза бо торикии динӣ, бесаводӣ, расму оинҳои авлодӣ, беҳуқуқии занон, трахома, босмачигӣ, бероҳӣ, камбизоатӣ дар ҳама ҷо оғоз ёфт.

Интеллигенсияи шуравӣ табибон, агрономҳо, ирригаторҳо, ветеринарҳо ва омӯзгорон отряди пешрафтаи ҷангиёни ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон буданд. Бо гузашти муқовимати шадиди душманони сершумор, кормандони тиб роҳҳои аҳолии маҳаллиро пайдо карданд ва эътимоди

онҳоро ба даст овow   данд. Тибби шуравӣ ба табибҳои нодон, ҳамсарон ва дурӯғгӯй зарба зад.

Дар ш. Қӯрғонтеппа 8 марти соли 1928 духтур Гинзбург аввалин машварати занонаро кушод. Тоҷикон ва ӯзбекҳо, ки аз табибони мард канорагирӣ мекарданд, бо омодагӣ ба назди духтури зан рафтанд. Шумораи кормандони машваратӣ ҳар моҳ меафзуд. Дар беморхона аввалин занони ҳомила пайдо шуданд. Модарони ҷавон нигоҳубини дурусти кӯдакро меомӯхтанд [172, с. 40-43]:

Дар амбулатория ва беморхона деҳқонони гирифтори бемориҳои вазнин пайдо шуданд. Яке аз беморони гирифтори касалиҳои дилу раг, обпарто ва шикамкалонӣ ёрии зарурӣ гирифта, бо саломатии барқароршуда аз беморхона ҷавоб дода шуданд. Пеш аз он ки ба деҳа равад, ӯ дар бозор бо овози баланд изҳор дошт: ”Табибҳо як сол табобат карданд ва табобат карда натавонистанд, ташаккур ба ҳукумати шуравӣ, ки духтурро фиристод!”.

Пас аз чунин ташвиқот ба манфиати беморхона, пас аз ду ҳафта дар он 12 бемори астсит хобиданд. Ин таъсирро як бемори дорои касалиҳои сифилистии этиология низ баён намуд, ӯ болои хар нишаста, ба тамоми бозор захмҳои шифоёфтаро нишон медод. Ин зуҳуроти соддалавҳона, вале самимии ҳисси миннатдорӣ таъсирбахш ва рӯҳан рӯҳбаландкунанда буд.

Дар охири соли 1928 беморхона бо 50 кати дигар таъмин гардид. Ҳар рӯз 30 - 50 бемор ба қабулгоҳи амбулаторӣ меомаданд. Ниҳоят, яке аз табибони халқии водии Вахш низ ба қабулгоҳ омад. Вай касалии саратони меъда бо метастазҳои ҷигарро дошт, ки ин ҳолат беэътиноӣ, ғайритабиӣ ва табобатнашаванда буд. Табиб илтимос кард, ки ӯро табобат кунад, ваъда дод, ки ҳеҷ гоҳ ба табобат машғул намешавад. Аммо афсӯс, ки дигар ба ӯ кӯмак кардан ғайриимкон буд. Ба бемор танҳо доруҳо барои рафъи дард дода шуданд. Аммо ин зарбаи сахт ба табибони халқӣ буд, таъсири онҳо ба таври куллӣ коҳиш ёфт[172, с. 40-43].

Зиндагӣ ташвишовар буд. Гурӯҳҳои босмачии Утанбек дар қаламрави вилояти Қӯрғонтеппа фаъолият мекарданд. Баъзан дар назди хоначаи

духтурон посбон пайдо мешуд. Ин маънои онро дошт, ки босмачиҳо беморон ва захмиён доранд ва духтуронро дуздида метавонанд. Барои худмуҳофизат ба духтурон таппонча доданд. Ҳангоми сафарҳо ба деҳот милисаҳо ё ҷангиёни ГПУ, ки бо онҳо мерафтанд, посбонӣ мекарданд.

Боре бемории якчанд нафар бо касалии “захми сибирӣ” ба таври ҷиддӣ ба ташвиш овард, ки пайдоиши онҳо боз ҳам муаммотар буд, зеро фелдшери байторӣ мавҷудияти чуни касалро дар байни ҳайвоноти водии Вахш рад кард. Дар ниҳоят, фаҳмида шуд, ки соҳибони ҳайвонот ҳама ҳайвонҳоро мекушанд ва гӯштро ба камбизоатон ройгон медиҳанд ва ба ин васила бемории “захми сибирӣ” - ро дар байни мардум паҳн мекунанд. Дар байни аҳолӣ корҳои васеи санитарӣ ва маърифатӣ ба роҳ монда шуданд. Ҳамчунин барои ошкор кардани ҳайвонот ва чарогоҳҳои сироятёфта чораҳо андешида шуданд.

Дар давраи хуруҷи вабо дар Афғонистон, дар қаламрави кишвар чораҳои муҳофизатӣ андешида шуданд: чоҳҳо кушоданд, ҷараёни аҳолиро барои истеъмоли оби ҷӯшон омода карданд, нуқтаҳои карантинӣ таъсис дода шуд. Ва эпидемия нагузашт.

Дар охири соли 1928 ба шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) 4 духтур омаданд: 2 нафар ба статсионар, 1 нафар ба машварати занона ва 1 нафар ба амбулатория. Дар ин масъала ба монанди ҳамаи табибони он замон, бояд вазифаҳои гуногун иҷро мегардиданд: коршиноси судӣ, табиби санитарӣ, табиби комиссияи табобатӣ, роҳбари вендиспансер ва инфексионист [172, с. 40-43].

Аз соли 1928 омӯзиши патологияи сироятии Тоҷикистон аз ҷониби олими машҳури рус Е.Н. Павловский. Дар соли 1930 экспедитсияи калони омӯзиши бемориҳои тропикиро Е.И. Марсиновский роҳбарӣ кард. Дар ибтидои солҳои 30-юм дар ҷумҳурӣ 4 Пажӯҳишгоҳи илмии тиб, аз ҷумла тропДонишкада ва санбакДонишкада дар Душанбе кушода шуд. Соли 1939 дар Душанбе Донишкадаи тиббӣ таъсис дода шуд ва то он вакт 4 ҳазор табиб онро хатм кард [189].

Соли 1929 Комиссариати халқии тандурустӣ ҳамчун соҳаи мустақили идоракунии тиббӣ ба кори худ оғоз кард [130, с. 404].

Соли 1929 Тоҷикистон аз ҷумҳурии худмухтор ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ табдил дода шуд. Сарварони нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷудияти мақомоти вилояти Қӯрғонтеппаро лозим надониста, онро барҳам доданд. Шуъбаи вилоятии нигаҳдории тандурустӣ низ ихтисор шуд ва муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа ба зери итоати Вазорати тандурустии Тоҷикистон гузаштанд. Таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Точикистон  дар сарҳади ҳозира мустақилияти халқи тоҷикро эълон намуд. Акнун барои роҳбарони маҳаллӣ зарур пеш омад, ки бо қувваи мардум ва дастгирии марказ сохторҳои нави давлатӣ ва бахусус соҳаи тибро  ба роҳ монанд [91, с. 23].

Идораи марказии тандурустӣ бо қисми санитарии 3-юми корпуси тирандозӣ барои таъмини аҳолии Бухорои Шарқӣ бо ёрии тиббӣ, ҳам амбулаторӣ ва ҳам беморхона шартнома баст, ки барои он ба ноҳияҳои Ёвон, Қубодиён, Сариосиё, Кӯлоб, Ғарм, Душанбе ва Қаратоғ дорухо ва асбобҳо, собуни ҷомашӯӣ ва катҳо фиристода шуданд [60, с. 135].

Мудири шуъба, табиб Андреев А. дар номаи ҳисоботӣ менависад, ки “ҳангоми муоинаи атрофи деҳаҳои ҳамсояи Термез, маълум шуд, ки деҳаҳои Бешкент, Қубодиён, Ҷиликӯл, деҳаҳои назди убури дарёи Кофарниҳон ҳама аз сил зарар дидаанд ва ба дараҷаи фавти калон расиданд”. Дар Қубодиён, тибқи иттилои раиси Ревком, 600 нафар беморон фавтида, 150 нафар маҷруҳ шуданд [60, с. 58].

Тибқи шаҳодати ревкоми Қубодиён, бемрони сил 750 нафар буданд, ки 600 нафарашон кӯдакон буда, вафот карданд ва дар Бешкент аз 120 нафар беморон, 45 нафарашон фавтиданд. Ҳангоми муоинаи деҳаҳои Қубодиён ва Бешкент аз 1114 кӯдаки бемор 715 кӯдак, яъне тақрибан 70% фавтиданд [174, с. 7-13; 58, с. 69-70].

Сохтмони соҳаи тиб дар шароити хеле душвор оғоз гардид. Таъсис додани системаи тибби замонавӣ ба давраи ҷанги гражданӣ рост омад ва ин

кори табибонро боз ҳам душвор мегардонд. Чуноне, ки Ленин қайд кард, дар ин солҳои душвор «қабл аз фаҳмондан бояд ташкили амалии корро тавонист, зеро гап дар бораи тақдири даҳҳо ва даҳҳо миллион одамон меравад» [79, с. 5]. Дар ин солҳо бисёр олимони машҳур ба монанди Павлов В., Сеченов, Пирогов, Павловский ва дигарон давлатро тарк накарда, баръакс дар пешрафти соҳаи тиб саҳми босазои худро гузоштанд ва ҳатто ихтироотҳои сатҳи умумиҷаҳониро низ ноил гардиданд, ки аз тарафи ҷаҳониён эътироф гардиданд [96, с. 34].

Барои аниқ муайян кардани сабабҳои ҳодисаҳо мебоист қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва боздошткунандаи онҳоро дарк намуд. Аз ин лиҳоз агар мо ин қонуни таҳқиқотро нисбати омӯзиши тибби минтақаи Қӯрғонтеппа истифода кунем, мебинем, ки барпокунии Ҳокимияти Шуравӣ барои равнақ додани ин соҳа як такони бузурге буд, ки он тавонист кореро анҷом диҳад, ки барои давлатҳои ҳамсоя барои он панҷоҳ соли дигар лозим омад. Ин хизматҳоро мо ба як халқу миллат нисбат надода, онро бо сохти сотсиалистӣ муносиб медонем, зеро дар давраи ҳукумати подшоҳии рус низ ин минтақа дар ҳайати Россия буд, аммо чунин ғамхорӣ дар ҳаққи мардум мушоҳида намешуд, зеро сиёсати ин сохтор ба манфиати халқ набуд ва баръакс Ҳукумати Шуравӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дод, то ки манфиати мардумро ҳифз намояд.

Агар мо таҳлилҳои рушди тибро дар ин давра аз назар гузаронем бараъло мушоҳида мекунем, ки он шакли муташаккилона дошт ва бо тамоми қоидаҳои маъмурӣ ба роҳ монда шуд. Илова бар ин соҳаи тиб ба як системаи бузурги умумидавлатӣ мубаддал гардид ва аз як марказ – аз Комитети иҷроияи марказии давлати Шуравӣ раҳбарӣ мешуд. Далел аз ин мутамарказии идоракунии тиб дар он буд, ки мутахассисонро ба минтақаи Осиёи Миёна бо роҳхати Вазорати тандурустии давлати Шуравӣ мефиристонданд.

Дар ин давра ба муқобили эпидемияҳои бемориҳои зиёд танҳо табибони алоҳидаи қисмҳои ҳарбӣ дар танҳоӣ мубориза мебурданд. Фақат

дар аввали солҳои 30-юм системаи мукаммали соҳаи тиб дар ин минтақа ба кор шуруъ намуд.

Рушди соҳаи тандурустӣ дар водӣ ба таври воқеӣ аз соли 1929 ибтидо мегирад. Дар ин сол дар маркази водӣ – шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира ш. Бохтар) беморхона, дорухона, консултатсияи бемориҳои бачагонаю занона ва кабинети табобати дандон дари худро боз намуданд. Оғози системаи обёрии Вахш ба раванди тараққии соҳа суръат бахшид. дар он солҳо дар назди сохтмон 4 беморхонаи дорои 105 кат ва 6 бунгоҳи тиббӣ фаъолият мекарданд. Худи сохтмончиён дар барҳам додани манбаъҳои бисёр касалиҳои хавфнок, хушкондани ботлоқу обанборҳо, ки сарчашмаи асосии бемории табларза буд, саҳми калон мегузоштанд [96, с. 91].

Солҳои минбаъда бо пеш рафтани ҳаёт соҳаи тандурустӣ низ инкишоф меёфт. Шумораи муассисаҳои тиббӣ, духтурони соҳибмаълумот сол то сол зиёд мешуд.

Бо анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва дахолати хориҷӣ дар ИҶШС барқарорсозии хоҷагии халқ бомуваффақият сурат гирифт. Аммо дар баъзе ноҳияҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мубориза мусаллаҳона бо босмачиҳо идома ёфт. Дар солҳои 1923-1927 канори ноҳияҳои ин ҷумҳуриҳо ҳанӯз хеле қафомонда буданд. Шабакаи муассисаҳои тиббӣ хеле заиф буд, тандурустии шаҳрвандӣ дар бисёр ҷойҳо дар ҳолати ибтидоӣ буд ва расонидани ёрии тиббӣ ба аҳолии дур аз маҳалҳои аҳолинишини калон ва роҳи оҳан дар сатҳи паст буд [178, с. 89-90].

Хотираҳои мо оиди ҳайати нерӯҳои фронти Туркистон, ки дар минтақаҳои болоии Амударё, водиҳои Вахш, Сурхондарё, Гузар ва Кӯлоб ҷойгир шудаанд, алоқаманд аст. Дар аксари деҳаҳо табибони шаҳрвандӣ набуданд. Дар он вақт дар бисёр маҳалҳои аҳолинишин аввалин намояндагони тиб табибони ҳарбӣ буданд (аксари онҳо хатмкунандагони академияи ҳарбӣ-тиббии Артиши Сурх буданд), ки ба ғайр аз вазифаҳои худ онҳо ба аҳолӣ ёрии тиббӣ мерасонданд, ба таъсиси мақомотҳои тандурустии шаҳрвандӣ кӯмак мерасонданд.

Соли 1929 шабакаи тиббии ҶШС Тоҷикистон хеле заиф буд. Он аз 22 беморхона бо 990 кат, 13 машварати кӯдакон ва занон, 58 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ, 10 ясли кӯдакон барои 200 ҷойи нишаст ва дигар намудҳои муассисаҳои тиббӣ иборат буд. Дар ҳамаи ин муассисаҳо ҳамагӣ 51 духтур ва 133 корманди миёнаи тиббӣ кор мекарданд.

Таъсисёбии системаи тиб дар ин минтақа бо ёрии мутахассисони рус ва дигар халқҳои бародар амалӣ гардид ва ин фактро бояд ҳеҷ гоҳ мавриди шубҳа қарор надиҳем. Нимаи дуввуми солҳои 30-юм дар таърихи давлатдории шуравӣ даврае буд, ки он то ҳанӯз миёни олимон ҳамчун давраи мухолифатҳо, тазодҳо, репрессия ва бархурдҳои сиёсӣ маълум аст. Аз сабаби авҷи муборизаи байни гурӯҳҳӣ дар роҳбарияти ҲК Иттиҳоди Шуравӣ тамоми мамлакатро террори сиёсӣ фаро гирифта буд ва ин раванд то охири соли 1937 идома ёфт. Дар чунин шароит 12 декабри соли 1937 интихоботи Шурои Олии ИҶШС гузаронида шуд, ки дар он халқ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати давлат ва ҲК барои номзадии намояндагони худ овоз дод ва ин роҳи минбаъдаи самтҳои ҷомеаро муайян намуд [19, с. 57].

Кӯмаки статсионарӣ ба аҳолии ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924-1929

**Ҷадвали 1**

| | **1924-1925** | **1925-1926** | **1926-1927** | **1927-1928** | **1928-1929** | **Ҳамагӣ** | **Дар вилояти Қӯрғонтеппа, соли 1929** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи беморхонаҳо | 5 | 8 | 10 | 12 | 21 | --- | 2 |
| Шумораи катҳо | 105 | 155 | 180 | 255 | 960 | --- | 86 |
| Ба беморон хизмат расонида шуд | 851 | 2797 | 2766 | 5820 | 10109 | 22343 | 756 |
| Аз ҷумла, аҳолии таҳҷоӣ | 548 | 2007 | 2184 | 3782 | 7805 | 16326 | 390 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо фоиз | 64,4 | 71,7 | 78,9 | 65,0 | 77,2 | 73,0 | 51,5 |

Пас аз мустаҳкаму устувор шудани ҳокимияти Шуравӣ, бекигарии Қӯрғонтеппа барҳам дода шуд. Ба ивази ин бекигарӣ Кумитаи Инқилобии вилоятӣ таъсис дода шуд. Кумитаи Инқилобии вилоятӣ, ки ба ҳайати он шахсони ҳарбӣ дохил буданд, тамоми масъалаҳои хоҷагии халқро баррасӣ мекарданд. Кумитаи мазкур дар роҳи тараққиёти ҷабҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла дар соҳаи тандурустӣ қарор қабул карда, онро амалӣ мекарданд.

Омӯзиши таърихи водии Вахш аҳамияти бузург дорад, зеро касалии сил, ки қаблан одамон аз он ранҷ мекашиданд, барҳам дода шуданд.

Дар солҳои сиюми асри XX дар қаламрави вилояти Қӯрғонтеппа[1] ҳамагӣ ду беморхона ва 25 кат, 2 нуқтаи фелдшерӣ-акушерӣ, 2 нуқтаи духтурӣ, 1 кабинети пизишкдандон, 1 машваратхонаи занона, 1 машваратхонаи бачагон ва 1 дорухона вуҷуд дошт [181].

Вазифаи асосии мақомотҳои тандурустии вилоят аз он иборат буд, ки базаи моддӣ-техникии муассисаҳои тандурустиро пурқувват намуда, дар деҳотҳо нуқтаҳои духтурони қишлоқиро ташкил намуда, муассисаҳои ғайритиббии диспансерҳо ва нуқтаҳои мубориза бар зидии касалиҳои маляриро (инчунин касалии оспа) пурзӯр намудан лозим буд.

Аввалин духтури ҷарроҳи Вахшстрой духтурзан Л.П. Александрович, хатмкардаи факултети тиббии Донишгоҳи давлатии Белоруссия буд. Бо ташаббуси ин хонуми духтур дар водии Вахш курсҳои ҳамшираҳои шафқат ташкил карда шуд. Сар карда аз соли 1930 вазъи ёрии тиббӣ беҳтар гардид. Дар Қӯрғонтеппа шуъбаи ҷарроҳӣ кушода шуд, ки аввалин мудири шуъба духтурзан У.Э. Пенжкевич ба шумор меравад.

Бо ташкили аввалин муассисаҳои табобатӣ дар ҷумҳурӣ шабакаи дорухонаҳо васеъ карда мешавад. Агар соли 1930 дар тамоми шабакаи идораи дорухонаҳои Тоҷикистон 11 нуқта, аз он 8 дорухона мавҷуд бошад, пас то 1 январи соли 1939 45 дорухона мавҷуд буд, ки 33-тои он дар деҳот

[1]Вилояти Қӯрғонтеппа 4 апрели соли 1977 таъсис дода шуд.

ҷойгир буд. Инҳо 24 киоски дорухона, 5 мағоза, 5 нуқтаи дорухона буданд. Аз соли 1932 дар ш. Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд), сипас дар ш. Сталинобод (ҳоло ш. Душанбе) мактаби фелдшерӣ фаъолият мекард. Худи ҳамон сол (1932) дар мактабҳои миёнаи тиббӣ 928 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд. Мактабҳои миёнаи тиббиро аллакай якчанд маротиба мутахассисони фелдшерҳо, акушерҳо, ҳамшираҳои тиббӣ хатм намуданд [167, с. 5-9].

Соли 1933 дар ноҳияи Вахш У.Н. Стяглова ба кор шурӯъ кард, вай хоҳари калонии тубдиспансери ноҳия буд [155, с. 24-28].

Аз соли 1936 ёрии тиббӣ ба ноҳия беҳтар гардид. Дар хотири одамон аввалин духтурони ҷарроҳ Х. Кирадиев ва А. Соловев аз ноҳияи Панҷ, А.И. Катумов аз ноҳияи Шаҳритус, Н.Я. Рязанов аз ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ба некӣ монда буданд.

Соли 1936 дар Қӯрғонтеппа нуқтаи гузаронидани хун ва дар вилоят хизмати автиатсияи санитарӣ ва хизмати гузаронидани хун таъсис дода шуд.

Дар солҳои пешазҷангӣ қариб дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа шабакаҳои амбулаторӣ ва стасионарии табобатӣ таъсис дода шуд. Дар рушди соҳаи тандурустии вилоят саҳми мутахассисони ҷумҳуриҳои бародар бениҳоят калон аст.

Дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод (ҳоло ш. Душанбе) Донишкадаи тропикӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа ва дигар ҷойҳо истгоҳҳо ташкил карда шуданд. Дар соли 1932 шумораи истгоҳҳо ба 20-адад расида, фаъолияти онҳо тамоми ноҳияҳои ҷумҳуриро фаро гирифт [52, с. 17-21].

Бо Қарори Шурои Комиссариати Халқии ҶМШС Тоҷикистон (ТАССР) дар шаҳри Душанбе диспансери бемориҳои пӯсту зуҳуравӣ ташкил карда шуд, ки аз моҳи октябри соли 1928 ба фаъолият оғоз кард. Баъдтар ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ табдил дода шуд. Бо ёрии ин Марказ солҳои 30-юм дар ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Панҷакент ва Кӯлоб муассисаҳои дермато-венерологӣ ташкил карда шуд [2, суҳбат].

Дар тули солҳои сиюми асри ХХ бо қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон дар тамоми ноҳияҳо нуқтаҳои тандурустии ноҳиявӣ таъсис дода шуданд. Бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо ва Вазорати тандурустӣ дар ноҳияҳои Ворошиловобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ), Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ), Микоянобод (ҳоло н. Қубодиён), Даҳанакиик (ҳоло н. Хуросон) ва ноҳияи Арал (ҳоло н. А. Ҷомӣ) беморхонаҳои ноҳиявӣ васеъ карда, катҳои замонавӣ гузошта шуданд. Дар ин мудат дар минтақаи Қӯрғонтеппа 10 беморхонаи қитъавӣ, 13 нуқтаҳои клиникӣ, шаш амбулатория ва 21 нуқтаи тиббӣ сохта ба истифода дода шуданд. Табибони зиёде бо таҳсилоти миёна бо роҳхат аз Русия ва дигар Ҷумҳуриятҳои Шуравӣ ба муассисаҳои тиббии минтақаи Қӯрғонтеппа фиристода шуданд.

Аз ин рӯ, баъди омӯхтани вазъият дар минтақа, Комиссариати халқии тибби Тоҷикистон аз солҳои 1929 - 1930-юм сар карда, ҳамасола ба минтақаи Қӯрғонтеппа, Экспедитсияи венерологӣ равон мекард, ки дар шароитҳои вазнин хизматрасонии табобатию-профилактикӣ, санитарию-эпидимиологиро мегузарониданд.

Дар соли 1930 дар шаҳри Қӯрғонтеппа утоқи дермато-венерологӣ кушода шуда, дар наздикии амбулаторияи шаҳрӣ қарор дошт. Ин якумин утоқи дермато-венерологӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа ба ҳисоб рафта бо хишти хом сохта шуда буд, ки ҳоло дар ҷояш диспансери вилоятии бемориҳои руҳии шаҳри Қӯрғонтеппа қарор дорад. Дар кушода шудани нуқтаи зикршуда, духтурони ин соҳа Г.Н. Пишугин ва И.П. Шугал саҳмгузор буда, аз аввалин духтурони дермато-венеролог маҳсуб меёфтанд. Бо қарори комиссари тандурустии Тоҷикистон ва бо дастгирии диспансери ҷумҳуриявии бемориҳои пӯст солҳои 1929 -1930 ба минтақаи Қӯрғонтеппа барои табобат ва пешгирии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ гурӯҳи духтурон ва ҳамшираҳои тиб фиристода шуданд [87, с. 65].

Азбаски дар минтақаи Қӯрғонтеппа бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ руҷӯи афзоиш доштанд, Ҳукумати Шуравӣ ва Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон лозим донистанд, ки дар ин ҷо диспансери бемориҳои пӯст ва

зӯҳравӣ таъсис дода шавад. Соли 1934 ин диспансер бо фармони Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон кушода шуд, ки сарварии ин муассисаро духтури ботаҷриба ва ташкилотчии фаъол А.П. Баталов ба ӯҳда дошт. Бо фармони Комиссариати халқии тандурустии ҶШС Тоҷикистон аз 24-уми октябри соли 1929 дар ноҳияи Октябр (ҳоло н. Кӯшониён) ба ҷамоати деҳоти Заргар аввалин духтури бемориҳои пӯсту зуҳуравӣ барои хизматрасонии махсуси тиббӣ равона шуда буд [48, с. 18].

Дар тули солҳои 30-юми асри гузашта дар ҳамаи ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа нуқтаҳои муолиҷавӣ ва пешгири бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ кушода шуда бошанд ҳам, лекин ин намуди бемориҳо кам нашуданд. Барои неруманд кардани назорат ва муолиҷаи беморон аз Маркази диспансери ҷумҳуриявии бемориҳои пӯст духтурони дермато-венеролог Лаврентиев И. ва Гаший А. дар солҳои 1936 - 1941, сафарбар гардиданд. 12 – уми марти соли 1941 бо қарори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон беморхонаи вилоятии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ ба кор шурӯъ намуд, ки сарвари ин муассиса духтур А.П. Баталов таъин гардид [91, с. 23]. Соли 1929 дар вилояти Қӯрғонтеппа аллакай 14 муассисаи табобатӣ амал мекарданд, ки дар онҳо шуъбаҳои ҷарроҳӣ барои кӯдакон, шуъбаҳои табобати чашм, гӯш, бинӣ, ташкил намудани табобатхонаҳои бемории пӯст, бемориҳои сирояткунанда, сохтани табобатхонаҳои бемориҳои дилу гурда ташкил гардиданд. Ин имкон дод, ки бисёр бемориҳо дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои атрофи он пешгирӣ гардида барои беҳдошти сатҳи саломатии мардум хизмат расонанд. Аммо ин танҳо оғози кор буд ва барои идома додани он барои ҷумҳурӣ кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб лозим буданд, зеро дар ин давра 100% табибон аз Россия оварда мешуданд [181].

Давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) яке аз душвортарин давраҳои таърихи давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор меравад, зеро дар ин давра қисми зиёди ҳудуди ин давлатро ҷанг фаро гирифт ва шумораи зиёди аҳолии мамлакат барои иштирок дар ин ҷанг сафарбар гардиданд. Вазъияти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон низ вобаста ба саршавии ҷанг комилан тағйир ёфт. Шумораи зиёди ҷавонон ва мутахассисони соҳаи тиб ба сафи Артиши Сурх даъват шуданд. Мувофиқи ахбори мудири шуъбаи тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа А. Василев дар арафаи ҷанг дар ҳайати вилояти Қӯрғонтеппа 13 ноҳия бо аҳолии умумии 216,8 ҳазор нафар дохил мешуданд. Дар ин давра соҳаи тандурустии вилоят аз муассисаҳои зерин иборат буд:

- дар ш. Қӯрғонтеппа - беморхонаи шаҳрӣ дорои 35 кати шуъбаи ҷарроҳӣ, 30 кат шуъбаи таваллуд, 30 кат барои бемориҳои дарунӣ. Ҳамагӣ 95 кат. Ба ғайр аз ин дар шаҳри Қӯрғонтеппа поликлиника дорои шуъбаҳои зерин амал мекард:

-терапевтӣ

-ҷарроҳӣ

-кӯдакона

-шуъбаи бемориҳои чашм

-шуъбаи бемориҳои дандон

Инчунин дар шаҳри Қӯрғонтеппа утоқи физиотерапевтӣ, рентгенӣ, нуқтаи онкологӣ, микологӣ, иллат, СЭС, истгоҳи вилоятии малярия ва диспансери бемориҳои шуш ва сироятӣ амал мекарданд. Дар назди шуъбаи тандурустии вилоят инчунин боғчаи бачагонаи махсус барои 80 кат, хонаи кӯдакон барои 40 кат, духтури мактабӣ, шуъбаи ширдиҳӣ, Маркази маданияти санитарӣ ва китобхонаи вилоятии санитарӣ фаъолият мекарданд.

Дар шаҳр инчунин нуқтаи саломатии коргарон, нуқтаи фелдшерӣ ва истгоҳи ёрии таъҷилӣ фаъолият мекард. Дар ҳудуди вилоят инчунин 15 бунгоҳҳои тиббӣ амал мекарданд. Дар ҳар як ноҳия яктогӣ бунгоҳи тиббӣ таъсис шуда, танҳо ноҳияҳои Ёвон, Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун) ва Норак ду бунгоҳи тиббӣ доштанд. Илова бар ин ба ғайр аз ноҳияи Қӯрғонтеппа дар ҳамаи ноҳияҳо беморхонаҳои ноҳиявӣ дорои 251 кат вуҷуд доштанд. Дар соли авали ҷанг дар ҳудуди вилоят инчунин кушодани 26 нуқтаҳои фелдшерӣ ба нақша гирифта шуд. Нишондодҳои ин давра аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардум ҳанӯз хеле кам аз табобатхонаҳои давлатӣ истифода мекарданд. Чунончи аз шумораи умумии 337 кат, дар давоми соли 1940 дар шаҳри Қӯрғонтеппа як кат ба ҷои 300 рӯзи истифода, танҳо 225 рӯз истифода гардид. Дар деҳотҷойҳо як кат дар як сол аз рӯи меъёри 300 рӯз танҳо 86 рӯз истифода шудааст.

Ҳанӯз дар соли 1940 Шурои тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа нарасидани кадрҳоро ба назар гирифта нақшаи таъмини беморхонаҳоро бо табибон тартиб дод. Аз рӯи ин нақша дар соли 1941 дар вилоят бояд шумораи умумии табибон ба 372 нафар ва шумораи ҳамшираҳои тиббӣ бошад ба 111 нафар мерасид. Аммо маълумотҳои моҳи декабри соли 1940 нишон доданд, ки дар вилоят танҳо 38 нафар табибони дорои маълумоти олӣ кор мекунанд. Аз онҳо 30 нафарашонро занон ташкил мекарданд. Аз рӯи меъёри аҳолӣ дар вилоят бояд 104 духтур кор мекард. Норасогии духтурон 66 нафарро ташкил дод. Бо меъёри 7 духтури дандон, дар вилоят ҳамагӣ 1 духтур кор мекард. Меъёри кормандони соҳаи миёна бо меъёри 372 нафар, дар вилоят фақат 151 нафар кор мекард. Пурра нагардидани соҳа бо кормандони баландихтисос бо рафтани кадрҳо аз вилоят алоқамандӣ дошт. Чунончи дар соли 1940 ба вилоят 16 духтур омаданд ва худи ҳамин сол 16 нафар вилоятро тарк намуданд [54, с. 34-35].

Нарасидани духтурон дар баъзе мавридҳо кормандони звенои миёнаро (ҳамшираҳои тиббӣ) маҷбур мекард, ки кори духтуронро иҷро намоянд. Аммо дар баъзе минтақаҳои дурдасти вилоят ба монанди деҳоти Бешкенти

ноҳияи Шаҳритус, деҳоти Парчамсойи ноҳияи Ёвон ва деҳоти Охҷари ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) тамоман хизматрасонии тиббӣ амал намекард.

Масъалаи дигаре, ки ба кори соҳаи тиб монеа мешуд, ин нарасидани наклиёт буд. Дар соли 1940 нақлиёти соҳаи тибро 1 мошин ва 31 асп ташкил мекарданд [54, с. 34]. Ин дар ҳоле буд, ки деҳаҳо аз ҳамдигар дар масофаи дур ҷойгир буданд ва табибон наметавонистанд тамоми масоҳати ноҳияро таҳти назорати тиббӣ қарор диҳанд.

Дар баробари ҳамин дар ҳудуди вилоят лабораторияҳои химиявӣ ва утоқи рентгенӣ амал намекард ва ин табибонро маҷбур мекард, ки беморонро барои ташхиси лабораторӣ ба маркази ҷумҳурӣ - шаҳри Сталинобод фиристонанд.

Шароити ҷангӣ духтуронро ба табобати ҳар чи бештари даъватшудагон ҷалб мекард. Соли 1940 76 фоизи беморон аз ҷумлаи даъватшудагон аллакай табобат гирифта ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ворид гардиданд [53, с. 12].

Бо қарори Кумитаи давлатии мудофиаи ИҶШС аз 22 сентябри соли 1941 ҳамаи беморхонаҳои эвакуатсионии ноҳияҳои ақибгоҳ ба идораи мақомоти маҳаллии тандурустӣ дода шуданд. Дар Комиссариати халқии тандурустии ҶШС Тоҷикистон идораи беморхонаҳои эвакуатсионӣ таъсис дода шуд. Сардори идора муовини Комиссариати халқии тандурустии ҷумҳурӣ А.А. Краус таъин карда шуд, сардорони беморхонаҳои эвакуатсионӣ мутахассисони пешбари он солҳо Г.Н. Мирзоянс, К.П. Арихбаев, В.П. Мудрох, М.Н. Кишешян ва дигарон буданд. Кумитаи ҷумҳуриявии кӯмак ба захмиён ва беморон, инчунин шуъбаҳо ва комиссияҳо оид ба қабул ва ҷойгиркунии аҳолии эвакуатсияшуда ба беморхонаҳои эвакуатсионӣ кӯмаки назаррас расонданд [175, с. 16].

Дар соли 1941 ба ғайр аз сохторҳои шуъбаи тандурустӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа инчунин ҳашт отряди экспидитсияи венерологии Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият мекарданд, ки ба сифати кӯмак барои бартараф кардани афзоиши бемориҳои сироятӣ даъват шуда буданд [53, с. 12].

Аммо бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), вазъият тағйир ёфт, зеро қисми зиёди табибони беморхонаҳо барои табобати беморону маҷруҳони Артиши Сурх ба госпиталҳои ҳарбӣ фиристода шуданд. Илова бар ин ба ҳукумати Шуравӣ лозим омад, ки тамоми дастаҳои ҳарбии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз он ҷумла, ҳарбиёни вилояти Қӯрғонтеппаро низ ба хатти фронт фиристонад. Аз ин фурсати муносиб истифода карда душманони Ҳукумати Шуравӣ аз сари нав муттаҳид шуда, ба муборизаи муссалаҳона бархостанд. Онҳо дар аввал роҳбарону кормандони сохторҳои ташкилкардаи Ҳукумати Шуравиро ба қатл расонда, баъд баъзе муассисаву корхонаҳоро сузонда несту нобуд карданд. Дар ин маъракаи валангоркунӣ муассисаҳои тиббӣ низ истисно набуданд. Ин давра, онҳо баъзе табибонро низ ба қатл расониданду бунгоҳҳо ва табобатхонаҳоро дар баъзе ноҳияҳо ба замин яксон карданд. Душвории дигаре, ки дар назди мардум меистод, ин хуруҷи бемориҳои сироятӣ буд. Дар тобистони соли 1941 бемории вараҷа тамоми ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппаро фаро гирифт. Дар ноҳияи Қумсангир бемории сухтанӣ ва дар ноҳияи Шаҳритус бемории брутселлёз дар сатҳи баланд авҷ гирифта буд. Шумораи зиёди беморон дар ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ба қайд гирифта шуд. Соли 1941 миқдори муассисаҳои тиббии ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ба маротиб афзуд. Дар деҳаҳои Охҷар ва Ғаровутӣ амбулаторияҳои духтурии деҳотӣ ба фаъолият сар карданд. Дар маркази ноҳия ва деҳаҳои атрофи он се нуқтаи тиббӣ ва нуқтаи маслиҳатгоҳи занон ба кор оғоз намуданд. Соли 1941 Гарнизони ҳарбии дар ноҳияи Ҷиликӯл муқимибударо ба ҷанг фиристоданд ва бинои холишударо ба ихтиёри Шуъбаи тандурустии ноҳия доданд, ки он дар кучаи Кирови шаҳрак ҷойгир буд. Пас аз таъмиру мутобиққунонии бинои номбурда, Беморхонаи марказии ноҳия ба ин ҷо кучонида шуд.

Мувофиқи маълумоти мудири шуъбаи тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа В.А. Краснова то соли 1941 дар ноҳияи Даҳанакиик 1 беморхона, 1 истгоҳи тропикӣ ва 3 бунгоҳи тиббӣ ба мардуми ноҳия ёрии тиббӣ мерасонданд, аммо бо саршавии эпидемия онҳо аз уҳдаи кор

намебаромаданд.

Ҳукумати Тоҷикистони Шурави гурӯҳи олимон ва табибони ботаҷрибаи соҳаи сироятшиносиро барои омӯхтани ҳолати санитариву эпидемиологии минтақа ва муолиҷаи беморон ба вилояти Қӯрғонтеппа фиристод. Дар ҳайати ин гурӯҳ табибони байторӣ низ буданд. Нишондодҳо ва маълумотҳои ҳисоботии ин гурӯҳро Ҳукумати Тоҷикистон ба инобат гирифта, миқдори муайяни табибони атфол ва сироятшиносро барои кор ба вилояти Қӯрғонтеппа фиристод. Дар ҳамин сол дар шаҳри Қӯрғонтеппа нуқтаи бемории байторӣ кушода шуд. Ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, барои аз Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ духтурони зиёде ба вилояти Қӯрғонтеппа омаданд. Сироятшиносон корро аз эмгузаронии саросари мардум шуруъ карданд. Дар мудати як сол зиёда аз ду ҳазор одам бар зидди бемориҳои сироятӣ эм кунонда шуданд.

Роҳи ҳаётии корманди омори тиб (медстатист), ки даҳсолаҳо ҳамчун фелдшер дар деҳаи Чуянчи ноҳияи Шаҳритӯс кор кардааст, М.Т. Баурин, дорандаи ду ордени “Ситораи Сурх”, медалҳои “Барои гирифтани Кенигсберг” ва “Барои меҳнати шоиста”, “Собиқадори ҷанг”, “Собиқадори меҳнат” мураббии хуби ҷавонон буд. Дар вилоят ҳамшираи тиббӣ аз ноҳияи Шаҳритӯс дорандаи ордени ”Нишони Фахрӣ”, медали ”Барои меҳнати шоиста”, “Аълочии тандурустӣ” Е.С. Савченко низ соҳиби эҳтироми баланд гардида буд.

Бояд қайд намуд, ки нақши шарафмандонаи пешравони соҳаи тандурустии деҳот дар водии Вахш сабаб гардид, ки дар соҳаи тандурустӣ ба дастовардҳои бузурги ноил гардиданд. Ва он солҳо ба онҳо чун собиқадорон ва мураббӣ бо маҳорати баланд ба тарбияи ҷавонон сару кор гирифтанд.

Махсусан душвориҳои зиёд барои кори духтурон дар соли 1942 ба миён омад. Дар ин сол дар якчанд ноҳияҳои вилоят эпидемияи оммавии бемории малярия ва сил сар зад. Маҳз бо ҳамин сабаб дар соли 1942 миқдори таваллуд 935 нафар ва шумораи фавт 1343 нафарро ташкил дод. Дар миёни бемориҳои дигар аъзоёни комиссия паҳншавии бемории тиф ва малярияро

махсусан хатарнок ҳисобиданд, ки ҳолати ба қайдгирии ин бемориҳо дар ноҳияи Даҳанакиик (52 ҳодиса) ва шаҳри Қӯрғонтеппа (27 ҳодиса) ба қайд гирифта шуданд. Дар ин давра махсусан паҳншавии малярия дар шаҳри Қӯрғонтеппа хеле ташвишовар буд, зеро дар квартали 1 соли 1942 1323 нафар бо ҳамин беморӣ ба қайд гирифта шуданд.

Дар вилояти Қӯрғонтеппа соли 1942 бригадаи махсуси кормандони тиб тафтишот гузаронида натиҷаҳои онро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Бригадаи махсуси ҳукуматӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда, гурӯҳи аввал бо роҳбарии корманди НКВД А.Пономарев ва духтур Николаева Л. ба ноҳияҳои Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун), Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ), Қубодиён ва гурӯҳи дуввум бо сардории духтур Б.Попов ва корманди НКВД Ганин В. ба шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ва ноҳияи Саройкамар (ҳоло н. Панҷ) сафар намуд. Тафтиш аз 23 майи соли 1942 то 8 июни соли 1942 давом кард. Сатҳи баланди фавти кӯдакон ба он овард, ки 7 июни соли 1942 ба ҳалли ин масъала мақомотҳои НКВД низ масъулиятнок шуданд. Онҳо вазифадор гардиданд, ки кори табобати кӯдакон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ташвиқоти истифодаи эмкуниро таҳти назорати қатъӣ гиранд.

Ҳукумати онвақтаи Тоҷикистон таъмини беморхонаҳоро бо лавозимот ва хӯроку пушок вазифаи аввалиндараҷа меҳисобид. Дар назди беморхонаҳо хоҷагиҳои ёрирасон фаъолият мекарданд, ки беморхонаро бо маҳсулоти ширӣ, тухм ва меваю сабзавот таъмин мекарданд. Аммо бо чунин шароити хуби беморхонаҳо ва таъминоти пурраи онҳо нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам таваллуди кӯдакон ба таври анъанавӣ дар хона гузаронида мешуд. Аз он ҷумла дар солҳои 1941-1942 танҳо 7-9 % кӯдакон дар беморхонаҳои вилоят тавллуд шуданд. Сабаби чунин муносибат ба таваллудхонаҳо номаълум буд ва дар маводҳои бойгонӣ дар ин хусус маълумот дода нашудааст. Аммо ин муносибат ба фикри мо бо мардсолорӣ ва хурофоти динӣ алоқамандӣ дорад, зеро бештари мардон намехостанд, ки таваллуди кӯдакро оммаи духтурон назорат кунанд. Дар баробари ин таваллуди кӯдакро на ҳамчун беморӣ, балки

бахшидани ҳаёт мешумориданд ва муроҷиат ба табибонро зарурат намедонистанд.

Бояд гуфт, ки дар ин давра системаи коргузории тамоми идораҳо ва корхонаҳои давлатӣ ба режими ҳарбӣ гузаронида шуд. Илова бар ин интизоми меҳнат қатъиян аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳти назорат гирифта шуд. Ҳамвора таъмини вилоят бо табибон дар ин давра ба танқисӣ дучор омад, зеро бо даъват шудани табибон ба фронт шумораи онҳо хеле кам гардид. Акнун табибон наметавонистанд ба ноҳияҳои дурдаст сафари хизматӣ дошта бошанд. Нарасидани табибон махсусан дар миқёси минтақаи куҳистон бештар ба назар мерасид ва сабаби ин ҳолат аввалан дар нарасидани нақлиёт ва дуввум дар набудани роҳ дида мешуд. Илова бар ин табибонро барои вилоят аз ҳисоби аҳолӣ тақсим мекарданд ва дар минтақаи кӯҳсор ин тарзи ҷудо кардани табибон баробар намеомад. Зеро деҳаҳо аз ҳамдигар хеле дур ҷойгир буданд ва агар аҳолӣ кам бошад ҳам аммо масоҳати байни деҳаҳо 50-60 км роҳро дар бар мегирифт. Аз ҳамин лиҳоз на ҳама вақт ба ёрии беморон табиб ҳозир мешуд.

23 июни соли 1942 дар сессияи Шурои вилоятии Қӯрғонтеппа масъалаи фаъолияти беморхонаҳо ба муҳокима гузошта шуд [54, с. 12]. Дар ин маҷлис камбудиҳои аз тарафи Комиссияи Ҳукуматӣ ошкоршуда, ба ҳамаи аъзоёни Шурои вилоятӣ расонида шуданд ва вазифаҳои мушаххас барои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда гузошта шуданд. Соли 1942 ревваксинасия гузаронида шуд, ки он 142 500 беморро фаро гирифт. Мақсади асосии ин ревваксинасия дар он буд, ки дар миёни ярадорон бемориҳои маҳаллӣ паҳн мешуданд [97, с. 300].

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, дар вилоят табибони касбии дорои маълумоти олӣ намерасиданд. Дар тамоми қаламрави вилоят ба 7,5 ҳазор аҳолӣ 1 табиби дорои маълумоти олӣ рост меомад. Муасисаҳои тиббӣ дар интизори табибони нав буданд. Мувофиқи талаботи шуъбаи тандурустии вилоят барои беҳтар кардани сатҳи хизматрасонии тиббии шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳо моҳи июни соли 1942

аз Федератсияи Русия ба вилояти Қӯрғонтеппа як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуда, дар мудати кутоҳ ба табобатхонаҳои маркazии ноҳияҳо ба кор таъмин карда шуданд.

Соли 1942 маркази саломати вилоятии дар шаҳри Қӯрғонтеппа буда, бо табибони соҳибтахассуси зарурӣ пурра таъмин карда шуд ва ҳуҷраҳои нави табобатӣ низ кушода шуданд. Инчунин дар назди Истгоҳи санитарии эпидемиологии вилоятӣ барои ташхиси бемориҳои сироятӣ ташхисгоҳ кушода шуд. Дар ин мудат лозим омад, ки нуқтаи безараркунии тиббӣ мутобиқи талаботашон васеъ карда шавад. Барои дар вақтҳои зарурӣ расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ дар назди заводи пахтатозакунии вилоятӣ бунгоҳи тиббӣ кушода шуд. Барои беҳтару хубтар ба халқ наздик кардани хизматрасонии тиббӣ дар ибтидои соли 1942 дар назди беморхонаи вилояти ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр ташкил карда шуд. Дар он табибони дорои таҳсилоти оли ва миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Дар ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва бад шудани вазъи беҳдошти саломатии мардум, ташхисгоҳи сайёр ба ноҳияҳои вилоят фиристода мешуд.

Дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), мубориза бо бемориҳои сирояткунанда қувваи зиёди духтуронро талаб мекард. Соли 1942 қарор дар бораи «Пешгирии бемориҳои сирояткунанда дар сафи Артиши Сурх ва дар миёни аҳолӣ» қабул гардид. Моҳи январи соли 1943 дар идомаи ин корҳо қарори ШКХ Иттиҳоди Шуравӣ «Дар бораи мубориза бо бемориии сил» қабул шуда, мавриди амали сохторҳои тиббии Шуравӣ гардид [103, с. 169].

Дар охири соли 1942 ва авали соли 1943, баъди саршавии ҳуҷуми Артиши Сурх дар сар то сари фронт, госпиталҳои ҳарбӣ ба фронт кучонида шуданд ва то соли 1944 аллакай 55,4% госпиталҳо дар наздикии хатти фронт ҷойгир шуданд. Аммо дар ин мудати кутоҳ табибони тоҷик дар якҷоягӣ бо духтурони дигар ҷумҳуриҳои бародар дар роҳи табобати сарбозони ярадор ва гирифтори беморӣ қаҳрамонии бе мислу монанд нишон доданд. Дар ин давра баъди табобат ба хатти фронт 72,3% сарбозони ярадор ва 90% сарбозони

бемор ба хатти фронт баргардонида шуданд [130, с. 404].

Дар соли 1943 тартиби даъвати духтурон ба сафи Артиши Сурх каме ба эътидол оварда шуд. Ба зарурияти фронт ва норасогии сарбозон нигоҳ накарда Ҳукумати он давра мавқеи ақибгоҳро низ дар таъмини ғалаба бар фашизм муҳим мешуморид ва аз ин лиҳоз кадрҳои барои хоҷагии халқ зарурро ба фронт намефиристод. Роҳбари Комитети Давлатии Мудофиа И.В. Сталин борҳо кормандон ва масъулини комитетҳои ҳарбиро таъкид намуд, ки одамонро танҳо барои таъмини шумораи сарбозон ба сафи Артиши Сурх даъват накунанд. Ӯ борҳо мисол меовард, ки Артишҳои пурзӯре, ки фақат аз паси шумора мешуданд ва фикри ҷамъияти ақибгоҳро намекарданд, ҳатман ба нокомӣ дучор мешуданд [134, с. 565].

Моҳи майи соли 1944 қарори махсуси ШКХ Иттиҳоди Шуравӣ "Дар бораи мубориза бар зидди вараҷа (малярия)" баромад. Чораҳои пешгирифтаи давлат имкон додаанд, ки нисбати солҳои 1941, 1942 ва соли 1943 дар соли 1944 сатҳи бемории вараҷа паст гардад. Аммо соли 1945 ин беморӣ боз майл ба афзоиш гирифт [103, с. 167].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) фаъолияти донишкадаи тиббӣ қатъ нагардид, балки васеъ, устувору бонуфуз шуд. Вай ҳамчун донишкадаи ақибгоҳи ҷанг, зери назорати махсуси Ҳукумати Шуравӣ қарор гирифт. Аз Русия олимону устодони бомаърифату соҳибистеъдод ба донишкада барои тайёр кардани духтурони ихтисосҳои гуногун фиристода мешуданд. Аксарияти толибилмони курсҳои болоии Донишкадаи тиббии Тоҷикистон барои расонидани ёрии тиббӣ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) фиристода мешуданд.

Ба чунин ҳолати ногувори иқтисодиву-иҷтимоӣ нигоҳ накарда Ҳукумати Шуравӣ ба мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дастур дод, ки дар мудати кутоҳ, муассисаҳои тиббиро барқарор намуда, кори муътадили онҳоро ба роҳ монанд [186].

Табибоне, ки аз муассисаҳои тибби ба сафи Артиши Сурх даъват шуда буданд, баъди ҷанг боз ба ҷойҳои кории аввалаашон баргардонида шуданд.

Бо ҳамин тарз муассисаҳои тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа оҳиста-оҳиста ба маҷрои кории пеш аз ҷангӣ бармегаштанд.

Бояд қайд кунем, ки душвориҳои муваққатии солҳои ҷанг ба системаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа зарари калон расонид, зеро дар ин солҳо бо сабаби нарасидани доруворӣ ва мутахассисони ботаҷриба хуруҷи баъзе аз бемориҳои сироятӣ аз сари нав мушоҳида гардид ва ин боиси аз сари нав ташкил кардани кори истгоҳҳои тропикӣ гардид, ки дар солҳои 50-ум ба ин кор равона гардиданд. Гарчанде, ки ҷанг давраи мудҳиштарини ҳаёт аст, аммо дар баробари ин имтиҳоне буд барои давлати Шуравӣ ва ин давлат аз ин марҳила бо ғалаба баромад ва аз ҳисоби маблағҳои репаратсионӣ сохтмони иншоотҳои нав дар сар то сари мамлакат оғоз гардид.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) сардори эвакогоспитали №4451, духтури ҳарбии дараҷаи 1 Арихбаев К.П., сардори эвакогоспитали №4449 доктор Мирзоянс А., сардори эвакогоспитали №4450 доктор Мудрох И. таъин карда шуданд.

Тибби шуравӣ барои ба даст овардани ғалабаи бузург саҳми зиёд гузошт. Дар солҳои ҷанг зиёда аз 2000 беморхона кӯчонида шуд. Бисёре аз кормандони тиббии Тоҷикистон ба ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафтанд, аз ҷумла хатмкунандагони ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. Аз хатми аввали 30 июли соли 1943 83 духтур ба фронт рафтанд, тобистони соли 1944 бошад 60 духтур ба фронт рафт [156, с. 7].

Барои табобати ҷанговарони захмӣ ва бемор дар қаламрави Тоҷикистон 29 беморхонаи эвакуатсионӣ (беш аз 10 ҳазор катҳои беморхона) дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод, Конибодом, Шаҳринав, Регар, Исфара ва Орджоникидзеобод ташкил карда шуд.

Яке аз қарорҳои муҳиме, ки ба ташкили кӯмаки аввалияи захмиён ва аз майдони ҷанг баровардани онҳо таъсири мусбат расонд, фармони Комиссариати халқии мудофиа №281 аз 23 августи соли 1941 буд, ки наҷот додани захмиёнро ба қаҳрамонии ҷангӣ баробар кард. Ин фармон аз ҷониби ҳамаи кормандони тиб бо шавқ пазируфта шуд, ки онҳоро ба корҳои ҷангӣ

илҳом бахшид. Аллакай дар моҳи августи соли 1941 бародарони тиббӣ ва санитарҳои борбардор барои баровардани захмиёни майдони ҷанг бо силоҳи шахсии худ бо медалҳои ҷангӣ мукофотонида шуданд. Дар ҷанги Курск саинструктор И.М. Петлюк 35 захмиро бо силоҳи шахсӣ аз зери оташи душман берун овард ва ба ӯ унвони баланди Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ дода шуд.

Дар ҷанги назди Москва табиби тоҷик, капитани хадамоти тиббӣ Охунов Б.К. якҷоя бо сантехник командири ротаи танкистонро берун оварданд. Барои ин қаҳрамонӣ капитани хадамоти тиббӣ Охунов Б.К. бо ордени Ситораи Сурх мукофотонида шуд. Пас аз он табиб Охунов Б.К. аввалин Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ аз ҳисоби табибон дар Тоҷикистон шуд.

Дар ҷабҳаи Ленинград дар соли аввали ҷанг танҳо бародарони тиббӣ ва санитарҳои борбардор 2424 нафар захмӣ шуданд, 1131 нафар кушта шуда ва 760 нафар бедарак шуданд.

Дар ҷангҳои муҳорибаи Сталинград табибони ҷарроҳ аз Тоҷикистон К.Т. Тоҷиев, З.П. Хоҷаев, М. Мирфайзиев ба захмиён дар беморхонаҳои дивизияҳо кӯмаки ҷарроҳии тахассусӣ мерасонданд, 14-16 соат аз мизҳои ҷарроҳӣ дур намешуданд. Дар назди деворҳои Сталинград духтури калони полк капитани хадамоти тиббӣ К.Ю. Аҳмедов ба ҷанговарон ва фармондеҳон ёрии аввалини тиббӣ мерасонд. Дар солҳои ҷанг дар ҷабҳа ва ақибгоҳ зиёда аз 200 ҳазор табибон ва 500 ҳазор кормандони миёнаи тиббӣ фидокорона кору фаъолият мекарданд. Дар давоми солҳои ҷанг қариб 5,5 миллион донор барои табобати захмиён 1 миллиону 700 ҳазор литр хун доданд [156, с. 8-10].

Дар ҷангҳои пешина бо эпидемияҳо ба вуҷуд меомаданд. Қисмҳои низомии ИҶШС ба озод кардани қаламрави кишвар, ки дар он истилогарон ҳукмронӣ мекарданд, шурӯъ карданд. Натиҷаи ишғол хеле даҳшатнок буд: шаҳрҳои харобшуда ва ғоратшуда, қишлоқҳо ва деҳаҳои сӯхташуда, дор, зиндонҳо, конслагерҳо, қабрҳои кушташудагон ва ғарқшудагон, чоҳҳои бо хок ва ҷасадҳо пуршуда, қубурҳои об ва канализатсия, бадшавии шадиди

ҳолати санитарӣ, ки сабаби афзоиши беморӣ ва фавт мегардид. Эпидемияи мағзак паҳн шуда буд. 25 беморхона барои беморони тиф ҷудо карда шуда буд.

Ватан ба қаҳрамонии ҷангӣ ва меҳнати шуҷоати кормандони тиб дар ҷабҳа ва ақибгоҳ баҳои баланд дода, зиёда аз 116 ҳазор табибони ҳарбиро бо ордену медалҳо мукофотонид. Беш аз 30 ҳазор корманди тандурустӣ, 47 беморхона, баталони тиббӣ-санитарӣ ва дигар муассисаҳои табобатӣ фаъолона кор мекарданд. Ба унвони баланди Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ 42 корманди тиббӣ сазовор гардиданд, 18 нафар сазовори пурраи орденҳои Шараф шуданд. Дар байни мукофотонидашудагон аз Тоҷикистон бо ордени Ҷанги Ватанӣ К.Т. Тоҷиев, З.П. Хоҷаев, К.Ю. Ахмедов, З.А. Костенко, Г.Ш. Тоиров, бо ордени Ситораи Сурх Я.Т. Тоҷиев, В.И. Исломов, М. Мирфайзиев, Д.М. Аҳмедов, бо медали ”Барои хизматҳои ҷангӣ” М.А. Пулатов, Г.Л. Медник ва бисёр дигарон сазовор гардиданд. Мардуми шуравӣ хотираи қаҳрамонҳои тиббиро муқаддас эҳтиром мекунанд. Дар корпуси асосии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар ҷабҳа барои табибони кушташуда лавҳаи ёдгорӣ гузошта шудааст [156, с. 11-13].

Дар сохтори Комиссариати халқии тандурустии ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанг (1941-1945) 340 муассисаи амбулаторӣ-беморхона бо 4500 кат мавҷуд буд, ки дар онҳо 562 духтур ва 2743 корманди миёнаи тиббӣ кор мекарданд [175, с. 16].

То 1 январи соли 1942 16 беморхона бо 6580 кат эвакуатсия карда шуд ва 13 беморхона бо 3590 кат аз нав ташкил карда шуд, ки дар шаҳри Душанбе, Ленинобод, Конибодом ва дигар шаҳрҳо ва марказҳои калони ноҳиявии ҷумҳурӣ ҷойгир карда шуданд. Вазни таносуби захмиён ва беморони вазнин дар соли 1942 61,3%, дар соли 1943 76,2% ва дар соли 1944 81,7% – ро ташкил дод [175, с. 16].

Барои кор дар беморхонаҳои эвакуатсионӣ мутахассисони баландихтисос ва олимони тиббии ДДТТ, ба монанди Л.Ф. Пародоксов, М.А. Бухман, А.Е. Мангейм, С.Н. Вайсблат, Г.А. Рейнберг, А.С. Пенсик, Л.А.

Бариништейн, И.Л. Сендерович, С.Г. Абрин, Ф.М. Лиситса ва дигарон ҷалб карда шуданд.

Сарҷаррохи идораи госпиталҳои Наркомздрав ҶШС Тоҷикистон Н.И. Эрлихман усули табобати захмҳои шифонашавандаи бинтҳои равғани арч (можжевелник) - ро пешниҳод кард.

Саҳми табибони Тоҷикистонро аз рӯи маълумоти зерин баҳо додан мумкин аст. Ҳамин тавр, агар вазни таносуби онҳое, ки дар табобат буданд ва бозгашт ба сафи беморхонаҳои эвакуатсионии ҷумҳурӣ дар соли 1942 66% – ро ташкил медод, пас дар соли 1943 77% – ро ташкил медод. Ин нишондиҳандаҳои хеле баланд мебошанд.

Дар Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 1942 шумораи беморхонаҳои эвакуатсионӣ тадриҷан коҳиш ёфт. Бо қарори ГКО (с.1943), аз 29 беморхонаи эвакуатсионӣ 21 – тоаш ба дигар минтақаҳои кишвар, ки ба ҷабҳаҳо наздик буданд, кӯчонида ва ё барҳам дода шуданд. То соли 1944 дар Тоҷикистон танҳо як беморхона бо 200 кат боқӣ монда буд, ки баъдтар ба беморхонаи ҷарроҳии барқарорсозии ш. Душанбе барои маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ табдил дода шуд [175, с. 17-18].

Ҳамин тавр, зербоби зерин, ки оид ба масъалаи вазъи муассисаҳои тиббии минтақаи омӯзиш дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) таҳқиқот меравад, мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифт. Бояд қайд кунем, ки душвориҳои муваққатии солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ (1941-1945) ба соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа зарари калон расонид, зеро дар ин солҳо бо сабаби нарасидани доруворӣ ва мутахассисони ботаҷриба хуруҷи баъзе аз бемориҳои сироятӣ аз сари нав мушоҳида гардид ва ин боиси аз сари нав ташкил кардани кори истгоҳҳои тропикӣ гардид, ки дар солҳои 50-ум ба ин кор равона гардиданд. Гарчанде, ки ҷанг давраи мудҳиштарини ҳаёт аст, аммо дар баробари ин имтиҳоне буд барои давлати Шуравӣ ва ин давлат аз ин марҳила бо ғалаба баромад ва аз ҳисоби маблағҳои репаратсионӣ сохтмони иншоотҳои нав дар сар то сари мамлакат оғоз гардид. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда кормандони соҳаи тандурустии минтақа дар солҳои Ҷанги

Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ҳамаи душвориҳоро паси сар карда, аз уҳдаи иҷрои супоришҳои давлатӣ бо сари баланд баромаданд.

## 2.2. Таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959

Ҳамаи шаҳрвандон аз таваллуд то рӯзҳои охир ба нигоҳубин ва таваҷҷӯҳи мутахассисони соҳаи тиб ниёз доранд. Дар лаҳзаҳои душвортарин боварӣ доранд, ки дониши касбӣ, дасти хуб ва дили одамони ҷомаҳои сафед ба онҳо кӯмак мекунад, ки аз бемориҳо халос шуда, ҳаёти худ, ҳаёти хешовандон ва наздиконашонро наҷот диҳанд. Гурӯҳи зиёди кормандони соҳаи тиббии шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамеша ба вазифаи касбии худ содиқ буданд. Албатта, онҳоеро номбар мекунем, ки бо вуҷуди солҳои зиёд, қӯрғонтеппагиҳо онҳоро бо меҳрубонӣ ба ёд меоранд ва дар хотир нигоҳ хоҳанд дошт.

Аз соли 1945 инҷониб, соҳаи тандурустӣ ба меъёри осоиштаи корӣ мегузарад. Таҳкими шабакаи табобатӣ ва пешгирикунанда оғоз меёбад. Дар ноҳияҳову шаҳрҳо ва деҳот зиёда аз 10-15 беморхонаҳо ва бо шумораи муайяни катҳо кушода мешаванд. Рушди минбаъдаи тандурустии водии Вахш ҳангоми таҳкими кадрҳои он аз ҷониби хатмкунандагони аввалини Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ба даст меояд. Нишондиҳандаҳои асосии тандурустӣ дар минтақаҳои водии хеле беҳтар шуда, шумораи табибон то соли 1950 ба 128 нафар расида, шумораи муассисаҳои тиббӣ ба 27 адад расид [181].

Дар солҳои аввали баъди ҷангӣ бо сабаби суст шудани назорати беҳдошти саломатӣ ва сари вақт муолиҷа накардани кӯдакони бемор, дар қаламрави шаҳр ва ноҳияи Қӯрғонтеппа бемориҳои кӯдакона, бахусус бемориҳои сироятӣ ниҳоят афзуда буданд. Сохтани бинои нави беморхона барои кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмараи замон буд, зеро фавтидани кӯдакони навзод хеле зиёд гардид. Бояд гуфт, ки хуруҷи бемориҳои сироятӣ хоси танҳо Тоҷикистон набуд.

Эмкунии зидди сил махсусан авҷи баланд дар соли 1948 гирифт, зеро дар ин давра аз тарафи олимони шуравӣ Лешинская Е., Вакенгут А.М. ваксинаи БСЖ шакли нави ваксини хушк ихтироъ гардид. Ин ваксина бо номи БСЖ маълум буда, он барои кӯдакони навзод ҳатмӣ гардид ва таъсирнокии он муҳлати зиёд дошт [114, с. 9].

Фарқияти ваксинаи нав ва таъсирнокии он ба организми инсон дар ҷадвали поён оварда шудааст [114, с. 1744].

**Ҷадвали 3**

| Ваксина | Кӯҳна | Нав |
|---|---|---|
| БСЖ | Аз рӯзи аввал то 7 сола<br>Аз 11-12 сола<br>14-15 сола<br>17-18 сола | Аз рӯзи аввал то 7 сола<br>Дар 12 солагӣ<br>Дар 17 солагӣ |
| Дифтерия, коклюш, столбняк | 5-6 моҳа -3 маротиба<br>Баъди 9-12 моҳ<br>Ревакцинасияи 1<br>Баъди 2 сол<br>ревакцинасияи 2 | 5-6 моҳа -3 маротиба<br>6 солагӣ<br>ревакцинасияи 2 |
| Столбняк | 16-22 солагӣ | 16-17 солагӣ |
| Оспа | Аз 9 моҳагӣ<br>4 солагӣ<br>8 солагӣ<br>12 солагӣ<br>18 солагӣ | 10-12 моҳагӣ<br>8 солагӣ<br>15 солагӣ |

Дар ибтидои соли 1950 бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии вилоятӣ ва шаҳрӣ, ки роҳбараш А.В. Странов буд сохтмони беморхонаи кӯдакона оғоз ёфт [48, с. 17].

Дар охири сол мудири шуъбаи тандурустии шаҳр С.Д. Матвиенко таъин шуд, ки таҳсилоти миёнаи тиббӣ дошт. Дар он замон вилояти Қӯрғонтеппа побарҷо буду тамоми масъалаҳои дарозфосила ва рӯзмарарo шуъбаи тандурустии вилоятӣ ҳаллу фасл мекард. Муассисаҳои шаҳрӣ дар биноҳои пеш аз ҷанг сохташуда фаъолият мекарданд. Дар сӯҳбат бо собиқ

котиби авали ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа маълум гардид, ки солҳои баъдиҷангӣ муассисаҳои тиббӣ ба таври мушаххас ба вилоятиву шаҳрӣ ҷудо карда намешуданд. Тамоми муассисаҳои тиббии вилоят ва шаҳр дар ҳамин бинохое, ки ҳоло беморхонаҳои бемориҳои сироятӣ, асаб, бемориҳои руҳӣ ва ташхисгоҳи судӣ-тиббӣ воқеанд, ҷойгир буданд.

Дар соли 1950 шумораи духтурон ба 128 нафар ва шумораи муассисаҳои тиббӣ ба 27 адад расиданд [181].

Дар аввали солҳои 50 - уми асри XX беморхона қитъаи ”Комсомол” ба бинои васеътар ва равшантар кӯчонида шуд, ки он аллакай аз якчанд шуъба иборат буд. Сардухтурҳои ин беморхона дар солҳои гуногун Н.Ф. Першина, Р. Қасимов, Н.А. Ҷалилова, Н.Ҷ. Ғоибов, Ш.Я. Ҳошимова, Б.Б. Абдиев буданд, ки барои ташкили дурусти раванди табобат ва пешгирии бемориҳои гуногун қувва ва меҳнати зиёд сарф карданд.

Аз беморхонаи ”Комсомол” табибон М. Холов ва С.Д. Шепелева фаъолияти худро дар соҳаи тандурустӣ оғоз карданд.

Мудирони нуқтаҳо фелдшерӣ - акушерӣ, Ш.Саматова ва М.Ғ. Усмонова, ки соҳибихтисос буданд ва зиёда аз чил соли ҳаёти худро ба хидмати тибби деҳотӣ бахшидаанд [108, с. 417-418].

Соли 1951 беморхонаи марказии ноҳияи Даҳанакиик таъсис ёфтааст. Он вақт шуъбаҳо вуҷуд надоштанд ва хизматрасонӣ ба таври умумӣ ба беморон расонида мешуд. Ёрии таъҷилӣ ва даъватҳо барои расонидани ёрии тиббӣ ба воситаи аспҳо ва ё пиёда иҷро мешуданд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда бо кӯмаки табибони он давра бисёр касалиҳои сирояткунанда ба монанди оспа (гул), малярия (табларза), холера (обпартояк) аз байн бурда шуданд.

Бинои диспансери бемориҳои чашм (трахоматозний диспансер) ва бунгоҳи бемориҳои пӯст дар рӯ ба рӯи мактаби №3 ҷойгир буданд. Бинои ҳозираи бемориҳои сироятӣ баъди ҷанг, то сохтани бинои нав шуъбаи таваллудхонаи беморхонаи вилоятӣ буд, ки онро табиби ниҳоят ботаҷриба, ҳалиму мушфиқ Матвеева С.Н. сарварӣ мекард. Шуъбаи кӯдакона низ дар

ҳайати беморхонаи зикршуда буд. Сарварии ин шуъбаро табиби хоксору мушфиқ Фролов К.А. ба уҳда дошт, ки табиби ниҳоят ботаҷриба ва ташкилотчии моҳир буд» [7, суҳбат]. Бинои беморхонаи кӯдакон дар маркази ноҳия, ки сохтмонаш давом дошт, соли 1951 ба охир расиду ба истифода дода шуд [48, с. 18].

Шабакаи диспансерҳо хеле рушд кард. Дар ҷумҳурӣ 28 диспансер, ки аз онҳо зидди сил 5 адад, диспансери пӯсту венерологӣ 7 адад, онкологӣ 3 адад, трахоматозӣ 7 адад, табибӣ-ҷисмонӣ 5 адад ва зиддизобӣ 1 адад арзи вуҷуд доштанд. Муассисаҳои ин навъи ҳоло дар ҳамаи марказҳои вилоятиву ҷумҳурӣ мавҷуданд. Дар соли 1953 ҳавопаймоҳои авиатсияи санитарӣ тақрибан 1000 парвоз анҷом доданд [169, с. 18].

Вазъияти ноҳияҳо низ рӯ ба беҳбудӣ овард. Чунончи солҳои 50-ум дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён як беморхонаи дорои 19 кат, нуқтаи бемориҳои тропикӣ ва 5 бунгоҳи тиббӣ амал мекард, ки дар онҳо табибони аз Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ омада, фаъолият доштанд. Табибони ихтисосҳои зарурӣ аз Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба ин минтақа фиристода шуданд. Ҳамаи муассисаҳои аз фаъолиятмонда боз ба кор шуруъ карданд. Беморхонаи марказии ноҳия таъмир, васеъ ва ба шуъбаҳо тақсим карда шуд [70, с. 75-76].

Масъалаҳои густариши шабакаи муассисаҳои табобатӣ, таъмини ин муассисаҳо бо кадрҳои баландихтисоси мутахассисон ва таҳкими заминаи моддии онҳо дар солҳои гуногун аз ҷониби мудирони шуъбаҳои тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа А. Ординартсева (с. 1932-1935), Қодирова З.Б. (с. 1935-1938), Варварова С.А. аз нимаи дуюми солҳои сиюми асри XX, Роднина З.П. ва Титяпова А.А. (с. 1940-1950), Ҳакимова С.Ҳ. (баъдтар аввалин зани тоҷик - доктор илмҳои тиббӣ, олима бо номи ҷаҳонӣ), Наврӯзов С. буданд. Аз ҷумла сардухтурҳои беморхонаҳо ва поликиникаҳо, муовинони онҳо роҳбарони моҳир ва мутахассисони категорияи олӣ Сикачев А.Е., Алиев Ҷ.Б., Искандаров Я.К., Халиков О., Акопов Р.К. иштирокчии Ҷанги Бузурги

Ватанӣ, Гамидов К., Турсунов Ҷ., Тағоев С.Ҷ., Одинаева М.И. ҳамчун мутахассиси соҳаи худ буданд.

Хидматҳои махсус дар соҳаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа бо Б. Вохидов тааллуқ доранд, ки тақрибан ним асри ҳаёти худро ба ҳифзи саломатии одамон бахшидааст. Ватан ба осори Б.Воҳидов баҳои баланд дода, ӯро бо ордени байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида, ба ӯ унвони фахрии “Табиби шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” - ро дод.

Дар ташкили табобати муассир нақши бузург ба роҳбарони соҳаи тандурустии миёна - мудири шуъбаҳои беморхонаҳо тааллуқ дорад, ки дар байни онҳо мутахассисони баландихтисос ба монанди Рязанова Наталя - мудири шуъбаи таваллудхонаи шаҳри Қӯрғонтеппа дар миёнаи солҳои 1940-1946, Раҳматов Теша - дорандаи ордени ”Дӯстии халқҳо”, Евдокимова Е.А., Титова Л.И., Жемчужникова Л.В. - мудири поликлиникаи шаҳрӣ, Раҳматова Б.Х., Бочкарева Н.Р., Қурбонов У.Х., Беляева Н.А. - мудири поликлиникаи шаҳрӣ, баъдтар мудири шуъбаи тандурустии Ҳукумати шаҳри Душанбе, Қурбонова М.Ғ., Кравченко Н.П. педиатри калони вилояти Қӯрғонтеппа, Нуриддинов Ҳ., Ҷӯраева С., Жучина Е.С. буданд.

Инчунин духтурони шаҳри Қӯрғонтеппа А.А. Шелогурова (с.1924-1935), Баранчиков Д.П., Е. Андреева, Исмаилова Н.Г., Менгликеева Р.М., Титова Л.И., Саломатова А.С., Р.А. Журкина, А. Кавешников, А. Кехтер, А. Калесников, Т.Р. Ашуров, О.А. Кравчук, В. Кузнетсов, Горб Н.В., Абдураҳмонов А.Ҳ., Потселуйкина Т.В., Левак Л.И., Иванова К., Рарри В.П., Шепелева С.Д., Шамсиев Ҷ. (баъдтар номзади илми тиб), Наҷмудинова М. (доктори илми тиб), Каримова М.Л., Кизиева З.Ҷ., Раҳматова Л.Т., Мустафоқулова М.М., Алимардонов Р. ва Жучина Е. ба мардум хизмати софдилона менамуданд [108, с. 413-414].

Гурӯҳи мутахассисон барои иҷрои корҳои диссертатсионӣ аз Тоҷикистон ба муассисаҳои илмии Маскав фиристода шуданд. Академикҳо А.Н. Бакулев, Е.Н. Павловский, А.Д. Сперанский, П.К. Анохин, профессорҳо Н.Н. Блохин, Б.Г. Блов, Д.А. Жданов, К.Н. Жмакин, П.Ф. Здродовский, И.А.

Кассирский, Г.А. Руднев, Е.М. Тареев, В.Е. Терновский ва онҳое, ки дар тайёр кардани мутахассисон ва олимони баландихтисос барои ҷумҳурӣ иштирок кардаанд. Аз соли 1950 дар ДДТТ ба номи А. Сино барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ замина пайдо шуд.

Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 1954 26 маротиба афзуда, 3452 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо: фелдшерҳо ва фелдшерҳо-акушерҳо 918, фелдшерҳои санитарӣ 106, ҳамшираҳои тиббӣ 1563, лаборантҳо 260, табибони дандон 111, дезинструкторҳо ва дезинфекторҳо 93, ёрдамчиёни провизорҳо 255 нафар буданд. Омодасозии кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби панҷ мактаби миёнаи тиббӣ дар шаҳрҳои Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хоруғ ва Сталинобод амалӣ карда шуд. Кумитаи марказии ҷамъияти Салиби Сурх дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ 4000 корманди миёнаи тиббиро тайёр кард.

Дар аввали соли 1954 дар ҷумҳурӣ 173 беморхона бо 8071 кат, аз ҷумла дар шаҳрҳо 55 беморхона бо 6039 кат, 1426 духтур ва 3452 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият мекарданд ва буҷети тандурустии ҷумҳурӣ тақрибан 200 миллион рублро ташкил дод.

Аввалин номзади илми тиб дар байни тоҷикон Я.А. Раҳимов (с.1949) буд, дар соли 1950 аввалин номзади илми тиббӣ дар байни занони тоҷик С.Х. Ҳакимова буд. Дар системаи тандурустӣ дар соли 1967 дар Тоҷикистон 27 доктори илм ва 200 номзади илм кор мекарданд. Дар Душанбе дар соли 1967 нахустин конфронси патофизиологҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон баргузор гардид. Дар рушди илми тиб Донишкадаи тибби минтақавӣ, ки дар назди Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон дар соли 1959 таъсис ёфтааст, нақши муҳим бозидааст [189].

Донишкадаи эпидемиология ва гигиенаи ш. Душанбе солҳои охир дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Кӯлоб конфронсҳои илмӣ-амалӣ доир намуданд. Инчунин сессияҳои сайёри ДДТТ ба номи А. Сино дар шаҳрҳои Хоруғ, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ленинобод гузаронида шуд. Дар Тоҷикистон 21 ҷамъияти илмии ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуда буд [189].

Фаъолияти фидокоронаи табибони пешрафтаи рус дар Осиёи Миёна дар рушди тибби Туркистони пеш аз инқилоб саҳифаҳои зиёди шукӯҳу шаҳоматро сабт кард [151, с. 60].

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) шумораи зиёди кормандони тиб ба ҷанг сафарбар карда шуданд. Кормандони боқимонда ба ҷои ду-се нафар кор мекарданд. Бинобар сабаби нарасидани духтурони касбӣ, вазифаҳоро кормандони соҳибтаҷрибаи миёнаи тиббӣ иҷро мекарданд.

Ба муассисаҳои тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа духтурон бо таҳсилоти олӣ, аз одамони таҳҷоӣ, солҳои 50 - уми асри XX ба кор омаданд. Онҳо асосан хатмкунандаҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон буданд. Яке аз табибони аввалин аз мардуми таҳҷоии минтақаи Қӯрғонтеппа, ки соли 1957 Донишгоҳи тиббиро тамом карда ба шаҳри Қӯрғонтеппа омад М. Боймуродов буд. Дар худи ҳамон сол духтур Б. Олимов бо таҳсилоти олӣ, бо тахасуси ҷарроҳ бо роҳхат ба беморхонаи шаҳри Қӯрғонтеппа ба кор фиристода шуд [4, сух]бат.

Дар солҳои 1955-1960 дар минтақаи Қӯрғонтеппа миқдори зиёди беморони замбурӯғӣ ба қайд гирифта шуда буданд. Бо дарназардошти ин ҳамасола катҳо барои чунин беморон гузошта мешуданд [169, с. 7].

Шумораи беморхонаҳо дар ҷумҳурӣ дар тӯли 25 соли охир 8 маротиба афзудааст. Дар солҳои 1929-1954 барои сохтмони биноҳои муассисаҳои тиббӣ 100 миллион рубл сарф карда шуд. Дар ноҳияҳои Тоҷикобод, Шурообод (ҳоло н. Ш. Шоҳин), Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) беморхонаҳо сохта шуданд. То 1 январи соли 1954 кабинетҳои рентгении 35 беморхона, кабинетҳои физиотерапевтӣ ва шуъбаҳои 15 беморхона, озмоишгоҳҳои клиникӣ-ташхисӣ 61 беморхона, шуъбаҳои патологӣ-анатомӣ ва кабинетҳо 9 беморхона доштанд. Аз байни беҳтарин беморхонаҳои деҳотӣ беморхонаи қитъавии Калини ноҳияи Кагановичободро қайд кардан мумкин аст [169, с. 7].

Яке аз хусусиятҳои хоси минтақаи Қӯрғонтеппа дар он буд, ки дар ин минтақа бо таъсири иқлими минтақа ва обҳои он бемориҳои мавсимб сар

мезаданд. Чунончи дар фасли баҳор дар солҳои 50-ум аҳолӣ гирифтори бемории замбуруғ мегардид. Диспансеризатсия ҳамчун методи табобат махсусан барои бемориҳои иҷтимоӣ зарурат дошт, ки ба онҳо гурӯҳи бемориҳои сирояткунанда, сил, вараҷа ва дигар бемориҳо дохил мешуданд [128, с. 16]. Аз ин рӯ, зарур шуморида шуд, ки аҳолӣ сари вақт аз диспансеризатсия гузаронида, пеши роҳи паҳншавии ин бемориҳо гирифта шавад.

Дар натиҷа бисёр бемориҳое, ки паҳншуда ҳисоб мешуданд, ба монанди касалиҳои нағзак, қизилча, вабо, хурусак, кабутхафа, фалаҷ ва вараҷа ба воситаи гузаронидани эм пурра аз байн рафтанд. Солҳои 50 - уми асри ХХ бо сабаби дар каламрави вилояти Қӯрғонтеппа зиёд будани бемориҳои сил, бинои кӯҳнаи Беморхонаи марказии ноҳия ба санаторияи вилоятии бемориҳои сил табдил дода шуд. То ин замон бинои нави Беморхонаи марказии ноҳия аз ҳисоби маблағҳои маҳаллӣ ва бо таври ҳашар ба истифода дода шуд. Соли 1952 диспансери шаҳрии зидди бемории сил ба диспансери вилоятии зидди бемории сил табдил дода шуд ва дар бинои ҳозираи диспансери бемориҳо пӯст ва зӯҳравӣ ҷойгир буд.

Моҳи январи соли 1952 бо фармони Раёсати тиббии вилоятӣ сардухтури диспансери бемориҳои пӯст Шегас Х.М. таъин гардид. Аз соли 1953 Диспансери вилоятии бемориҳои пӯст ва ҷинсӣ дар маркази шаҳр бо масоҳати 58,9 метри мураббаъ ҷойгир шуда буд. Дар бино ҳамагӣ 1 палата ва 5 кат барои беморон ҷой карда шуда буд. Ба ин шароити вазнин нигоҳ накарда, ташхисҳои микроскопӣ ва серологӣ гузаронида мешуданд [56, с. 16].

Масъалаҳои беҳтар кардани тандурустӣ ва хизматрасонии тиббии аҳолӣ дар фаъолияти Шуроҳои вакилони меҳнаткашон ҷойгоҳи муҳимро ишғол карданд [95, с. 348-373]. Шурои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Қӯрғонтеппа дар иҷлосияи 2-юми худ, ки 28 апрели соли 1953 баргузор гардид [95, с. 348-373], масъалаи ”Дар бораи вазъи хизматрасонии тиббии аҳолии деҳоти ноҳия” - ро баррасӣ кард ва роҳҳои беҳтар кардани тандурустиро муайян кард ва 20 феврали соли 1954 ба қарори ”Дар бораи

кори шуъбаи тандурустии ноҳия барои соли 1953 ва вазифаҳои соли 1954” қайд кард [47, с. 15], ки кормандони ноҳия таҳти роҳбарии ташкилоти ҳизбӣ дар хизматрасонии тиббии аҳолии деҳот муваффақиятҳои муайян ба даст оварданд [95, с. 348-373].

Шурои ноҳиявии Октябри (ҳоло н. Кӯшониён) вакилони меҳнаткашон дар иҷлосияи чорум, ки 3 октябри соли 1951 баргузор шуд , инчунин масъалаи ”Дар бораи кори мақомоти тандурустӣ дар давраи маъракаи пахтачинӣ” [96, с. 34] - ро баррасӣ кард, иҷлосия роҳҳои беҳтар кардани хизматрасонии тиббии аҳолиро пешбинӣ кард. 7 майи соли 1953 иҷроияи шурои ноҳия қарори ”Дар бораи чорабиниҳо оид ба ташкил ва гузаронидани истироҳат ва солимгардонии кӯдакон дар давраи тобистони соли 1953” [49, с. 5-7,65]- ро қабул кард. Дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ чунин чораҳо андешида шуданд.

Яке аз хусусиятҳои сиёсати Давлати Шуравӣ дар ин давра аз он иборат буд, ки ҳар чи тезтар масъалаи таъмини соҳаи тибро бо мутахассисони маҳаллӣ ба роҳ монад, зеро духтуроне, ки аз марказ ва шаҳрҳои Россия ба минтақаи Қӯрғонтеппа меомаданд, шароити гармии ин минтақаро тоқат намекарданд ва бо ҳамин сабаб тез-тез иваз мешуданд. Дар ҳамин давра дар ноҳияи Ворошиловобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) аввалин сардухтури беморхона аз ҳисоби мутахассиони тоҷик Каримов Сафар ба фаъолияти кори худ оғоз кард [69, с. 56].

Дар ин солҳо вазъияти соҳаи тиб беҳтар гардида бошад ҳам, аммо норасогии мутахассисон эҳсос мегардид. Аз сабаби нарасидани мутахассисони ботаҷриба дар деҳотҷойҳо табибон берун аз ваколат ва ихтисоси худ кор мекарданд. Дар чунин маврид онҳо чи дар гузоштани ташхис ва чи дар муайян кардани намуди беморӣ ба ҳаттогиҳо дучор мешуданд. Чунончи аз 18 намуди бемории сил ва 10 намуди бемории дарунравӣ ва шикам, табибон танҳо як намуди ин дардро медонистанд ва яксон аз рӯи ҳамин намуд табобатро пеш мебурданд. Чунин муносибат на ҳама вақт бо табобати беморон анҷом меёфт [125, с. 16].

Дар соли 1954 дар хонаҳои таваллуд ва шуъбаҳои таваллуди беморхонаҳои умумии ҷумҳурӣ 900 кат арзи вуҷуд дошт (дар соли 1929 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 130 кати таваллуд буд). Чунин шуъбаҳои таваллуд дар ноҳияҳои Микоянобод (Қубодиён), Октябр (Вахш, Кӯшониён), Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) ва бисёр дигар ноҳияҳо мавҷуд буданд.

Дар соли 1954 дар ҷумҳурӣ 117 муассисаи санитарӣ-зидди эпидемиологӣ, аз ҷумла истгоҳҳои санитарӣ-эпидемиологӣ 69 адад, истгоҳҳои зидди малах 46 адад, як истгоҳи дезинфексионӣ ва як истгоҳи зидди бруселлезӣ ташкил карда шуданд. Дар соли 1929 дар ҷумҳурӣ 22 дорухона буд ва дар соли 1954 ба 100 дорухона расид. Шумораи табибон дар соли 1929 51 нафар буд, дар соли 1954 28 маротиба афзуда, ба 1426 нафар расид. Дар маҷмӯъ дар муассисаҳои тиббии мутахассисони дорои маълумоти олӣ (аз ҷумла провизорҳо, биологҳо, химикҳо ва ғайра) қариб 1500 нафар кор мекарданд [169, с. 9].

Дар баробари ин, коллегия камбудиҳои ҷиддии дар хадамоти хунгузаронӣ ва донорӣ мавҷудбударо қайд кард. Дар беморхонаҳои Сталинобод, Обигарм, Варзоб, Ҷиргатол ва баъзе дигар ноҳияҳо хунгузаронӣ истифода намешавад. Дар як қатор муассисаҳои табобатӣ-профилактикии шаҳри Сталинобод (таваллудхонаи Сталинобод №2, беморхонаи ҷумҳуриявӣ, шуъбаи терапевтии беморхонаи шаҳрӣ) танҳо гурӯҳи 1-и хунро бе муайян кардани гурӯҳи хун дар ресипиентҳо интиқол медиҳанд. Хуни консервшуда аксар вақт нодуруст нигоҳ дошта мешавад ва гемолиз мешавад, ки метавонад ба мушкилоти пас аз трансфузнонӣ оварда расонад. Духтурони баъзе беморхонаҳои ноҳиявӣ аксар вақт хуни консурвшударо нолозим менависанд. Миқдори зиёди хуни консервшудаи вайроншуда дар беморхонаҳои ноҳияҳои Октябр (ҳоло н. Вахш ва Кӯшониён), Микоянобод (н. Қубодиён) ва Тавилдара пайдо шуда буд [140, с. 46].

Дар солҳои 1954 ва 1955 Вазорати тандурустӣ 6 ясли кӯдаконро барои 210 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дод, 7 ясли кӯдаконро барои 389 ҷойи

нишаст корхонаҳои саноатӣ (меххлебзавод, фабрикаи абрешим, бофандагӣ ва трикотажӣ ва НБО Шаршара (Перепадная)) сохтаанд [140, с. 46].

Дар солҳои 50-уми асри XX дар ҶШС Тоҷикистон 22 дорухонаи марказии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ва 4 идораи дорухонаҳои байниноҳиявӣ бо пойгоҳҳои таъминоти дахлдор (шаҳрҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Ҳисор, Орджоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва Кӯлоб) таъсис дода шуданд. Онҳо роҳбарии ташкилию методии шабакаи дорухонаҳоро амалӣ мекунанд, онҳоро бо доруворӣ ва таҷҳизот таъмин мекунанд. Дар назди Раёсати асосии дорухонаҳо (ГАПУ-РАД) истеҳсоли гален ташкил карда шудааст, ки иқтидори он сол аз сол меафзояд. Он бо 10 намуди таҷҳизоти автоматикунонидашуда муҷаҳҳаз карда шудааст, 55 намуди бастабандӣ ва тақрибан 50 намуди доруҳои галенӣ истеҳсол карда мешаванд [139, с. 3-7].

Шумораи истгоҳҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, ки дар Тоҷикистон то соли 1952 ба 79 адад расид, дар робита ба васеъшавии ноҳияҳо ва барҳамдиҳии вилоятҳои алоҳида, то соли 1956, то 58 адад коҳиш ёфт [173, с. 223]. Дар ин вақт дар ҳайати 39 санэпидистгоҳ озмоишгоҳҳои санитарӣ-бактериологӣ мавҷуд буданд, ки дар 15-тои онҳо шуъбаҳои ҳисоби хоҷагии дезинфексияи профилактикӣ ҷойгир карда шуда, 5 хонаи маърифати санитарӣ фаъолият мекарданд. Шумораи табибоне, ки дар муассисаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ кор мекунанд, ба 157 нафар расид, аз ҷумла 72 табиби санитарӣ буданд. Дар истгоҳи санитарӣ-эпидемиологии ҷумҳуриявӣ озмоишгоҳҳои нави хӯрокворӣ, коммуналӣ ва каме баъдтар озмоишгоҳҳои назорати ҳавои атмосфера, радиолоӣ ва токсикологӣ ташкил карда шуданд.

17 январи соли 1956 Коллегия масъалаи ”Дар бораи ҳолати хадамоти интиқоли хун ва донорӣ дар ҶШС Тоҷикистон”, гузориши сардухтури истгоҳи ҷумҳуриявии интиқоли хун С.И. Раҳимов, гузоришҳои мудирони шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳои Орджоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат), Сталинобод (ҳоло ш. Душанбе), Куйбишев (ҳоло н. А. Ҷомӣ) ва гузориши сардори шуъбаи кӯмаки табобатӣ-профилактикӣ ба кӯдакон ва модарон Л.В. Пелих дар бораи иҷрои Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 24

марти соли 1954 ва фармони вазири тандурустии ИҶШС аз 6 феврали соли 1954 ”Дар бораи рушди шабакаи яслии кӯдакон дар ҶШС Тоҷикистон” шунида шуд [139, с. 3-7].

Соли 1960 дар баробари беморхонаи қитъаи ”Комсомол” боз як беморхонаи дигар дар деҳаи Заргар, дар бинои собиқи идораи колхоз кушода шуд [108, с. 418].

Дар ин боб марҳилаҳои асосии рушди тандурустии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои баъдиҷангӣ (1946-1970) равшан карда шудаанд. Онҳо на танҳо бо суръати баланди рушди тандурустӣ ва илми тиб, таҳкими заминаи моддию техникии онҳо, балки бо миқёси бузурги сохтмони муассисаҳои нави намунавии табобатӣ ва пешгирикунанда дар шаҳру деҳот хос буданд дар солҳои 1958-1970 барои эҳтиёҷоти тандурустии ҷумҳурӣ тақрибан 575 миллион рубл равона карда шуда буд. Буҷети тандурустии ҷумҳурӣ дар соли 1970 90 миллион рублро ташкил дод (дар муқоиса бо соли 1945 13 маротиба зиёдтар). Дар ҷумҳурӣ 291 муассисаи беморхона (на бештар аз 29 ҳазор кат), 51 санэпидистгоҳ ва зиёда аз 4 ҳазор духтур ва 14,2 ҳазор корманди миёнаи тиббӣ мавҷуд буд. Нишондиҳандаҳои хусусияти аҳолӣ бо катҳои беморхона аз 40,4 дар соли 1945 то 98,5 дар соли 1970 ва табибон мутаносибан аз 3,6 то 16,3 дар 10 ҳазор аҳолӣ афзоиш ёфтанд [173, с. 239].

Таҳкими заминаи моддии тандурустӣ барои татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои зидди эпидемия ва табобатӣ-профилактикӣ, коҳиши минбаъдаи беморӣ ва фавт ва аз ин рӯ беҳтар кардани вазъи саломатии аҳолӣ шароити зарурӣ фароҳам овард. Ба беҳтар кардани вазъи саломатии аҳолӣ, беҳтар кардани хизматрасонии тиббии коргарони саноатӣ, пахтакорон ва чорводорон диққати бештар дода мешуд. Дар ин давра инчунин ба масъалаҳои рушди шабакаи муассисаҳои кӯдакона ва таваллуд ва баланд бардоштани сатҳи кори пешгирикунанда ва табобатӣ-ташхисии ин муассисаҳо диққати калон дода шуд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ оид ба тиб, ки дар Донишкадаи тиббӣ ва ду Донишкадаи илмӣ - тадқиқотӣ гузаронида

шуданд, хеле васеъ рушд карданд. Онҳо ба таври назаррас ба ҳалли мушкилоти патологияи минтақавӣ, алахусус сироятӣ равона карда шуданд; дар баробари ин, таҳқиқоти назариявӣ низ рушди калон пайдо карданд. Аммо андоза ва сохтори сабабҳои фавти кӯдакон ба таври кофӣ омӯхта нашудааст,

Баланд бардоштани устувори некӯаҳволии моддӣ ва сатҳи фарҳангии зиндагии мардум, татбиқи чораҳои зидди эпидемия, пешгирикунанда ва табобатӣ ба беҳбуди соҳаи тандурустӣ таъсири ҳалкунанда расонд [173, с. 239].

Нигаронии ҳукумат дар бораи беҳтар кардани тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар он ифода меёфт, ки маблағҳои давлатӣ барои ин мақсадҳо сол аз сол меафзуданд. Масалан, дар соли 1955 нисбат ба соли 1940 маблағҳои давлатӣ қариб 3 маротиба афзуд, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ 2,7 маротиба [112, с. 280-281]. Танҳо дар солҳои панҷсолаи панҷум сармоягузорӣ ба соҳаи тандурустӣ 5818,0 ҳазор рублро ташкил дод, ё ду маротиба зиёдтар аз солҳои панҷсолаи чорум буд [111, с. 372-373].

Илова бар ин, хароҷоти колхозҳо барои ин мақсадҳо дар соли 1955 нисбат ба соли 1940 беш аз 2 маротиба афзуд [72].

Трахома дар байни аҳолии бумии ҷумҳурӣ то солҳои 50 - уми асри XX на камтар аз сил паҳн шуда буд. Дар ин маврид ҳам шаҳри Қӯрғонтеппа низ истисно набуданд. Дар мубориза бо ин беморӣ беморхонаи чашм, ки соли 1978 кушода шуд, нақши калон бозид (пеш аз он беморхонаи шаҳрӣ ва поликлиника бо табобати бемориҳои чашм машғул буданд).

Дар гузориши Кумитаи марказӣ дар Анҷумани X ҲК Тоҷикистон қайд карда шуд, ки дар солҳои 1954-1955 хароҷоти хизматрасонии тиббии аҳолӣ, ба ғайр аз маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагидорӣ, 355 миллион рублро ташкил медод [44, с. 36].

Ба шарофати ин, шумораи муассисаҳои беморхона дар ҷумҳурӣ дар давраи баъдиҷангӣ ба таври назаррас афзуд. Агар дар соли 1940 дар Тоҷикистон 121 муассисаи беморхона мавҷуд буд, пас дар соли 1950 150 беморхона ва дар соли 1955 205 беморхона мавҷуд буд [113, с. 269].

Шумораи муассисаҳои беморхона дар деҳот то соли 1955 нисбат ба соли 1945 1,55 маротиба афзудааст [204, с. 484-485]. Танҳо дар соли 1954 16 беморхонаи қитъавӣ барои 220 кат, 44 муассисаи тиббӣ дар ноҳияҳо аз нав ташкил карда шуданд [140, с. 35].

Дар соли 1955 дар ҷумҳурӣ 242 муассисаи амбулаторӣ - поликлиникии тиббӣ ва 409 муассисаи кӯмаки фелдшерӣ - амбулаторӣ мавҷуд буд [113, с. 280-281]. Шумораи муассисаи фелдшерӣ - акушерӣ дар деҳот аз 374 адади дар соли 1954 то 388 адад дар соли 1955, яъне 3,8% зиёд шуд [2, с. 179].

Дар баробари ин шумораи катҳои беморхона зиёд шуд. Дар солҳои 1940-1955 шумораи катҳои беморхона дар ҷумҳурӣ беш аз ду баробар афзуд [95, с. 356]. Дар соли 1955 нисбат ба соли 1953 фонди кат 11,8%, аз ҷумла дар деҳот 16,7% афзуд [45, с. 13].

Илова бар ин, таҷҳизоти беморхонаҳо бо дастгоҳҳои табобатӣ ва озмоишгоҳҳо беҳтар карда шуд. Инро он далел тасдиқ мекунад, ки дар охири панҷсолаи панҷум дар кишвар шумораи умумии муассисаҳои табобатӣ - профилактикии ҷумҳурӣ 72 кабинетҳои рентгенӣ, 28 кабинетҳои физиотерапевтӣ, 107 клиникӣ - ташхисӣ, 11 патолого-анатомикӣ, 3 кабинетҳои патологӣ - гистологӣ ва озмоишгоҳҳо доштанд [113, с. 270].Аз 35 беморхонаи ноҳиявии деҳот 27 – тоаш беморхонаи клиникӣ-ташхисӣ буд [45, с. 16].

Муассисаҳои табобатӣ-профилактикии ҷумҳурӣ барои ҳифзи саломатии коргарон корҳои зиёдеро анҷом доданд. Шумораи ташрифҳои аҳолӣ ба муассисаҳои амбулаторӣ-поликлиникӣ дар аввали соли 1956 нисбат ба соли 1940 70% [173, с. 7]. ва дар соли 1954 нисбат ба соли 1953 дар ҷумҳурӣ 10% афзоиш ёфт [2, с. 177].

Таҳлили маводи бойгонӣ дар бораи кори муассисаҳои тиббӣ оид ба расонидани кӯмаки тиббӣ ба аҳолии деҳот нишон медиҳад, ки истифодаи фонди кат дар соли 1955 нисбат ба соли 1954 афзоиш ёфт. Агар дар соли 1954 катҳо дар беморхонаҳои қитъавии деҳот 190 рӯз кор мекард, пас дар соли 1955 220 рӯз кор кард. Шумораи катҳои терапевтӣ ва ҷарроҳӣ зиёдтар

шуданд. Катҳои терапевтӣ дар соли 1955 ба ҷои 250 рӯз дар соли 1954 265 рӯз ва ҷарроҳӣ мутаносибан 177 ва 145 рӯз кор кард.

Хизматрасонии аҳолии ҷумҳурӣ ва вилояти Қӯрғонтеппа дар хона беҳтар шуд. Масалан, агар дар соли 1954 ба 272,3 ҳазор нафар дар хона хизмат расонда шуда бошад, пас дар соли 1955 ба 306,4 ҳазор нафар дар хона хизмат расонида шуд, яъне зиёда аз 12,5% афзуд, ки қариб 50% - и онҳоро аҳолии деҳот ташкил медоданд.

Дар кори хизматрасонии тиббии аҳолии деҳот, хусусан минтақаҳои кӯҳию баландкӯҳ ва деҳаҳо, ёрии таъҷилӣ ва санавиатсия нақши калон бозиданд. (Санавиатсия дар ҷумҳурӣ соли 1937 таъсис ёфтааст).

Шумораи истгоҳҳои ёрии таъҷилӣ аз соли 1929 то соли 1956 25 адад афзоиш ёфт. Дар соли 1956 онҳо ба 142300 бемор хидмат расониданд. Илова бар ин, ба 3000 бемор бо санавиатсия хизмат расонида шуд [2, с. 171-178].

Корҳои тарбиявӣ дар байни коргарони деҳа, ҳаёти фарҳангии онҳо ва баланд бардоштани маърифати санитарии кормандони тиб натиҷаҳои мусбат доданд. Шумораи таваллудҳое, ки бе кӯмаки корманди тиббӣ мегузаштанд, сол аз сол хеле коҳиш ёфт, аммо дар ноҳияҳои Шаҳритӯс, Колхозобод, Ленинобод ва бисёр дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ин амал ба таври назаррас мушоҳида мешуд.

Дар охири панҷсолаи панҷум шумораи таваллудхонаҳои колхозӣ зиёд гардид. Дар ин вақт таваллудхонаҳои колхозҳои ба номи Сталини ноҳияи Кӯлоб, ба номи Ворошилови ноҳияи Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд), ба номи Ленини ноҳияи Шаҳринав, ба номи Сталини ноҳияи Панҷ, ноҳияҳои Орджоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) якчанд колхозҳо маблағҳои худро муттаҳид карданд ва таваллудхона барои 60 кат сохтанд [95, с. 361].

Муттаҳидкунии колхозҳои ҷумҳурӣ имконият дод, ки беморхонаҳо ва дигар нуқтаҳои саломатӣ сохта шаванд. Масалан, дар як соли панҷсолаи панҷум дар колхозҳои алоҳидаи ноҳияи Қӯрғонтеппа, колхози" Москва"-и ноҳияи Октябр (ҳоло Вахш) ва дигарон беморхонаҳои калон ва

таваллудхонаҳо сохта ба истифода дода шуданд. Агар дар давоми панҷсолаи панҷум дар деҳоти ҷумҳурӣ 44 беморхона нав кушода шуда бошад, пас 40 - тои онҳо дар колхозҳо буданд. Танҳо дар солҳои 1954-1955 таваллудхонаҳо дар 4 колхози ҷумҳурӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Дар давраи солҳои 1946-1955 ҳукумати кишвар ба афзоиши тайёр намудани шумораи кадрҳои баландихтисоси кормандони тиб ноил шуданд. Дар ҷумҳурӣ шумораи табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ сол аз сол меафзуд [138, с. 3-6].

Дар охири соли 1955 шумораи умумии табибон (аз ҷумла дандонпизишкон) дар ҷумҳурӣ ба 1819 нафар расид [95, с. 362]. Ин нисбат ба соли 1946 2,8 маротиба зиёд буда, дар панҷсолаи панҷум шумораи табибон нисбат ба соли 1950 24 фоиз афзуд. Шумораи табибон дар деҳот махсусан босуръат меафзуд. Масалан, дар соли 1954 шумораи табибон дар ин ҷо 3,6 маротиба ва дар соли 1955 нисбат ба соли 1946 қариб 5 маротиба афзуд.

Ғамхории ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи хизматрасонии тиббии аҳолии деҳот имкон дод, ки шумораи духтурони деҳаҳои колхозӣ дар соли 1955 то 79,8% дар муқоиса бо 23,6% дар соли 1940, 26,3% дар соли 1950 ва 63,7% дар соли 1954 расонида шавад. Дар шаҳрҳо дар соли 1955 шумораи онҳо 91,9% дар муқоиса бо 85,4% дар соли 1954 буд.

Дар ихтисосҳои алоҳида: терапевтҳо 77,3%; ҷарроҳон зиёда аз 89%; акушерҳо - гинекологҳо 77,3%; педиатрҳо 78,2% буданд. Шумораи умумии машваратҳои занона, кӯдакона ва занона-бачагона, ки ба аҳолии деҳот хизмат мерасонанд, афзоиш ёфт ва дар охири соли 1955 87% - ро ташкил дод. Ва муассисаҳои фелдшерӣ-акушерӣ пурра карда шуданд [2, с. 78,176,179].

Ҳамин тариқ, дар солҳои панҷсолаи чорум ва панҷум ҳукумати Шуравӣ бо рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва фарҳанг ғамхории доимии саломатии коргаронро барои кардани мақомоти тандурустӣ маблағҳои зиёд ҷудо кард. Чорабиниҳои гузаронидашуда барои хизматрасонии минбаъдаи тиббӣ ба аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ёрии тиббии дастраси умум гардид

ва табибони соҳибихтисос дар мамлакат ба шаҳрвандон хизмат мерасониданд [95, с. 348-373].

Аммо қарори Шурои Вазирон ва фармони Вазири тандурустии ҶТ дар маҷмӯъ иҷро нашудааст. Нақшаи ҷойгиркунии яслиҳо сол аз сол иҷро намешавад. Дар соли 1954 дар шаҳр 284 ҷой ва дар деҳот 282 яслиҳо ҷойгир карда нашудааст. Дар соли 1955 дар шаҳр 80 ҷой ва дар деҳот 20 ҷой ҷойгир карда нашудааст. вазъияти вазнин бо ҷойҳои яслӣ дар Сталинобод ба вуҷуд омад. Дар ҷойҳои ҳамвор ба афзоиши аҳолӣ комилан мувофиқат намекунад ва талаботи шаҳр дар ҷойҳои яслӣ амал мекунад.

Дар кӯдакистони Сталинобод, Хоруғ, Ленинобод ва Кӯлоб бисёр тангӣ ба амал меояд. Майдони муфид барои як кӯдак хеле хурд аст. Хизматрасонии тиббии кӯдакон дар баландии мувофиқ нест. Табибон Т.Кузнетсова, Фисенко, Путнина, Милнер рушди дурусти ҷисмонӣ ва асабии кӯдаконро назорат намекунанд.

Кӯдакони шаҳру ноҳияҳои Сталинобод, Куйбишев, Орджоникидзеобод ва як қатор ноҳияҳои дигар бо асбобҳои мулоим, сахт ва бозичаҳо муҷаҳҳаз нестанд [140, с. 46].

Бояд гуфт, ки таҷрибаи истифодабарии як табиб дар чандин равияи тиб барои он давра кори оддӣ буд ва мардум ба ихтисоси соҳавии табибон диққат надода аз духтурон муолиҷаи ҳамаи дардҳоро талаб мекарданд. Аз ҳамин сабаб ҳар як табибро зарур омад, ки на танҳо соҳаи худ, балки дигар самтҳои тибро низ биомӯзад, то ки ба мардум хизмат расонад. Илова бар ин табибоне низ буданд, ки маълумоти олии тиббӣ надоштанд, аммо кӯшиш ба харҷ медоданд, то ки донишҳои худро зиёд намоянд. Чунончи дар ноҳияи Вахш дар беморхонаи ягонаи ноҳиявӣ, ки дорои 17 кат буд тамоми табибон соҳиби маълумоти миёна буданд. Яке аз чунин табибон Ярова С.С. буд. Вай соли 1945 бо як гурӯҳ маҷруҳони ҷанг ба госпитали шаҳри Душанбе омад. Баъди шифоёбии онҳо бо хоҳиши ӯ ва бо роҳхати Вазорати тандурустӣ ба ноҳияи Вахш ба колхози ”Москва” фиристода шуд. Вай бо мардуми деҳаҳои гирду атроф меҳр пайдо кард. Мардум ба ӯ таваҷҷуҳи зиёде доштанд. Бо эҳтироми

хоса ӯро ”духтур Ямин” мегуфтанд. Ярова С.С. махсусан дӯсти кӯдакон буд. Солҳои аввал азбаски утоқи корӣ надошт, беморонро дар хонаи шахсии бобои Эмомалӣ қабул мекард. Бо иқдоми неки ӯ дар колхоз бунгоҳи тиббӣ, баъдтар беморхона бунёд карда шуд. Якчанд нафар табибонро ба кор ҷалб кард. Беморхона соҳиби автомобил гардид, ки ин дар шароити душвори он давра як комёбӣ дониста мешуд, зеро мошин дар ихтиёри мақомотҳои давлатӣ хеле кам буд.

Як қатор ҳамшираҳои тиббӣ, ки омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳри Душанбе ва Қӯрғонтеппаро хатм намуда буданд, дар шуъбаҳои гуногуни беморхонаи марказӣ, беморхонаи деҳотӣ ва дигар нуқтаҳои фелдшерию акушерӣ ба кор даромаданд.

Соли 1957 бо Фармони вазири Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС беморхонаи ҳарбии гарнизони шаҳри Қӯрғонтеппа барҳам дода шуд. Дар моҳи декабри соли 1957 диспансери зидди бемории силро ба бинои холишудаи беморхонаи гарнизонӣ гузарониданд, ки ҳоло ҳам дар онҷо ҷойгир аст. Дар он сол катҳои диспансери мазкур ба 100 адад расонида шуд. То соли 1958 сардухтури диспансери зидди бемории сил Х. Маликов буд.

Соли 1958 баъди сардухтур таъин шудани духтури ҷавону фаъол М. Боймуродов ба ин муассисаи тиббӣ мақоми беморхонаи зидди бемориҳои сил дода шуд. Бо мурури замон шуъбаи ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои рентгенӣ, муоинагоҳи балғам, санҷиши хуну пешоб ба кор дароварда шуданд. Дар тули соли 1958 катҳои беморхона ба 150 адад расонида шуд. Сардухтури беморхона барои рушду нуму ёфтани беморхонаи зидди бемории сил ҷаҳду талошҳои зиёд кард. Тамоми шуъбаҳои беморхона бо табибони соҳибихтисос таъмин карда шуданд [56, с. 17-18].

Солҳои 60 – уми асри XX аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ шумораи духтурон афзуд, махсусан дар деҳот. Дар ин солҳо 6 шуъбаи ёрии таъҷилӣ кушода шуда, қариб дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят ба сохтмони беморхонаҳои калон шуруъ намудан [56, с. 19].

То солҳои 80-ум шумораи катҳои беморхона ба 300 адад расонда шуд.

Хизматҳои шоистаи М. Боймуродовро Ҳукумати Тоҷикистон ба назар гирифта, ӯро ба унвони ”Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардонданд.

Дар ин давра дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳотҳо бунгоҳҳои тиббӣ сохта ва ба истифода дода шуданд ва табибони зодаи ин диёр, пас аз хатми омӯзишгоҳ ва Донишкадаи тиббӣ ба кор омаданд. Соли 1952 табиби зодаи ин диёр Ҳасанов Ҷ. баъди хатми омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе ба кор омад, ки яке аз аввалин мутахассисони маҳаллӣ ба шумор меравад. Вай фаъолияти кориашро аз фелдшери қабулгоҳи бемориҳои пӯст ва котиби шуъбаи нигоҳдории тандурустии ноҳия оғоз намуд. Вай боз азми донишомӯзӣ карду соли 1953 ба Донишкадаи давлатии тибби Тоҷикистон дохил шуд. Соли 1959 факултаи муолиҷавии ин даргоҳи илмро бо тахассуси духтури амрози дохила хатм кард. Бо роҳхати Вазорати тандурустӣ боз ба ноҳияи Ёвон фиристода шуд. Вай аввалин таббиби илми олидор аз мардуми бумӣ буд [56, с. 16].

Муҳимтарин қарори Ҳукумати он давра буд, зеро дар шароити ин минтақа кушодани мактаби тиббӣ аҳамияти калон дошт ва ин ба чунин омилҳо вобаста буд:

- аввалан ин омӯзишгоҳ фарҳанги тиббиро дар минтақа ташвиқ мекард, зеро ҳарсола шумораи зиёди устодон ва донишҷӯён на танҳо дар синфхонаҳо, балки дар миёни мардум доир ба риояи қоидаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ сӯҳбатҳо доир мекарданд ва ин боиси баланд гардидани фарҳанги тиббии мардум мегардид;

- дуввум, кушодани мактаби тиббӣ масъалаи таъмин кардани соҳаи тибби минтақаро бо кормандони звенои миёна ва ҳамшираҳои тиббӣ ҳал мекард;

- саввум, бо зиёд шудани кадрҳои ҳамшираҳои тиббӣ имконият барои кушодани бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои дурдасти минтақа имконпазир гардид, зеро пеш сохтани онҳо бо сабаби нарасидани кадрҳо ба таваққуф гузошта мешуд [56, с. 19].

Пас аз чанд моҳ дар наздики сохтмони омӯзишгоҳи тиббӣ сохтмони

иншооти беморхонаи вилоятиву шаҳрӣ сар шуд. Шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо тобеи Вазорати тандурустии Тоҷикистон шуданд, чунки дар ҳамин сол мақомоти вилояти Қӯрғонтеппа барҳам дода шуд. Мувофиқи маълумоти баъзе ҳуҷҷатҳои ноаниқ соли 1956 И.К. Сергеев бо таҳсилоти миёнаи тиббӣ мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа таъин карда шуд [56, с. 19].

Рушди минбаъдаи кори дорухона, афзоиши шабакаи муассисаҳои дорусозӣ, беҳтар намудани таҷҳизоти муосири онҳо, такмили шаклу усулҳои кор бояд ба боз ҳам баланд бардоштани сифат ва фарҳанги хизматрасонии доруворӣ, беҳтар таъмин намудани аҳолӣ ва муассисаҳои тиббии ҶШС Тоҷикистон бо доруворӣ ва ашёи зарурии нигоҳубин мусоидат намояд.

Дар ин давра аз тарафи Вазорати тандурустӣ инчунин масъалаи бо табибон таъмин кардани боғчаҳои кӯдакона ба муҳокима гузошта шуд [3, с. 17-19]. Дар идомаи ин қарор соли 1960 қарори Ҳукумати Шуравӣ ”Дар бораи беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ” қабул гардид, ки он дар назди шуъбаҳои тандурустӣ вазифаи сохтмони дармонгоҳҳо ва беморхонаҳои типи навро гузошт [76, с. 49]. Инчунин ба ҳукуматҳои маҳаллӣ супориш дода шуд, ки тартиби нави сохтмони хонаҳоро дар деҳотҷойҳо ба роҳ монанд. Сабаби чунин қарор дар он буд, ки набудани лоиҳаи муайяни хонасозӣ дар деҳот сабаби сар задании бемориҳо мегардид, зеро сар задании бемориҳои сирояткунанда, инчунин ба тарзи сохтмони деҳа ва сохти худи хонаи истиқоматӣ вобастагӣ дорад, ки он аз қисмҳои зерин иборат аст:

1. Дар деҳотҷойҳо хонаҳо ба ҳам наздик сохта шудаанд ва дар сурати гирифтор шудани як шахс ба бемории сироятӣ, ин беморӣ зуд паҳн мегардад. Илова бар ин дар чунин тангӣ оғилҳо ба хона ҷафс сохта мешуд ва ин сабаби вайрон гардидани вазъияти санитарӣ мегардид;

2. Нодуруст сохтани хонаҳо ва маҳдуд кардани системаи равшании табии дар хонаҳо ва торик будани даруни хона сабаби таъсир ба саломатии одамон мегардид;

3. Кам будани дарахтон дар деҳаҳо ва гулзорҳо дар наздикии хонаҳо;

4. Набудани системаи ҳавотозакунии хонаҳо [76, с. 47].

Дар ин сархатти сабабҳои номбаршуда масъалаи таъмини аҳолӣ бо об нишон дода нашуд, аммо ба фикри мо ин омил дар мадди аввал меистад, зеро аз нарасидани об тамоми ин сабабҳо манша мегирифтанд ва аҳолӣ на дарахту буттаҳо мешинонданд ва на қоидаҳои санитариро дар сатҳи баланд адо карда метавонистанд.

Ҳамчун сарчашмаи паҳншавии бемориҳои сирояткунанда инчунин наздик будани фермаҳои чорвопарварӣ ва паррандапарварӣ сабаб гардид. Дар чунин мавридҳо обҳои зеризаминӣ бо партовҳои органикӣ якҷоя шуда, шароити мусоидро барои афзоиши бактерияҳо ташкил медоданд. Ба ҳисоби олимон дар 1 мл чунин об микроби руда (кишечная палочка) аз 0,004 то 0,0004, микроби сил Гейделберг ва салмонеллаи Бреслау хеле зуд пайдо мешаванд [94, с. 76].

То соли 1940 14 истгоҳ ва шуъбаҳои ёрии таъҷилӣ ва тиббӣ ташкил карда шуданд, ки дар соли 1950 шумораи онҳо 959 ададро ташкил дода, баъдтар боз 39 адад зиёд гардиданд. Муассисаи калонтарини ин тахассус истгоҳи ёрии таъҷилии ш. Душанбе мебошад, ки дар солҳои охир ба муассисаи табобатии баландихтисоси ёрии таъҷилии тиббӣ табдил ёфт [179, с. 13-21].

Дар солҳои 50 - уми асри XX, дар натиҷаи беҳтар шудани некуаҳволии мардум ва афзудани талабот ба хизматрасонии тиббӣ, ба сохтани иморатҳои соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа шурӯъ намуданд. Аввалин биное, ки соли 1961 ба истифода дода шуд, ин бинои беморхонаи кӯдакон дар кучаи Ленин буд. Дар ошёнаи якуми ин бино омӯзишгоҳи тиббӣ ва дар ошёнаи дуввум беморхонаи кӯдакона ба фаъолият сар кард. Муаллимони омӯзишгоҳ асосан духтурони муасисаҳои табобатии шаҳри Қӯрғонтеппа буданд. Аввалин директории омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Қӯрғонтеппаро духтури ботаҷриба ва соҳиби таҳсилоти олӣ Б.Н. Малаев ба уҳда дошт. Вай на танҳо

дар мактаби тиббӣ дарс медод, балки вазифаи мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппаро ҳамзамон иҷро мекард ва аз ҳамин сабаб донишҷӯёнро ба кори таҷрибавӣ бештар ҷалб мекард, ки ин сабаби тез ёд гирифтани малакаи кори онҳо мегардид. Ҳамчунин Б.Н. Малаев кӯшиш намуд, ки мактаби тиббӣ бо маводҳои беҳтарини таълимӣ таъмин гардад. Фаъолияти муштараки мактаби тиббӣ ва идораи тандурустӣ натиҷаи дилхоҳ овард ва дар мудати на чандон тулонӣ муассисаҳои тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа бо мутахассисони зинаи миёна таъмин гардиданд. Дар назди беморхона ташхисгоҳи биохимикӣ кушода шуд. Беморхонаи шаҳрро васеъ карда, дар шаҳр ва ноҳияи Қӯрғонтеппа миқдори маслиҳатгоҳҳои занона зиёд шуданд. Биное, ки пеш Кумитаи ҳизби комунисти шаҳрӣ ҷойгир буд, баъд аз таъмир ба поликлиникаи марказии шаҳрӣ табдил дода шуд. Дар давраи роҳбарии вай омӯзишгоҳи тиббӣ дар бинои навбунёд ба фаъолият шуруъ карда, дар натиҷаи зиёд шудани синфхонаҳо миқдори толибилмон низ рӯ ба афзуд. Бинои беморхонаи шаҳри таъмиру васеъ карда, миқдори катҳо то 60 адад расонда шуд [88, с. 24].

Яке аз бемориҳои вазнин ва хатарнок дар байни аҳолии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳру Қӯрғонтеппа то солҳои панҷоҳум бемории сил буд. Дар мубориза бо ин бемории вазнин, кормандони беморхонаи сил, ки соли 1957 кушода шуд, нақши бузург доранд. Ташаббускори ин сохтмон ва иштирокчии фаъоли он, аввалин сардухтури беморхона мутахассиси дараҷаи аввал Варварова С.А. буд. Вай тақрибан панҷоҳ солро ба хидмат дар соҳаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа бахшид [108, с. 415].

Шахсони бемор одатан дар якчанд маврид ба рӯйхати диспансерӣ дохил мешаванд:

1. Ин кормандони истеҳсолот, ки дар давраи муайян бо сабаби бемориӣ аз кор озод мешаванд, ё шахсоне, ки дар муассисаҳои амбулаторӣ ҳамчун бемор ба қайд гирифта мешаванд. Инчунин шаҳрвандоне, ки дар вақти гузаштан аз мувозинати тиббӣ ҳамчун гирифтори ягон беморӣ ба қайд гирифта мешаванд, аммо ба табобати статсионарӣ муҳтоҷ нестанд.

2. Кӯдакони то 4 сола, ки бо тавсияи духтури кӯдакона ҳамчун дорандаи аломатҳои шубҳаноки бемори ба диспансер фиристонида мешаванд, то ки роҳи муолиҷаи онҳо аниқ муайян карда шавад.

3. Шахсоне, ки ба бемориҳои иҷтимоӣ – ба монанди бемориҳои сирояткунанда, вараҷа, сил, бемориҳои руда ва шикам, сурхча ва дигар бемориҳое, ки ба одамони гирду атроф таҳдид мекунанд, гирифтор шудаанд. Инчунин дар ҳолатҳое, ки аз статсионар, идораҳо ва ташкилотҳо, аз КНТ ҳангоми азназаргузаронӣ ахбор нисбати бемории шахс дохил мешавад [128, с. 323].

Дар кори муассисаҳои диспансерӣ нақши асосиро духтури қитъавӣ бозӣ мекунад, зеро принсипи асосии кори диспансер низ принсипи територияви-қитъавӣ мебошад. Дар ин самт ҷалб кардани одамони сиҳат ба диспансеризатсия барои пешгирии бемориҳои сироятӣ хеле муфид мебуд, аммо чунин таҷриба аз сабаби нарасидани табибон ба роҳ монда нашуд [4, с. 22-25].

Бинобар сабаби рушди минбаъдаи соҳаи тандурустӣ ва бурдани корҳои профилактикӣ дар соҳаи тандурустии вилоят давраи нав ба вуҷуд омад, яъне шумораи зиёди аҳолии вилоятро аз диспансеризатсия гузарониданд. Ин натанҳо пешгирии касалиҳои гуногун буда, балки саломатии аҳолии вилоят зери назорат гирифта мешавад.

Солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) неруҳои зеҳнӣ ва моддиву техникии Донишкадаи тиббии Тоҷикистон барои роҳандозии босифати раванди таълим мусоидат намуданд. Кафедраҳои факултаҳои амалкунанда бо мурури замон бо технологияи муосири тиббӣ таъмин карда мешуданд, ки ин иқтидори таълимии онҳоро қавитар менамуд.

**ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ.**

Ҳамин тавр, дар зербоби мазкур таҳқиқи масъала оид ба таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959 меравад. Бояд қайд намуд, ки то аввали солҳои 40-уми асри XX якчанд истгоҳ, шуъбаҳои ёрии

таъҷилӣ ва тиббӣ ташкил карда шуда буданд ва шумораи онҳо то охири солҳои 50-уми асри XX хеле афзуданд, ки ин боиси натиҷаи беҳтар шудани некуаҳволии мардум ва афзудани талабот ба хизматрасонии тиббӣ, ба сохтани иморатҳои соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа гардид. Фаъолияти муштараки мактаби тиббӣ ва идораи тандурустӣ натиҷаи дилхоҳ овард ва дар мудати на чандон тулонӣ муассисаҳои тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа бо мутахассисони зинаи миёна таъмин гардида, якчанд адад маслиҳатгоҳҳои занона зиёд ва поликлиникаҳо дар ноҳияҳо сохта ба истифода дода шуданд.

Хулоса, дар боби дуюм масъалаҳои вазъи муассисаҳои тиббии Қӯрғонтеппа дар солҳои пешазҷангӣ ва баъдиҷангӣ (1940-1959) мавриди таҳқиқот қарор гирифта шуд ва аз ин чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки рушд ва ташаккули вазъи муассисаҳои тиббии Қӯрғонтеппа дар солҳои пешазҷангӣ ва баъдиҷангӣ ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва сиёсату фарҳангии минтақаи омӯзиш таъсири калон расонид.
2. Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар солҳои 50-60-уми асри XX дар муқоиса бо давраи солҳои 30-40-ум некуаҳволии мардум афзуда, хизматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар гардид ва маҳз ҳамин ҷараён яке аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи таҳқиқшаванда гардид.
3. Бояд гуфт, ки аввалин мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ, ки дар ин давра ба соҳаи тиб ба кор омаданд, ба омӯзиши бемориҳои маҳаллӣ диққати бештар доданд ва роҳҳои нави табобати ин бемориҳоро пайдо мекарданд.
4. Дар рисола сиёсати давлати Шуравӣ дар роҳи таъмини минтақа бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ва зиёд гардидани табибони минтақаи мазкур аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ таҳлил карда шуд ва муайян карда шуд, ки ин яке аз омилҳои пешравии ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии сокинони вилоят гардид.
5. Дар ин солҳои омӯзиши минтақа тадқиқотҳои илмӣ ва кашфиётҳои олимону духтурони соҳибмаърифати маҳаллӣ дар зинаи болотари илмиву амалии тибби муосир устувор гашт.
6. Гуфтан ба маврид аст, ки бо мурури замон хатмкунандагони донишкадаи тиббии ватанӣ, дар кафедраҳои илмию амалӣ ба тадқиқоту кашфиётҳои илми тиб машғул шуда, ба натиҷаҳои баланди илмӣ сазовор гардиданд.

# БОБИ III. ТАШКИЛ НАМУДАНИ МАҚОМОТҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛҲОИ 1960-1991

## 3.1. Барқароршавӣ ва таъсисёбии шабакаҳои тиббӣ дар минтақа дар солҳои 1960-1974

Дар солҳои таҳқиқот дар вилояти Қӯрғонтеппа бисёр шабакаҳои тиббӣ барқарор ва таъсис дода шуданд. Масалан, аз сабаби набудани беморхонаҳо, бо бемориҳои иҷтимоӣ (таносулӣ, сил ва ғайра) мубориза бурда нашуда, муассисаҳои санитарӣ мавҷуд набуданд. Муриш ва носолимии аҳолӣ дараҷаи баландро касб карда буд.

Солҳои 60-уми асри ХХ бо воруди зиёди табибони миллатҳои маҳаллӣ тавсиф карда мешаванд, ки ин имкон дод, ки кадрҳо, алахусус дар деҳот, хеле зиёд карда шаванд. Дар ин солҳо хадамоти махсусгардонидашуда фаъолона рушд карданд, 6 шуъбаи ёрии таъҷилӣ кушода шуд. Дар ҳамаи ноҳияҳои водии Вахш сохтмони статсионарҳои калон оғоз гардид. Дар солҳои 1962-1963 шабакаи тандурустии деҳот аз нав ташкил карда шуд. Дар заминаи беморхонаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ беморхонаҳои маркази ноҳиявӣ (БМН) ташкил карда шудаанд, ки роҳбарии ташкилию методии тамоми шабакаи табобатии ноҳияро доштанд [82].

Аллакай суръати махсусан баланди афзоиши катҳои беморхона, аз ҷумла катҳои махсус, дар давраи аз соли 1959 то соли 1967 мушоҳида мешавад, вақте ки дар тӯли 8 сол шумораи катҳо нисбат ба солҳои қаблии ҳокимияти Шуравӣ беш аз 2 маротиба афзудааст. Таъмини бистарҳои беморхона (ба сари 10 ҳазор аҳолӣ) дар соли 1967 9025 нафарро ташкил медод. Дар солҳои охир афзоиши назарраси иқтидори бистарии муассисаҳои беморхона ба назар мерасид, ки ба рушди махсус на танҳо дар шаҳрҳои калон, балки дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ мусоидат кардааст [180, с. 13-21].

Дар солҳои минбаъда, катҳои урологӣ дар шаҳрҳои Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд), Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ва Хоруғ ҷойгир карда шуда буданд.

Дар шаҳри Душанбе 10 усули урологӣ, аз ҷумла 2 усули кӯдакона, як усул дар диспансерҳои ҷумҳуриявии сил ва онкологӣ, 3 усул дар шаҳри

Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд) ва 1 услул дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Кӯлоб, Ҳисор, Исфара, Панҷакент ва дар як қатор ноҳияҳо гузаронида шуд [180, с. 13-21].

Хадамоти дандонпизишкӣ хеле рушд кард. Дар аввали ҳокимияти Шуравӣ он вуҷуд надошт. Ва танҳо дар аввали соли 1925 бори аввал дар ҷумҳурӣ, дар шаҳри Душанбе кабинети дандонпизишкӣ кушода шуд, ки дар он аввалин духтур-одонтолог Л.А. Заславская кор мекард. Дар солҳои минбаъда шабакаи муассисаҳои дандонпизишкӣ бемайлон меафзояд ва то соли 1940 шумораи онҳо ба 42 адад мерасад. 2 озмоишгоҳи мустақили тиббӣ ва 4 муассисаҳои дандонпизишкӣ дар ҳайати дигар муассисаҳои табобатӣ ташкил карда мешаванд. Дар соли 1960 шумораи умумии муассисаҳои дандонпизишкӣ ба 15 адад, 177 духтури дандон ва 69 техник-дандонпизишк расид [56, с. 16].

Дар соли 1960 аллакай 8 диспансери трахоматозӣ фаъолият мекард ва фонди катҳо зиёда аз 10 маротиба афзуда, 71 нафар окулист фаъолият менамуд. Таъсиси заминаи моддии муассисаҳои офталмологӣ имкон дод, ки бо ҷабҳаи васеътар бо трахома мубориза барад. Дар натиҷаи чорабиниҳои гузаронидашуда, бемории аҳолӣ бо трахома то соли 1967 амалан бартараф карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар ин кор диспансери трахоматозии ҷумҳуриявӣ, духтури асосӣ А.С. Вайсблат нақши калон бозидааст [180, с. 13-21].

Дар ин солҳо шуъбаи терапевтӣ кам рушд намуд. Соли 1960 дар вилоят ҳамагӣ 43 духтури терапевт буд. Дар марказҳои саломатӣ (поликлиникаҳо) ба ҷои онҳо духтурони кардиологҳо, ревматологҳо, эндокринологҳо ва дигарон ба табобати аҳолӣ машғул буданд. Дар байни духтурони ҷарроҳ, духтурони ихтисосҳои травмотологҳо, урология, онкология пайдо гардиданд. Шумораи духтурони ҷарроҳ ба 27 нафар расида, шуъбаи таваллудхонаҳо рушд намуданд ва ёрӣ ба кӯдакон дар хонаҳо афзуд [182].

Дар солҳои минбаъда клиникаи психиатрия беморхонаҳои психиатрии ҷумҳуриявии №2 барои 40 кат дар шаҳраки Тавилдара ва беморхонаи №3 дар

шаҳраки Навобод барои 500 кат, диспансерҳо ва шуъбаҳои психоневрологӣ дар шаҳрҳои Ленинобод, Конибодом, Кӯлоб ва Панҷакент беморхонаи байниноҳиявии психоневрологӣ дар Исфара, Хоруғ ва Қӯрғонтеппа кабинетҳои психиатрӣ ташкил карда шуданд [180, с. 13-21].

Акнун дар бораи як нафар фелдшери деҳот мисол меорем. Фелдшери ҷавон Мирсай Сафаров дар байни колхозчиёни деҳаи Эмомалӣ Шурои деҳоти Пахтабоди ноҳияи Арал (ҳоло н. А. Ҷомӣ) эътибори калон дошт. Беморхонаи ӯ ҳамеша тоза, озода ва бароҳат буд. Дар он ҷо доруҳои заруриро дар вақти дилхоҳ пайдо кардан мумкин буд. Хоҳ шабу рӯз, хоҳ дар ҳавои зимистон ва хоҳ дар гармии тоқатфарсои тобистон - Сафаров бо даъвати аввал омода буд, ки ба кӯмаки беморон ба бригадаи дурдасттарин, ба фермаи чорводорӣ, ё чарогоҳ шитобад.

Махсусан коргарони деҳот М. Сафаровро дӯст медоштанд, зеро ӯ ҳамеша бо беморон боэҳтиром ва бодиққат буд. Вазифаҳои фелдшер М. Сафаров бо корҳои фаъоли таблиғотӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ якҷоя карда мешуд. Дар вақти холии худ ӯ дар байни пахтакорон, чорводорон, мактаббачагон сӯҳбатҳо мегузаронад. Сӯҳбатҳои охирини М. Сафаров дар мавзуъҳо хеле ҷолиб, ба монанди “Тиб дар бораи зарари рӯзагирӣ”, “Тозагӣ гарави саломатӣ”, “Чӣ гуна худро аз бемориҳои сироятӣ муҳофизат кардан мумкин аст?” буданд [184].

Барои беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ дар солҳои ҳафтсола ба аҳолии деҳот фелдшери ҷавон М. Сафаров талошҳои зиёд менамуд. Ғайр аз ин, табиби ҷавонро аксар вақт дар хонаҳои ҳамдеҳагон барои хондани рӯзномаҳои нав дидан мумкин буд [184].

Бо ташаббуси узви Раёсати ҷамъияти умумииттифоқии стоматологҳо профессор А.И. Рибаков дар моҳи апрели соли 1960 аввал дар ш. Душанбе, сипас дар соли 1961 дар шаҳрҳои Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд), Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) бахшҳои шаҳрии ҷамъияти умумииттифоқии стоматологҳо таъсис дода шуданд [163, с. 58-61].

Дар солҳои 60 - уми асри XX сардухтурҳои беморхонаи совхоз-техникуми ба номи Ф. Саидов табибон И.Т. Постнов ва Т. Кехтер мутахассисони баландихтисос ва ташкилкунандагони моҳири раванди табобат буданд [109, с. 419].

Агар дар соли 1960 иқтидори беморхонаҳои марказии ноҳиявии ҷумҳурӣ, ки ба ҳисоби миёна 73 катро ташкил медод, пас дар соли 1975 он то 160 кат ва беморхонаҳои минтақавӣ мутаносибан аз 22,9 то 38 кат зиёд карда шуда, шумораи ҷойҳо дар хонаҳои кӯдак то 300 адад зиёд шуд. Шумораи таваллудхонаҳои колхозӣ ба 85 адад расида, катҳо дар онҳо 600 адад зиёд шуданд. Ҳамин тариқ, таъмини 10 ҳазор аҳолӣ бо катҳои таваллуд бо назардошти катҳои таваллудхонаҳои колхозӣ дар охири панҷсола 11,9 катро ташкил дод [153, с. 8-13].

Солҳои 60-уми асри гузашта хизматрасонии тиббӣ ба мардуми шаҳру навоҳии он хело ҳам ривоҷ ёфта, табибони зиёде баъд аз хатми донишкадаи тиббӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа фиристода шуданд, ки дар ин мудат бинои нави беморхонаи шаҳрӣ дорои 150 кат ба истифода дода шуд. Дар натиҷаи зиёд шудани табибон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ сифати муолиҷа ва расонидани ёрии тиббӣ ба беморон хеле беҳтар шуд [176]. Дар муқоиса бо ноҳияҳои ҷанубии Узбекистон вазъияти ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон каме беҳтар гардид [10, суҳбат]. Чунончи соли 1960 дар Узбекистон бемории сил ба ҳар як 10000 нафар 71,5 нафарро ташкил дод, ва дар ноҳияи Китоб ин рақам 349.3 нафар беморро ташкил дод. Соли 1960 дар вилоятҳои ҷанубии Узбекистон фавти кӯдакон афзоиш ёфта он ба ҳар як ҳазор нафар аҳолӣ 24.6 ҳодисаи фавти кӯдакон рост меомад. Соли 1961 дар минтақаҳои ҷанубии Узбекистон ин рақам ба 26.3 расид [201].

Солҳои 1962-1963 дар деҳот азнавташкилдиҳии соҳаи тандурустӣ оғоз гардид. Дар замина беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳо беморхонаҳои марказӣ бо якҷояги ҳамаи муассисаҳои гуногуни тиббӣ ташкил карда шуданд [182].

Аз соли 1962 то соли 1965 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳриро духтур Фролов А.Б. иҷро мекард. Дар ин давра хизмти тиббӣ ба кӯдакон

хеле рушду нуму ёфта, дар шаҳр 3 нуқтаи иловагии эмгузаронӣ ташкил карда шуд. Эмгузаронии саросарии атфол бар зидди бемориҳои сироятии кӯдакона ба танзим даровarda шуд. Тамоми кӯдакони дар муассисаҳои кӯдаконаи тиббӣ ба қайд гирифта шуда, зери назорати доимии духтурони ин соҳа қарор гирифтанд. Диспансеризатсияи бемориҳои дарозмуҳлати тамоми соҳаҳои тиб гузаронда шуд [186]. Илова бар ин системаи диспансерӣ ба роҳ монда шуд, ки он як навоварӣ дар соҳаи тиб гардид. Моҳияти ин система дар он буд, ки онҳо дар миёни беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои тиббӣ ҳамчун зинаи миёна адои вазифа мекаданд ва вазифаи функсионалии онҳо назорати доимӣ аз болои беморони сиҳатшуда, ки дар қайди доимӣ ҳамчун бемори шадид буданд, иборат буд [1, суҳбат].

Агар соли 1965 дар ноҳия ҳамагӣ чор табобатгоҳ бошад, соли 1990 шумораи онҳо ба ҳафт адад расид ва иловатан се поликлиника ва чор амбулатория, як профилактория, 38 нуқтаа тиббӣ ва нуҳ дорухона амал мекард. Вале оғози асри нав суръати афзоиш баланд гардид. Сарчашмаи чунин пешравӣ боз ҳам дар он аст ки ба сохтмони нуқтаҳои тиббӣ ва дорухонаҳои шахсӣ иҷозати пурра дода шуд [205, с. 109].

Бинобар сабаби таъсис додани ноҳияи Вахш соли 1966 дар асоси фармони Вазири тандурустии Тоҷикистон дар ноҳия Беморхонаи марказии ноҳия бо 125 кат ва 145 воҳиди корӣ ташкил карда шуд [32, с. 7-8].

Муассисаҳои тандурустие, ки пеш ба шуъбаи тандурустии вилоят тааллуқ доштанд, ҳоло дар зери назорати шуъбаи тандурустии шаҳрӣ буданд ва масъулияти кории шуъбаи тандурустии шаҳрро дучанд мекарданд. Бо вуҷуди он ин сарвари фаъолу хирадманд дар тараққиёти соҳаи тандурустии шаҳр ҷаҳду талошҳои зиёд ба ҷо оварда, бо ташаббусу дастгирии вай сохтмони беморхонаи бемориҳои чашм соли 1967 ба охир расиду диспансери бемориҳои чашм ба он ҷо кучонда шуд. Шуъбаи бемориҳои гӯшу гӯлую бинӣ васеъ карда, катҳояш ба 20 адад расонда шуд. Дар поликлиникаи маркази ҳуҷраи бемориҳои ҷоғар ба кор сар кард [56, с. 16].

Аз соли 1967 кабинетҳои ревматологӣ кори худро дар кабинетҳои кардио-ревматологӣ, ки вазифаи онҳо диспансеризатсияи беморони гирифтори бемориҳои дил ва рагҳо мебошад, аз нав сохтанд.

Соли 1967 дар Қӯрғонтеппа филиали омӯзишгоҳи ш. Душанбе кушода шуд ва ин сабаби зиёд гардидани кормандони миёнаи тиббӣ дар вилоят гардид. Бо шарофати рушди корҳои идораи санитарӣ-эпидемиологӣ дар вилоят касалиҳои вараҷа (малярия), гулӯзиндонак (дифтерия), табларза (лихорадка) ва дигар касалиҳо аз байн рафтанд [182].

Шарти хеле муҳими пешгирии бемориҳои иҷтимоӣ ин ҷалб кардани кормандони СЭС ва ҷомеа ба ҳалли масъалаи бемориҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар маҷмуъ бошад кори табибон чи дар дохили системаи тандурустӣ ва чи берун аз он характери ҳамкории муташаккил ва табобат бояд муносибати комплексӣ дошта бошад. Дар баробари ҳамин табибонро зарур аст, ки ба ҳалли ин масъала ташкилотҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳоро ҷалб намоянд [128, с. 321].

Дар бораи тозагии санитарӣ ва ҳифзи шаҳри Қӯрғонтеппа, корҳои зиёди пешгирикунанда оид ба мубориза бо бемориҳои хатарнок бурда мешуд, ки бо суханони нек коргарони аҷиби хадамоти санитарӣ-эпидемиологии табибон - эпидемиологҳо Кабанова А.А. ва Захарока Н.Г., мудири бахш Деревянкина Л.И., ёрдамчиёни табибон - эпидемиологҳо Кравтсун В.Е., Г. Абдураҳмонова, Боронова М.С., дезинфекторҳо Сахова Р.И., Зинченко М.А., лаборантҳо Потапова Е.Д. ва Петрайкина Л.Н. ва дигарон борҳо барои иҷрои софдилонаи вазифаҳои худ бо мукофотҳо сарфароз гардонида шуда буданд. Мағзумов Р. табиби категорияи олӣ аст, ки аз соли 1957 дар ин соҳа кор мекунад ва дар ташкили хадамоти санитарӣ-эпидемиологӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа саҳми арзанда гузоштааст. Баъдтар ӯ солҳои зиёд Идораи истгоҳи эпидимиологӣ-санитарии вилоятро роҳбарӣ мекард. Мағзумов Р. бо нишони Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва медали ”Собиқадори меҳнат” мукофотонида шуда буд. Табиби категорияи олӣ Иноятов З. аз соли 1965 дар соҳаи хадамоти санитарӣ кор мекард. Вай

инчунин солҳои тӯлонӣ Идораи истгоҳи эпидимиологӣ-санитарии вилоятро роҳбарӣ кардааст. Иноятов З. барои такмили ин хидмат дар шаҳри Қӯрғонтеппа корҳои зиёдеро анҷом додааст. Барои хизматҳои арзанда бо ордени ”Нишони Фахрӣ”, медали ”Собиқадори меҳнат”, нишони ”Корманди шоистаи соҳаи тандурустии ИҶШС” мукофотонида шудааст [109, с. 408].

Беморхонаи совхоз-техникуми ба номи Ф. Саидови (собиқ хоҷагии ба номи Куйбишев) ноҳияи Кӯшониён. Таҳкими иқтисодиёти совхоз-техникум, дур будани маҳалҳои аҳолинишини он аз беморхонаи ноҳиявӣ, ғамхории роҳбарияти совхоз ва ноҳия дар бораи саломатии аҳолӣ ба он мусоидат кард, ки дар охири солҳои панҷоҳум - аввали солҳои шастуми асри XX дар ин хоҷагии пешрафта беморхона сохта шуд. Бо гузашти солҳо, бо таҷҳизоти навтарини тиббӣ, бо кадрҳои ботаҷрибаи табибон ва ҳамшираҳои тиббӣ, бо усулҳои пешрафтаи ташхис ва табобати бемориҳо мусаллаҳ шуда, ин беморхона ба яке аз муассисаҳои муосири тиббӣ табдил ёфт, ки аз беморхонаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ кам набуд.

Соли 1967 дар ш. Қӯрғонтеппа филиали омӯзишгоҳи тиббии ш. Душанбе кушода шуд, ки имкон дод, ки муассисаҳои табобатӣ-профилактикии водиро бо кадрҳои тиббии дараҷаи миёна таъмин кунанд.

Бо фаъол шудани кори истгоҳи санитарӣ-эпидемиологӣ бемориҳо, аз қабили касалиҳои сил, дифтерия, табларза бартараф карда шуданд, шумораи дигар бемориҳои сироятӣ хеле коҳиш ёфтанд.

Солҳои 70-уми асри XX рушди хадамоти махсуси тиббӣ оғоз гардид. Дар соли 1970 шуъбаи неврологӣ, дар соли 1972 шуъбаҳои ҷарроҳии кӯдакон, травматологӣ, ЛОР ва реаниматсия кушода шуданд [182].

Имкониятҳои нав дар назди шуъбаи тандурустии водии Вахш бо ташкили вилояти Қӯрғонтеппа 4 апрели соли 1977 кушода шуданд. Шуъбаи тандурустии назди кумитаи иҷроияи вилоятӣ ташкил карда мешавад, ки фаъолияти 767 духтур ва 2697 корманди миёнаи тиббиро назорат ва роҳнамоӣ мекунад. Тағйироти бузурги иҷтимоӣ, ки дар водии Вахш дар тӯли 50 сол (с.1934-1984) ба амал омад, дастовардҳо дар рушди иқтисодӣ ва

фарҳангии вилоят шароити мусоиди рушди тандурустиро фароҳам оварданд. Дар вилоят системаи ҳифзи саломатӣ амал намуд, ки дорои заминаи калони моддӣ-техникӣ ва кадрҳои баландихтисос буда, дастовардҳои нави физика, химия, биология ва дигар илмҳо ба хидмати тиб гузошта шуд. Муассисаҳои тиббӣ бо озмоишгоҳҳои муосир, дастгоҳҳои ташхисӣ ва табобатӣ муҷаҳҳаз карда шуданд [182].

Дар айни замон (с.1968), шабакаи дандонпизишкӣ дорои поликлиникаҳои калон, 151 шуъбаи дандонпизишкӣ ва кабинет, 32 озмоишгоҳи хоҷагии дандонпизишкӣ мебошад, ки дар онҳо 119 дандонпизишк, 310 духтури дандон ва 107 техникҳои дандон кор мекарданд. Шабакаи муассисаҳои дандонпизишкӣ барои хидматрасонии коргарони корхонаҳои саноатӣ, мактаббачагон ва донишҷӯён рушд кард. Дар ҷумҳурӣ 5 кабинети ортодоникӣ, 3 кабинети логопедӣ, 5 устохонаи рехтагарӣ, 2 амбулаторияи сайёр барои дандонпизишкӣ ташкил карда шуда буд. Барои расонидани кӯмаки статсионарӣ дар шуъбаҳои ҷарроҳӣ 90 кат ҷойгир карда шуд [180, с. 13-21].

Дар айни замон (с.1968), дар ҳамаи ноҳияҳои маъмурии шаҳри Душанбе, инчунин дар шаҳрҳои Ленинобод ва Қӯрғонтеппа кабинетҳои зиддиревматикӣ мавҷуд буданд. Дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ диспансеризатсияи беморони ревматизм аз ҷониби табибони минтақавӣ гузаронида шуд.

То охири солҳои 60-ум беморхонаи ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби духтурони миллатҳои таҳҷой мукаммал шудан гирифт [205, с. 71-75]. Дар ин давра омӯзиш дар мактаб ва донишгоҳҳои тиббӣ характери оммавӣ гирифт ва ин якчанд сабаб дошт:

- аввалан сатҳи дониши хатмкунандагони мактабҳо мутобиқ ба барномаҳои умумӣ пурра ба роҳ монда шуд ва ин имкон медод, ки ҳар як хатмкунанда ба осонӣ имтиҳоноти дохилшавиро супорад;

- дуввум, сатҳи дониши хатмкунандагон дар роҳи омӯзиши забони русӣ баланд гардид ва ин омил таҳсил дар Донишгоҳи тиббӣ, ки аксарияти

устодон бо забони русӣ дарс мегуфтанд, барои донишҷӯён осон гардид;

- саввум омили дохилшавии оммавӣ ба Донишгоҳи тиббӣ ин манфиати мақомотҳои маҳаллӣ буд, ки ҳаматарафа довталабонро барои дохилшавӣ ба Донишгоҳи тиббӣ дастгирӣ мекарданд.

Хадамоти терапевтӣ рушди махсусро ба даст овард. Соли 1960 дар вилояти Қӯрғонтеппа 43 терапевт буд, дар поликлиникаҳо кардиологҳо, эндокринологҳо ва дигар табибон беморонро қабули менамуданд. Дар беморхонаҳои ноҳияҳо шуъбаҳои ҷарроҳӣ, травматология, урология, онкология ҷудо карда шуда, шумораи ҷарроҳони корӣ то 27 нафар афзуд. Шабакаи таваллудхонаҳо рушд кард. Корҳои зиёде барои ҳифзи модар ва кӯдак анҷом дода шуда, хизматрасонии тиббии кӯдакон дар хона беҳтар карда шуд [182].

Духтур Орлов А.С. дар ҷанг аз пояш маҷруҳ гашта буд. Вай баъди ҷанг ба ноҳияи Ворошиловобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) омада, ба табобати беморон оғоз кард ва дар беморхонаи марказӣ мудири шуъбаи касалиҳои сироятӣ шуда кор кард. Ҳамин тавр, духтурон Захаров А.Б. ҷарроҳ-сардухтури ноҳия, Заходякин В.А. - ҷарроҳ ва дигарон дар кори рушди соҳаи тандурустӣ табобати беморон ва пешгирӣ кардани ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар солҳои 60-ум саҳмгузор буданд. Бо дастгирии ин мутахассисон дар назди беморхона утоқҳои нав сохта ба истифода дода шуданд. Аз он ҷумла: шуъбаҳои касалиҳои сироятӣ, дарунӣ, таваллудхона, касалиҳои сил, пизишкдандон ба биноҳои нав кучонида шуданд. Шабакаи санитарӣ-эпидемиологӣ низ ба бинои нав гузашт, ки то ҳанӯз ходимони он фаъолият доранд. Шуъбаи ёрии таъҷилӣ самаранок кор мекард [205, с. 71-75].

Соли 1967 иловатан мактабҳои тиббии шаҳрҳои Ордженикидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ташкил карда шуда, нақшаи ҷалби донишҷӯён ба Донишкадаи тиббӣ то 630 нафар зиёд карда шуд [205, с. 6].

Тибқи нақшаи ҳамаҷонибаи чорабиниҳо, ки барои беҳтар намудани минбаъдаи ҳифзи саломатии аҳолии ҶШС Тоҷикистон барои солҳои 1967-

1970 таҳия шудааст, барои сохтмони иншооти тандурустӣ 20,2 миллион рубл равона карда шуда, шумораи катҳои беморхона то 29000 нафар зиёд карда мешавад; маблағҳо барои сохтмони муассисаҳои тиббӣ аз рӯи манбаъҳои ғайримутамаркази маблағгузорӣ фаъолона ҷалб карда шуданд; қабули донишҷӯён то соли 1970 ба Донишкадаи тиббӣ то 600 нафар ва ба мактабҳои тиббӣ то 1830 нафар ба нақша гирифта шуда буд.

Барои беҳтар кардани тайёрии мутахассисони ихтисоси миёна дар соли 1967 омӯзишгоҳи тиббии Орджоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва дар соли 1969 Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ташкил карда шуд. Илова бар ин, Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-сметавии маҷмааи Донишкадаи тиббии Тоҷикистонро таҳия мекунад, ки оғози сохтмони он соли 1971 пешбинӣ шудааст.

То 1 майи соли 1969 дар муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ 4042 духтур ва 12380 корманди миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Дар Донишкадаи тиббӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии тиббӣ 32 доктор ва 174 номзади илмҳои тиббӣ, биологӣ, химиявӣ, фалсафӣ ва иқтисодӣ кор мекунанд. Танҳо дар давоми 3 соли охир кормандони тиб 19 рисолаи докторӣ ва 58 рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд.

Дар ҷумҳурӣ 70 беморхона ва диспансерҳои махсусгардонидашуда, аз ҷумла 14 дар деҳот ташкил карда шудаанд, шабакаи кабинетҳои махсусгардонидашуда меафзояд [164, с. 5-12].

Вазорати тандурустии ИҶШС ҳар сол 170 духтур ва 20 провизорро аз хатмкунандагони ҷумҳуриҳои бародарӣ ба ҷумҳурӣ мефиристод [99, с. 8].

Самти асосии рушди кӯмаки махсусгардонидашуда ба аҳолӣ дар солҳои 1968-1969 минбаъд васеъ намудани беморхонаҳои шаҳрӣ, марказии ноҳиявӣ, деҳотӣ ва махсусгардонидашуда буд. То 1 январи соли 1969 иқтидори миёнаи беморхонаҳои шаҳрӣ дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 1967 аз 166,8 то 200,9 кат, беморхонаҳои марказии ноҳия аз 118,7 то 140,7 кат, беморхонаҳои қитъавии деҳот аз 32,8 то 36,1 кат, беморхонаҳои махсус аз 194 то 200 кат афзоиш ёфтааст.

Дар соли 1970 беморхонаҳои бисёрсоҳавии ҷумҳуриявӣ (минтақавӣ) дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ва Кӯлоб ташкил карда шуданд, ки ба наздик кардани кӯмаки махсуси тиббӣ ба сокинони деҳот ва баланд бардоштани сифати кӯмаки тиббӣ имкон медиҳад.

Дар ҶШС Тоҷикистон то 1 июли соли 1969 275 муассисаи беморхона ва поликлиника (ба 26720 кат), инчунин 732 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ (ФАП) фаъолият мекунанд.

Дар айни замон, шабакаи муассисаҳои кӯдакона ва таваллуд аз 12 беморхонаи мустақили кӯдакон ва таваллудхонаҳо, 77 машваратҳои занона, 109 машваратҳои кӯдакон ва поликлиникаҳо иборат аст. Шумораи катҳо (ҳамаи намудҳо) барои кӯдакони аз 5182 то 6514, барои занони ҳомила ва беморони гинекологӣ мутаносибан аз 2781 дар соли 1967 то 3517 кат дар соли 1969 афзоиш ёфт.

Тақсимоти минбаъдаи қитъаҳои педиатрӣ гузаронида шуд, шумораи онҳо аз 289 (с.1967) то 297 (с.1969) афзоиш ёфт. Дар ин давра табибони педиатр аз 496 то 507 нафар зиёд шуданд.

Бо мақсади беҳтар намудани кӯмаки ташкилию методӣ ба муассисаҳои таваллуд дар шаҳри Душанбе таваллудхонаи ҷумҳуриявӣ барои 240 кат ташкил карда шудааст. Сохтмони хонаи таваллуд дар шаҳри Орджоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва шуъбаи таваллуд барои 100 кат дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ба анҷом мерасад.

Тадбирҳои таҳияшуда оид ба такмили минбаъдаи тандурустӣ дар ҷумҳурӣ дар нақшаҳои кори мақомоти хадамоти санитарӣ-эпидемиологӣ, кардани заминаи моддии он инъикос ёфтаанд. Дар солҳои 1968-1969 биноҳои хидматӣ барои истгоҳҳои шаҳрии Исфара, Ашт, Ғарм ва Регар, сохтмони биноҳои СЭС дар ноҳияҳои Шаҳритӯс, Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Хуҷанд ва ноҳияи Панҷ сохта шуданд, дар соли 1969 ба муассисаҳои хадамоти санитарӣ 10 мошини сабукрав ҷудо карда шуд.

Дар ноҳияи Шаҳритӯс бо мақсади беҳтар кардани кори эмкунӣ картотекаи марказии шаклҳои ҳисобӣ 63 дар назди кабинети эмкунии беморхонаи ноҳиявӣ сохта шуд [164, с. 5-12].

Номи шифокорони дилсӯзу меҳрубон, донишманду боғайратро имрӯз ҳама бо некӣ ба забои меоранд. Д.У. Мирҳодиеваро дар ноҳия ва вилоят ҳама мешиносаду эҳтиром мекунанд. Ӯ зиёда аз 35 сол аст, ки дар таваллудхонаи беморхонаи марказӣ кор мекунад [90, с. 3].

Моҳи сентябри соли 1969 вазъяти душвори табобати бемориҳои кӯдаконаро ба назар гирифта, Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи махсус «Дар бораи беҳтар кардани вазъи саломатии модарон ва кӯдакон ва паст кардани фавти кӯдакон барои солҳои 1969-1975» қабул кард [5, с. 11-14]. Азбаски ҳудуди ҷанубии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқлим бештар ба зонаи тропикӣ дохил мешуд, дар ин ҷо беобшавии андоми бадани кӯдакон яке аз ссабабҳои авҷи бемориҳои шикам ва руда мегардид. Илова бар ин дар чунин минтақа функсияи худмуҳофизатии андоми бадан суст мешавад ва ин низ ба сар задании бемориҳо сабаб мешавад. Дар чунин иқлим об на танҳо ҳамчун манбаи ҳаёт балки сарчашмаи бемориҳо мегардад. Оби кӯлҳо дар офтоб гарм шуда, аз таркиби худ бактерияҳои зараррасонро пайдо мекунанд. Дар наздикии кӯлҳо ҳашаротҳо ва магасҳо ҷамъ мешаванд ва ба сарчашмаи паҳнкунии бемориҳо табдил меёбанд ва омада, аз ин ҷо сироятҳои гуногунро дар миёни аҳолӣ паҳн мекунанд.

Бар замми ин ҳукумат чораҳои фаврӣ оиди таъмини соҳа бо мутахассисонро пешбинӣ намуд. Танқисии мутахассисони ҷавон дар ҷои нави корӣ асосан ба нарасидани хона вобастагӣ буд. Баъзан мутахассисони ҷавонро дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва ё мактабҳо ҷой медоданд. Аз ҳамин сабаб баъзе аз мутахассисон аз кор дар деҳотҳо даст кашида ба шаҳрҳо мекӯчиданд. Аз ҳамин сабаб 22 апрели соли 1969 Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қарори №140 «Оиди беҳтар намудани шароити зисти мутахассисони ҷавон» - ро қабул кард [99, с. 11].

Моҳи декабри соли 1971 Қарор дар бораи мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда аз тарафи ду шохаи асосии давлатдорӣ ба тасвиб расид: Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин худ шаҳодат аз он медиҳад, ки ин масъала барои ҷомеа хавфи калон дорад. Паҳншавии ин бемориҳо асосан дар байни ҷавонон ба мушоҳида мерасид ва ин боиси ташвиши идораҳои тиббии он давра гардид. Аз ҳамин лиҳоз аз тарафи Вазорати тандурустии Тоҷикистон нақшаи корӣ доир ба паст кардани сатҳи ин бемориҳо тартиб дода шуд ва қисми асосии онро кор байни ҷавонон ишғол мекард. Қарорҳои муштараки шохаҳои давлатӣ сабаби он гардиданд, ки тамоми сохторҳои давлатӣ ва ташкилотзҳои ҷамъиятӣ ба иҷрои ин қарор оғоз намуданд. Давр миёни ин бемориҳо махсусан паҳншавии бемории сил бештар ба назар мерасид. Мувофиқи қарори Шурои вазирони Тоҷикистон аз 27 май соли 1971 №185, фармони Вазорати тандурустии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 1971 №814 ва №202а чораҳои фаврӣ барои пешгирии бемории сил ба нақша гирифта шуд. Аз он ҷумла қарор қабул шуд, ки ба минтақаҳои дурдаст мутахассисон ва лабораторияҳои сайёри рентгенӣ фиристонида шаванд [25, с. 25-28].

Диққати асосиро ҷавонони синни даъват ба Артиши Шуравӣ ташкил дод. Зеро дар баъзе мавридҳо аз тарафи табибон ҷавонони гирифтори бемории сил ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват мешуданд. Аз ин рӯ, ин масъала ҳарсола дар Вазорати тандурустӣ муҳокима мешуд [12, с. 11-16]. Дар идомаи ин корҳо, дар соли 1972 дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуданд, ки ба ҳайати онҳо эпидемологҳо, венерологҳо ва мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дохил гардиданд. Моҳи феврали соли 1973 фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди таъсис додани нуқтаи машварати ҳуқуқӣ дар назди диспансери бемориҳои пӯст ва венерикӣ баромад. Сабаби асосии кушодани нуқтаи ҳуқуқӣ дар ташвиқоти оқибати ҳуқуқии саркашӣ аз табобат буд, зеро на ҳама шаҳрвандон ба табобати ихтиёрӣ розӣ буданд. Баъзе аз шаҳрвандон саркашӣ мекарданд ва ҳатто

мариз будани худро пинҳон медоштанд ва ин боиси боз ҳам зиёд гардидани бемориҳо мегардид. Аз ин рӯ, вазифаи асосии ин нуқтаи ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии қонунӣ ҷалб кардани чунин шаҳрвандон буд. Чунончи дар соли 1972 ва авали соли 1973 78 нафар барои саркашӣ кардан аз табобат ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Аз ин шумора 46 нафар аз озоди маҳрум шуда, дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ 82 парвандаи ҷиноятӣ доир ба ин намуди ҷиноят кушода шуданд.

Ба тамоми пешравиҳои соҳаи тиб нигоҳ накарда, дар солҳои 70-уми асри XX низ ҳодисаҳои сар задани бемориҳои карантинӣ мушоҳида мешуд. Сабаби сар задании ин бемориҳо асосан дар он буд, ки сарчашмаи ин бемориҳо дар ҳудуди Афғонистон буд ва он тавассути паррандаҳо ва ҳайвонот ба тарафи ноҳияҳои сарҳадӣ гузашта дар ин ҷо паҳн мешуд. Чунончи, солҳои 1973 - 1974 дар вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ҳодисаи сар задании бемории малярия ба назар расид [115, с. 106]. Моҳи августи соли 1974 қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон «Оиди пешгирии бемории малярия дар Тоҷикистон» баромад, ки дар он дар назди шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо вазифаи иҷро намудани қоидаҳои санитарию гигиенӣ гузошта шуд [22, с. 48-50].Мубориза бар зидди бемории вараҷа (малярия) дар се самт ба роҳ монда шуд:

1. Истифодаи доруи «Арихин» - ин дору аз тарафи олимони Донишкадаи илмии химия ва фармакология ихтироъ шуда доруи истеҳсоли хориҷии «Хинин»-ро иваз намуд.

2. Нест кардани ҳашаротҳои паҳнкунандаи бемориҳои сироятӣ. Бо ин мақсад аз тарафи олимон моҳичаҳои «гамбузия» истифода мешуданд. Ин моҳичаҳо пашша ва дигар ҳашаротҳои парвозкунандаро дар назди обанборҳо хӯрда ба зиёд шудани онҳо монеа мешуданд.

3. Истифодаи васеи корҳои гидротехникӣ. Бо ин роҳ заминҳои ботлоқзор хушконида шуда, ҷои онҳоро заминҳои киштзор мегирифт. Бо ҳамин роҳ сарчашмаи сар задани беморӣ аз байн бурда мешуд [103, с. 165].

Масъалаи дигар дар ин солҳо афзудани ҳуҷуми сагҳо ба одамон гардид. Дар давоми солҳои 1971-1972 ду маротиба дар Коллегияи Вазорати тандурустии Тоҷикистон масъалаи ба бемории девонагӣ гирифтор шудани одамон дар натиҷаи ҳуҷуми сагҳо дида шуд ва диққати мақомотҳои марбути давлатӣ ба ин масъала ҷалб гардид [12, с. 7-10].

Аммо барои амалӣ кардани ин нақшаҳо мутахассисони зиёд лозим буданд ва аз ҳамин лиҳоз барои таъмини иҷрои он аз тарафи Вазорати маориф ва Донишкадаи тиббии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ин давра (1971-1973) тавассути интернатура 28 мутахассиси дерматология ва венерология омода шуданд. Инчунин 40 нафар табибони ҷавон дар кафедраи бемориҳои пӯст ва венерики Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ва Донишкадаҳои такмили ихтисоси шаҳрҳои Боку, Москва ва Ленинград донишҳои худро доир ба ин бемориҳо сайқал доданд. Соли 1973 зиёда аз 524 мутахассисон Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанберо хатм карда, ба ноҳияҳо фиристонида шуданд. Аз он ҷумла 288 табиб ба деҳот фиристонида шуд [22, с. 52-57].

Аммо таҷриба ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кори соҳаи тандурустӣ кори пешбинии вазъият ба роҳ монда нашуд. Бемориҳои руда ва шикам ҳамоно дар вилоят дар сатҳи баланд қарор доштанд [12, с. 14-16].

Тамоми чораҳое, ки амалӣ мешуданд характери бартарафсозии оқибатро доштанд ва роҳи пешбинӣ ва пешгирӣ дар мадди диққати кормандони соҳа намеистод. Албатта ин сабаб дошт ва барои ин мутахассисон намерасиданд, аммо ба фикри мо ба роҳ мондани чунин сохтор ба амал омадани чандин бемориҳоро метавонист пешгирӣ намояд. Аммо ба қадри ҳол баъзе корҳо дар ин самт гузаронида мешуданд. Яке аз чунин корҳо ин ташвиқоти тарзи ҳаёти солим дар байни мардум буд, ки имкон медод каме ҳам бошад бемориҳои сироятиро пешгирӣ намояд [14, с. 40-43].

Дар ин самт кормандони тиб дар байни мардум ширкат дар чорабиниҳои варзиширо фаъолона паҳн мекарданд. Истифодаи варзиш ҳамчун пешгирии бемориҳо ва тарзи ҳаёти солим ҳамеша дар мадди назари

кормандони соҳаи тиб қарор дошт. Соли 1971 беш аз 24 636 корманди тиб дар сафи ҷамъияти ихтиёрии варзишии «Спартак» аъзо гардиданд ва 5879 нафар (23%) дар супоридани нормаи ГТО (нормаи омодагӣ ба меҳнат ва мудофиа) иштирок намуданд. Аз ин шумора 1127 нафар талаботҳои ин мусобиқаро пурра иҷро намуданд [14, с. 27-48].

Дар солҳои 70 - уми асри XX роҳбарияти хоҷагии совхоз-техникуми ба номи Ф. Саидов ҳатто воридоти оби минералии шифобахшро аз шифохонаҳои Обигарм ва Шоҳамбарӣ, озокерит ва гили Исфара дар автосистернаҳо ташкил кард, то беморони коргар ва мутахассисони совхоз, аъзои оилаҳои онҳоро табобат кунад.

Дар совхоз-техникуми ба номи Ф. Саидови дар бораи духтурони асосӣ О.А. Кравчук (дар назди ӯ оби шифобахш, гил ва озокерит ворид карда шуд), А. Ҳошимов, С. Шарипов, собиқадорон табибон Ф. Камолова, Н. Ҷавонов, Ҷ. Раҳмонов, С. Фатҳуллоева, лаборантон М. Туйчиев, ҳамшираҳои тиббӣ Р. Фузайлова, Н.С. Кравченко, Н.В. Шуклина , Л.Н. Соколенко, Н. Шол, Т. Худойназарова, Б. Смелкова, А. Юсупова, Л. Клюн, Р. Несова, Р. Юлдашева, А. Содиқова, М. Дӯстов, Раҷабалиева Б., ҳамшираҳои тиббӣ Ш. Олимова, Н.Л. Клюн, Р. Галочкина, Л. Симбел, Э. Кенҷаева, О. Сафарова, Т. Олимова, Р. Фатҳуллоева кору фаъолияти хуб намудаанд. Зиёда аз сӣ сол сардухтури беморхонаи совхоз-техникуми ба номи Ф. Саидов табиби категорияи олӣ Маҳрамбек Б. буданд.

Беморхонаи мавзеи Заргар ин аввалин муассисаи табобатии статсионарӣ дар қаламрави колхози ба номи А. Нуриддинов (собиқ хоҷагии ба номи М. Горкий) буд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба кор шурӯъ кард. Дар баробари нуқтаи фелдшерӣ-акушерӣ (ФАП), ки дар агроқитъаҳо фаъолият мекарданд, беморхона дар мактаби ”Пахтакор” кушода шуд. Аввалин сардухтури ин беморхона С.А. Варварова буд [109, с. 419].

Зарари калони бемориҳои сироятӣ ва суръати баланди паҳншавии онҳоро ба назар гирифта, 1 октябри соли 1971 аз тарафи Раёсати Шурои

Олии Иттиҳоди Шуравӣ фармон дар бораи «Баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои паҳн кардани бемориҳои сирояткунанда» бароварда шуд. Дар асоси ин фармон ситоди ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуд, ки он таҳти сарварии сардори Раёсати ёрии табобатӣ-профилактикии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Мавричева А.Г. як маротиба дар як семоҳа ҷамъ омада, натиҷаи кори ситодҳои вилоятҳоро оиди ин масъала муҳокима мекард. Дар роҳи аз байн бурдани сарчашмаҳои паҳншавии бемориҳои сирояткунанда, диққати асосӣ ба корҳои ташвиқотӣ ва тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим дода мешуд. Кори ин ситод бошад аз тарафи вазири тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон И.Саженин назорат карда мешуд, ки вазифаи роҳбарии умумӣ ва координатсиониро адо мекард [20, с. 10].

Кормандони тиббии ҷумҳурӣ дар солҳои 1969-1973 1 интихоб ва 9 пешниҳоди ратсионализаторӣ тасдиқ карданд. Барои нигоҳдории муассисаҳои системаи Вазорати Тандурустии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1974 100,3 миллион рубл ҷудо карда шуд ва ин дар муқоиса бо соли 1940 14 маротиба зиёд буд [99, с. 8].

Солҳои 70-ум таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои баландихтисоси тиббӣ хеле беҳтар шуд. То таъсисёбии ноҳия духтурони маълумоти олидор ва ботаҷриба дар муассисаҳои тиббӣ кору фаъолият доштанд. Шарифов Шокир, Бобоев Ҳайдар, Каримов Давламад, Самадов Сайдалӣ, Ашуров Қарахон, Дурбонов Довуд, Файзалиев Мирзо дар касалхонаҳои деҳотӣ ба мардум хизмати тиббӣ расонида, соҳиби ҳурмату эҳтиром ва таҷрибаи хуби касбӣ гаштаанд.

Дар солҳои ҳафтодум дар минтақа соҳаи тандурустӣ хеле пеш рафт. Соли 1970 шуъбаи неврологӣ кушода шуда, дар соли 1972 шуъбаҳои ҷарроҳии кӯдакона, травматология, гӯшу гулӯю бинӣ (лор) ва реаниматсия кушода шуданд.

Солҳои 70 – уми асри XX дар вилояти Қӯрғонтеппа 11 беморхонаҳои маркази ноҳиявӣ, 4 беморхонаҳои маркази шаҳрӣ, 18 беморхонаҳои қитъавии деҳотӣ, 15 муолиҷахонаҳо (поликлиника), 12 маслиҳатхонаҳои

(консултатсияҳо) занона, 12 муоличахонаҳо (поликлиникаҳо) бачагона, 31 амбулаторияи духтурии деҳотӣ, 319 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ ва 15 диспансерҳо фаъолият менамуданд.

Дар вилоят солҳои 70-уми асри XX 1230 нафар духтурон, зиёда аз чор ҳазор кормандони миёнаи тиббӣ фаъолият намуда, шумораи катҳои беморон ба 7060 адад расонида шуд [182].

Дар охири панҷсола (с.1970) дар шаҳри Қӯрғонтеппа беморхона, тубдиспансер, клиникаи дандонпизишкии кӯдакон сохта шуда ба истифода дода шуд [189].

Дар ин солҳои 70-уми асри XX махсусан нарасидани мутахассисони бемории сил ташвишовар буд, зеро шумораи беморон ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати он давра қарор дошт. Соли 1973 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 297 табиби силшинос кор мекарданд. Дар ҷадвали овардашуда мо мушоҳида мекунем, ки шумораи духтурони Тоҷикистон нисбат ба умумишуравӣ чи қадар кам будааст:

**Ҷадвали 4**

| Солҳо | 1965 | 1967 | 1969 | 1971 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи духтурон | 240 | 283 | 297 | 311 |
| Мутахассиси силшинос | 220 | 223 | 214 | 209 |
| Ба 10 ҳазор нафар дар Тоҷикистон | 0, 8 | 0, 8 | 0,8 | 0,7 |
| Ба 10 ҳазор нафар дар Иттиҳоди Шуравӣ | 4 8 | 10 | 10 | 10 |

Аз рӯи маълумоти ин ҷадвал як факти манфӣ ҳамчун савол рӯйи кор меояд, ки чаро дар солҳои 1967-1969 шумораи умумии табибон дар сатҳи Шуравӣ паст фаромад. Агар соли 1965 ба 10000 нафар аҳолӣ 48 табиб рост меомад, дар солҳои минбаъда ин шумора танҳо 10 нафарро ташкил дод. Ин факт боиси он гардид, ки то солҳои 70-ум низ бартараф кардани бемориҳои сироятӣ имконнопазир буд.

Танҳо дар давоми панҷсолаи VIII (с.1966-1970) ва IX (с.1971-1975) барои сохтмони муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи буҷет 35,9 миллион рубл сарф карда шуд. Дар соли 1972 сохтмони 38 иншооти тандурустӣ, аз ҷумла маркази ҷарроҳии қафаси сина дар шаҳри Душанбе, ноҳияи марказии беморхонаҳо бо поликлиникаҳо дар ноҳияҳои Данғара, Файзобод, Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун), Панҷ, Фархор, Пролетар (ҳоло н. Б. Ғафуров), поликлиникаҳо дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ), Хуҷанд ва истгоҳҳои санитарӣ дар ноҳияи Хучанд ба анҷом мерасад [163, с. 58-61].

Дар соли 1972 саломатии аҳолии кишварро тақрибан 5 ҳазор табиб ва зиёда аз 16 ҳазор кормандони миёнаи тиббӣ ҳифз мекарданд.

Дар ҷумҳурӣ мактаби тиббии ш. Душанбе №2 (с.1967), Ордженикидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) (с.1967) ва Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) (с.1969) дубора ташкил карда шуданд. Танҳо дар соли 1972 аз рӯи буҷети тандурустӣ 92 миллион рубл ё 30 рубл ба ҳар сари аҳолӣ ҷудо карда шуд [165, с. 5-10].

Бо пойдор шудани Ҳокимияти Шуравӣ тағйироти назаррас дар соҳаи тандурустӣ низ оғоз ёфт. Дар ин давра ёрии тиббии касбӣ ва ройгон ба таври васеъ паҳн шуд. Шумораи муассисаҳои тиббӣ ва профилакторияҳо сол аз сол меафзуд. Масалан, агар соли 1965 дар ноҳияи Қубодиён ҳамагӣ 4 табобатгоҳ бошад, соли 1990 шумораи онҳо ба 7-то расида, ба иловаи он 3 поликлиника, 4 амбулатория, як профилактория, 38 нуқтаи тиббӣ ва 9 дорухона амал мекарданд. Барои муолиҷаи фаврӣ амбулаторияҳо, инчунин марказҳои маслиҳатдиҳӣ ба аҳолӣ хизмат менамуданд [70, с. 75-76].

Дар соли 1974 дар ҷумҳурӣ саломатии аҳолиро 5867 духтур ва 16199 корманди миёнаи тиббӣ ҳифз мекунанд. Дар Донишкадаи тиббӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ зиёда аз 300 нафар номзадони илм ва докторони илм фаъолият менамуданд.

То 1 январи соли 1974 танҳо дар системаи Вазорати тандурустӣ 1694 муассисаи табобатӣ-профилактикӣ амал мекард, аз онҳо 233 беморхона, 376

муассисаи амбулаторӣ-поликлиникӣ, 57 диспансери махсус, 10 қисми тиббӣ-санитарӣ, 946 нуқтаи фелдшерӣ-акушерӣ, 51 истгоҳи санитарӣ-эпидемиологӣ, 318 дорухона ва ғайраҳо буданд. Дар муассисаҳои беморхона зиёда аз 32000 кат ҷойгир карда шуда буд [165, с. 4-9].

Яке аз бахшҳои муҳимтарини кори амбулаторӣ-поликлиникии хадамоти тиббӣ ҳифзи саломатии коргарони корхонаҳои саноатӣ, сохтмонҳо ва муассисаҳои нақлиёт мебошад. Хизматрасонии тиббии онҳо аз ҷониби 10 қисми тиббӣ-санитарӣ, 36 нуқтаи тиббӣ ва 267 фелдшерӣ амалӣ карда мешуд.

Дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) шумораи кадрҳои тиббӣ мунтазам меафзуд. Агар дар соли 1959 25 духтур ва 133 корманди миёнаи тиббӣ бошад, пас дар соли 1974 шумораи онҳо мутаносибан ба 76 духтур ва 273 корманди тиббӣ расид [149, с. 11].

Гуфтан кифоя аст, ки дар шаш соли охир (с.1978-1983) дар вилояти Қӯрғонтеппа 54 беморхона кушода шуда, зиёда аз 310 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ ва 15 нуқтаҳои диспансерӣ ба қабули беморон шуруъ намуданд, ки ба онҳо қариб 5 ҳазор кормандони тиб, аз ҷумла 1130 духтур хизмат мерасониданд. Дар вилоят техникуми тиббӣ фаъолият мекард ва дар он ҷо зиёда аз 200 нафар кормандони миёнаи тиббӣ таҳсил мекарданд [120, с. 32-33].

Баъди ташкил шудани вилояти Қӯрғонтеппа 4 апрели соли 1977 соҳаи тандурустӣ имкониятҳои васеъро доро гашт. Дар назди кумитаи иҷроияи ҳукумати вилоят шуъбаи тандурустӣ ташкил карда шуд, ки фаъолияти 767 духтурон ва 2697 кормандони миёнаи тиббиро назорат мекард. Соҳаи тандурустии вилоят бо озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази замонавӣ, асбобҳои ташхисии замонавӣ ва дастгоҳҳо нави муолиҷавӣ таъмин гардиданд [182].

Дар асоси фармони ҷонишини Вазири тандурустии ҶШС Тоҷикистон (К. Черновский) №813 аз 2.10.1974 ва қарори Комиҷроияи ноҳияи Вахш №266 аз 11.10.1974 “Дар бораи ташкил намудани катҳои иловагии инфексионӣ бо сабаби пайдо шудани алангаи тиф” аз ҳисоби фонди

захиравии вазорат ба БМН Вахш барои 30 кати диспансери эпидимиологӣ муваққатан ба муҳлати ду моҳ маблағҳои лозимаро ҷудо намуд [33, с. 2-2].

Дар асоси фармоиши Вазири тандурустии (М. Саженин) ҶШС Тоҷикистон №4 аз 2.01.1974 “Оиди меъёри штатии ҳайати тиббӣ, фармасевтӣ ва кормандони ошхонаи диспансери пӯсту венерологи, шуъбаҳо ва кабинетҳо” дар аввали соли 1974 диспансерҳои пӯсту венерологӣ бо катҳо чун беморхонаҳои алоҳида дар ноҳияҳои Вахш – 50 кат ва дар ноҳияи Шаҳритус – 50 кат ташкил карда шуд [34, с. 3].

Дар баъзе ноҳияҳо истифодабарии буҷет пурра истифода нагардид, масалан дар ноҳияҳои Ёвон – 28,6% ва ноҳияи Колхозобод – 57,0% иҷро гардиду халос [36, с. 4].

Аз рӯи қарорҳои Пленуми июни (с.1983) КМ ҲКИШ, кумитаҳои ҳизбӣ, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии вилоят кӯшиш намуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳи сахтгирии кору фаъолият ва ҳамаи коргарон ҳама чораҳоро андешиданд.

Ҷавонписарон ва духтароне, ки имтиҳонҳои озмунро супоридаанд, ба омӯзишгоҳи тиббӣ, ки дар маркази ноҳияи навтаъсиси Ёвон кушода шуда буд, дохил гардиданд. Дар асоси барномаи комплексии таҷдиди соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон, ки то соли 1990 таҳия шуда буд, ба нақша гирифта шуд, ки то охири сол сохтмони муассисаи миёнаи тиббӣ дар ноҳияи Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун) сохта ба истифода дода шавад [182]. Хизмати табобатию пешгирии бемориҳои модару кӯдак васеъ паҳн гашта, соли 1990 дар шаҳри Қӯрғонтеппа 200 ҷойи акушерӣ - гинекологӣ дар таваллудхонаҳо мавҷуд буд. Инчунин се маркази маслиҳатдиҳӣ барои занҳо, поликлиникаи кӯдакона ва 27 боғча-яслӣ барои 2600 кӯдак амал мекарданд. Шумораи зиёди муассисаҳои тиббӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин шуда буд. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа омӯзишгоҳи тиббӣ амал мекард, ки ба тайёр намудани мутахассисони тиббӣ машғул буд.

Агар соли 1965 дар ноҳияи Қубодиён ҳамагӣ 4 табобатгоҳ бошад, соли 1990 шумораи онхо ба 7-то расида, ба иловаи он 3 поликлиника, 4

амбулатория, як профилактория, 38 нуқтаи тиббӣ ва 9 дорухона амал мекарданд. Барои муолиҷаи фаврӣ амбулаторияҳо, инчунин марказҳои маслиҳатдиҳӣ ба аҳолӣ хизмат менамуданд.

Хадамоти тандурустии водии Вахш ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфт. Бояд гуфт, ки соли 1983 дар вилоят 54 беморхона фаъолият дошт, ки дар он дар як вақт зиёда аз ҳазор нафар табобат меёфт. Инчунин 24 муассисаи поликиникӣ, 32 амбулаторияи тиббии деҳотӣ, 319 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ ва 81 дорухона дар хизмати аҳолии вилоят қарор дошт.

Шумораи кормандони тандурустӣ зиёда аз панҷ ҳазор мутахассисро дар бар мегирад, аз ҷумла 1130 духтур, 165 корманди тиббии вилоят ба унвони ”Корманди шоистаи соҳаи тандурустӣ” сазовор гардида буданд. Зиёда аз 4700 табиб йа унвони пешқадами истеҳсолот сазовор гардида буд. Ҳар сол дар вилояти Қӯрғонтеппа садҳо хатмкунандагони ҷавони Донишкадаҳои тиббӣ ва мактабҳои тиббӣ ба кор шурӯъ мекарданд. Ба онҳо собиқадорони соҳа таҷрибаи худро меомӯзониданд. Дар амал татбиқ намудани донишҳои дар муассисаҳои таълимӣ бадастоварда, муҳаббати ҷавононро ба касби худ зиёд мекард [183].

Аз аввали соли 1983 низоми кор мутобиқи шароити мушаххаси истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар ҳамаи амбулаторияҳо ва поликлиникаҳои вилоят тағйир ёфта, ҳаҷми муоинаи касбӣ васеъ гардида, тамоси муассири хадамоти ёрии таъҷилӣ бо муассисаҳои беморхона ба роҳ монда шуда, дар деҳот амбулаторияҳои сайёр васеъ истифода бурда мешуданд.

Баъзе чорабиниҳои дигар амалӣ карда мешуданд, аммо мушкилоти тандурустии вилоят ҳанӯз ҳам зиёд буанд. То ҳол дар деҳот мутахассисони ботаҷрибаи тиббӣ намерасанд ва интизоми меҳнатӣ на ҳама вақт риоя мегардид.

Ташаббуси шиори ”Шаъну шараф аз рӯи меҳнат” дар муассисаҳои тиббӣ васеъ паҳн шуд. Ин ташаббус дар шуъбаи сироятии кӯдакони беморхонаи вилоятӣ натиҷаҳои хуб ба даст овард.

Ба вуқуъ омадани эпидемияи варача ва хуручи дигар бемориҳои сироятӣ, ҳолати иқтисодӣ ва ичтимоии мардуми вилояти Қӯрғонтеппаро ниҳоят вазнин кард ва ин мақомоти маҳаллии Ҳукумати вилоят ва сарварони шуъбаи тандурустии вилоятро ба қабул кардани чораҳои таъхирнопазир водор намуд. Дар ибтидо аз тарафи кормандони тиб чораҳои зидди эпидемӣ ва зидди бемории варача амалӣ шуданд ва ин корҳоро дар тамоми қаламрави вилоят ташкил намуданд. Дар шаҳру ноҳияҳо илова ба муассисаҳои вучуддошта боз 11 истгоҳи тропикӣ, 11 нуқтаи санитарӣ таъсис дода шуданд. Дар ин радиф аз маблағгузории маҳаллӣ дар ноҳияҳои вилоят боз 10 гурӯҳи зидди бемории варача ва пешгирии он ташкил карда шуд. Дар натичаи омӯзиш ва санчиши доимии вазъи санитарию-эпидемиологии ноҳияҳои вилоят лозим дониста шуд, ки боз 30 кати иловагӣ дар ноҳияҳои гирифтори эпидемия кушода шавад.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои гузаранда аз тарафи истгоҳи санитарӣ-эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи тиббӣ гузаронида шуданд. Эмкунии саросари мардуми шаҳру ноҳияҳои вилоят бетаввaққуф гузаронида мешуд. Бар зидди бемориҳои гузаранда дар мудати кутоҳ 55 ҳазор нафар эм кунонида шуд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии ноҳияҳо тамоми одамони қобили меҳнатро барои нест кардани ботлоқзорҳо ва тоза кардани заҳбуру чӯйборҳо сафарбар карданд [183].

Хизмати табобатию пешгирии бемориҳои модару кӯдак васеъ паҳн гашта, соли 1990 дар ноҳия 200 чойи акушерӣ - гинекологӣ дар таваллудхонаҳо ташкил карда шуд. Инчунин се маркази маслиҳатдиҳӣ барои занҳо, поликлиникаи кӯдакона ва 27 боғча-яслӣ барои 2600 кӯдак амал мекарданд. Шумораи зиёди муассисаҳои тиббӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин шуда буд.

Солҳои 70 – 80 - уми асри XX давраи рушду пешрафти соҳаи тиб дар давраи шуравӣ ба шумор мерафт. Баъди таъсиси ноҳияи Қубодиён аз соли 1978 қариб дар ҳамаи маҳаллаҳои аҳолинишин беморхона, дармонгоҳ,

дорухона ва бунгоҳҳои гуногуни тиббӣ ташкил карда шуд, ки дар ин пешрафтҳо хизмати сардухтури ноҳия Қ. Ҷумаев назаррас буд. Аз сабаби муҳайё будани муҳити хуби корӣ, сатҳи баланди хизматрасонии тиббӣ аст, ки беморон имрӯз аз ноҳияҳои минтақа низ ба беморхонаи Қубодиён муроҷиат мекунанд. Духтурони ҳозиқ, Р. Садаев, Х. Ойматов, Э. Рузибоев, У. Мусурмонов, Э. Юсуфов, И.Б. Пономарёва, Б.Наврузов, Н. Аброров, Ч. Мамараҷабов ва дигаронро на танҳо дар ноҳияву вилоят, балки берун аз он мешиносанд [70, с. 220].

Хизмати соҳаи тиб дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) дар сатҳи боло қарор гирифтааст. Дар ноҳия 53 нуқтаи тиббӣ, 4 беморхонаи минтақавӣ, 5 амбулатория [90, с. 3]., 7 дорухона ва беморхонаи марказӣ амал менамояд, ки онҳо дорои 770 кати табобатӣ мебошанд. Ба меҳнаткашони ноҳия 607 табиб, ки аз ин 130 нафар табибони дорои маълумоти олӣ мебошанд, хизмат менамоянд. Мудири шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи марказӣ И. Худойбердиев ба унвони фахрии “Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мушарраф гардид.

Соҳаи тибби ноҳия бо табибони ҳозиқу мушфиқаш ифтихор менамояд. Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилбар Мирҳодиева солҳои сол чун сардухтури таваллудхонаи ноҳия миёни мардум обру ва эътибори бузургеро соҳиб гаштааст. Доктори илми тиб, профессор Исоева М. номи ноҳияро дар Тоҷикистон ва берун аз он маъруф намуд.

Соҳаи тиб дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) дар сатҳи боло қарор гирифтааст. Дар ноҳия 53 нуқтаи тиббӣ, 4 беморхонаи минтақавӣ, 5 амбулатория, 7 дорухона ва беморхонаи марказӣ амал менамояд, ки онҳо дорои 770 кати табобатӣ мебошанд. Ба меҳнаткашони ноҳия 607 табиб, ки аз ин 130 нафар табибони соҳиби маълумоти олӣ мебошанд, хизмат менамоянд. Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Мирҳодиева солҳои сол чун сардухтури таваллудхонаи ноҳия миёни мардум обру ва эътибори бузургеро соҳиб гаштааст [90, с. 3-89].

Доктори илми тиб, профессор Исоева М. номи ноҳияи Колхозободро дар Тоҷикистон ва берун аз он маъруф намуд. Беморхонаи маркази ноҳия соли 1964 ба бинои нав соҳиб гардид. Дар ин дармонгоҳ солҳои тӯлонӣ духтурони ботаҷриба Кузибоев К., Мардаев Ю., Акбаров Ғ., Мирҳодиева Д., Доркина О., Антоненко М. ва А. Содиқов кор карда омаданд.

Рушди минбаъдаи шабакаи муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ва зарурати ба таври куллӣ беҳтар кардани пуррагии онҳо бо кадрҳои тиббӣ тақвияти тадбирҳои омодасозии онҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар лоиҳаи нақшаи панҷсолаи тандурустӣ тайёр кардани тақрибан 3 ҳазор табиб ва 8,5 ҳазор кормандони миёнаи тиббӣ пешбинӣ шудааст.

Аввалин сардухтурҳои беморхонаи сил Ю. Дмитриевич ва Ваҳидов Б. буданд ва аз соли 1970 инҷониб онро мутахассиси олиҷаноб А. Мошарипов бетағйир роҳбарӣ мекард. Инчунин дар беморхонаи сил Тураева М.Ҳ., хоҳарони тиббии Сараева А., иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Ҳамроева А., Сафарова Т. Мушта Г.С. фаъолият менамуданд.

Сохтмони беморхонаи психиатрии клиникии ҷумҳуриявӣ барои 500 кат (дар н. Ленин (ҳоло н. Рӯдакӣ)), беморхонаи табобати барқарорсозӣ барои 520 кат (дар ш. Душанбе), анбори дорухона дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) барои 6000 м$^2$, санэпидистгоҳ дар ш. Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд), корхонаи таъмири техникаи тиббӣ бо ҳаҷми солонаи кор 1 миллион рубл дар ш. Душанбе, анборҳо барои техникаи тиббӣ бо майдони 1500 м$^2$ ва ғайра ба нақша гирифта шуда буданд.

Тайёр намудани тақрибан 3 ҳазор табиб ва 8,5 ҳазор мутахассисони миёнаи тиббӣ ва сохтмони маҷмааи Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ва биноҳои таълимӣ барои мактабҳои миёнаи тиббӣ ба нақша гирифта шудааст. Илова бар ин, аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи Шуроҳои маҳаллии депутатҳо маблағҳо аз рӯи буҷет барои сохтмони манзил ҷудо карда мешаванд [164, с. 5-12].

Қӯрғонтеппагиҳо дастони ғамхор ва гармии рӯҳии ҳамшираи тибби Гавриленко Ф.Г. -ро дар хотир доранд, ки дар поликлиникаи шаҳри

Қӯрғонтеппа ҳанӯз соли 1939 кору фаъолият менамуд. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба Қӯрғонтеппа иштирокчиёни ҷанг хоҳарони шафқат Е.Д. Потапова, Федусова М.В., Буханистова П.К., Кочеткова Е.Ф., Ботвинкина Н.П., Рудинская В.И., Шмакова А.Е., Буртсева Т.С., Поликарпова Г.А., Сингер Э., Дубовик Т., Кобилян Г., Везо Х.Х., Акопова И.И., Карпова Н.П., Горенко Т., Артюхович Е., Дорогойченко Т., Бароева Е., Глатс Л., Шестопалова Н.Г., Мурикова Т.Н.,санитарҳо Ҳайдарова Л.Е., Куликова А.И., Осмакова Е., Кобилян Е., Карпова А.К., техник Е. Зубиева омаданд.

Дар соҳаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа Комилов Қ. - директори пойгоҳи махсуси соҳаи тандурустии вилоят, кормандони техникӣ Р. Ҳамдамов ва Отто Сингер, ки бо мошинҳои бригадаи ёрии таъҷилӣ ба беморон мадад мерасониданд, даҳсолаҳо кору фаъолият карданд.

Аввалин сардухтури беморхона Ҳ. Саидов дар ташкили кори ин муассисаи табобатӣ саҳми калон гузошт. Мутахассиси ботаҷриба Абдуллоев Т. низ аз соли 1978 дар ин ҷо кору фаъолият менамояд.

Дар байни беморон коргарони беморхона, табибони собиқадор Ҷӯраева Қ., Ҳакимов А., хоҳарони тиббӣ Уразметова А.И., маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Зайнуддинова Ҳ. ва Очилова Е.Ҷ. эҳтироми зиёд доштанд [108, с. 416].

Мушкилоти ҷиддӣ дар он солҳо бемориҳои пӯст-венерикӣ буданд. Дар мубориза бо ин бемориҳо дар шаҳри Қӯрғонтеппа беморхонаи пӯст-венерикӣ ва диспансер нақши калон бозиданд. Дар ин беморхона мутахассисони олидараҷа Потапов Н.К. - аввалин сардухтури беморхонаи пӯст-венерикӣ, табиби дерматолог Максимова Л.О., мудири диспансери пӯст-венерологии вилояти Қӯрғонтеппа Зарубо Н.П., сардухтури беморхона Раҷабов Н.Г., ки бо ордени ”Дӯстии халқҳо” ва нишони ”Корманди шоистаи соҳаи тандурустии ИҶШС” сарфароз гардида буд, кору фаъолият намуда буданд. Баъдан Раҷабов Н.Г. солҳои зиёд сардухтури шуъбаи тандурустии вилоят буданд.

Солҳои зиёд дар беморхонаи пӯст табибони зерин ба мисоли Давлатов М.Ш., раиси кумитаи иттифоқи касабаи беморхона, Кузнетсова Л.И. аълочии

тандурустии ИҶШС, Бегчаев Ҷ., Яровинская Н.Н., Васенева О.В., Иванова Г.И., хоҳарони тиббии Олимова А., Николаева Т. ва Нариманова А. кор мекарданд.

Дар бораи соҳаи тандурустии шаҳри Қӯрғонтеппа сухан ронда, кори хадамоти дорусозӣ, собиқадорон ва коргарони онро фаромӯш кардан мумкин нест. Дар ин хидмати муҳим роҳбарони идораи дорухонаҳо - мутахассисони дараҷаи олӣ ва ташкилкунандагони ин соҳа Ф.Н. Баҳриддинов, С.Р. Абдуллоев ва Ф. Насуллоев, ки заҳмати зиёд сарф кардаанд, сазовори суханони нек мебошанд. Дар байни онҳо Ф.Насуллоев ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, ки зиёда аз сӣ сол аввал идораи шаҳрӣ ва сипас вилоятро роҳбарӣ мекард.

Сокинони шаҳр табибони дорусози ш. Қӯрғонтеппа, мудирони дорухонаҳои шаҳрӣ М.Потапова, Ч. Ҳакбердиева, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ М.А. Дронова, А.С. Бахолдина, Т.Я. Шайдулина, Н.А. Дамарчева, Т.В. Домогатская, Ф. Кабирова, Л.Е. Салниковаро бо самимияти зиёд ба ёд меоранд.

Соли 1981 дар маркази колхоз беморхонаи зебо сохта шуд, ки дар байни мардум ҳамчун беморхонаи ”Заргар” маъруф буд, ки сардухтури он Ш.У. Набиев буданд. Он бо асбобҳои нави тиббӣ муҷаҳҳаз карда шуда, бо кадрҳои баландихтисоси табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ таъмин буданд. Дар беморхона табибон М. Холов, Н.Ҷ. Ғоибов, А.Ю. Мирзоалиев, С.Ҷ. Эргашев, муовинони сардухтур А.Ҳ. Олимов, М. Ғуломов, М.А. Сайназарова, А.С. Пириев, С. Усмонов, В.В. Иноятова, У.И. Исроилова, Н. Азимов, М.Ш. Давлатов ва Б. Раҳимов кору фаъолият намудаанд.

Колхозчиён дар бораи хоҳарон ва бародарони тиббӣ М. Исмоилова, М. Холова, Ф. Гулова, Р. Ватанов, Д. Усмонова, Э. Тағоев, С. Сагандикова, З.А. Катсиева, лаборант-рентгенологҳо М. Ҷумаева ва С. Усмонов, мудирони нуқтаҳои фелдшерӣ - акушерӣ А. Демченко, Р. Мирзоева, Ф. Содиров, Г. Содиқова, Н. Одинаева, Н. Крутова, М.Б. Дултсева, Д. Агафонова, С. Қурбонова, Ф. Кимиле доимо суханони нек мегуянд [108, с. 417-422].

Бухрони солҳои 90-ум ба соҳаи тандурустӣ низ асари манфии худро гузошта, аз сабаби нарасидани доруворӣ ва таҷҳизоти лозимаи тиббӣ, музди ночизи кормандони соҳа ҳифзи саломатии аҳолӣ дар дараҷаи паст қарор дошт. Ба душвориҳои зикршуда нигоҳ накарда, кормандони соҳаи тандурустӣ дар солҳои душвори солҳои 90-уми асри XX фаъолияти хешро идома доданд ва вазифаи касбии худро дар назди мардуми заҳматкаш ба ҷо оварданд. Дар навбати худ роҳбарияти ноҳия ба душвориҳои иқтисодӣ ва нарасидани маблағ нигоҳ накарда, ба қадри имкон баҳри беҳдошти вазъи тандурустӣ чораҳо андешид. Барномаи рушди тандурустии ноҳия тартиб дода шуда, барои минбаъд маблағгузорӣ намудани соҳа тадбирҳо амалӣ карда мешаванд [70, с. 75-76].

Баъди ташкил намудани ноҳияи Колхозобод (Ворошиловобод), дар ҳудуди он ягон нуқтаи хизмати тиббӣ амал намекард. Табибон аз маркази вилоят ба мардуми ноҳия хизмат менамуданд. Бо дастгирии ҳукумати ноҳия нуқтаҳои хизмати тиббӣ созмон дода шуд [90, с. 3-89].

Дар хулосаи ҳамин зербоб қайд кардан бамаврид аст, ки аввалин кадрҳои соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа, ки солҳои 50-уми асри XX ба кор оғоз намуданд ҳамшираҳои тиббӣ буданд. Онҳо тавонистанд дар шароити душвори занони маҳаллӣ аз тамоми хурофотҳо ва маҳдудиятҳо даст кашида, барои мардум хизмат намоянд ва ин амали онҳо худ як ҷасорат буд. Дар солҳои минбаъда соҳаи тиб инкишоф ёфт ва аввалин табибони маҳаллӣ бо маълумоти олӣ ба кор баромаданд. Табибони маҳаллӣ баъди гирифтани донишу малакаи назариявӣ ба зодгоҳашон баргашта, бевосита дар беморхонаҳо таҷрибаи худро такмил медоданд ва бо сарварии табибони рус маҳорату қобилияти худро сайқал диҳанд. Бо зиёд шудани кадрҳои маҳаллӣ, шумораи беморхонаҳо зиёд гардид ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардид. Аммо чуноне, ки таҳлилҳо нишон доданд, ин муваффақиятҳои тибби вилоят ҳанӯз дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ хеле ночиз буд. Илова бар ин тиб низ инкишоф меёфт ва соҳаҳои нав ба нав пайдо мешуданд ва барои таъмини фаъолияти онҳо кадрҳои болаёқат зарур буданд.

Дар ин самт кори системаи маориф дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ хеле муҳим буд, зеро рушди минбаъдаи соҳаи тандурустӣ танҳо аз мутахассисони баландихтисос вобастагӣ дошт. Дуруст будани ин фикрро солҳои 90-ум исбот намуданд. Дар ин солҳо мутахассисони рус Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намуданд ва мутахассисони маҳаллӣ тавонистанд кори соҳаи тибро на танҳо наҷот диҳанд, балки онро ҳаматарафа пеш бурда ба сатҳи тибби ҷаҳонӣ расонанд.

## 3.2. Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1975-1991

Ҳангоми таҳқиқот маълум гардид, ки дар солҳои 1975-1991 соҳаи тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа хеле рушд намуд. Чунки мутахассисони маҳаллии ҳама соҳаҳои тиб аллакай кору фаъолият менамуданд. Дар ҶШС Тоҷикистон аввалин ташхиси судӣ-тиббиро духтур-ҷарроҳ А.И. Чижов анҷом дод, пас аз рафтани ӯ Решетников ҳамчун коршинос кор кард. Яке аз ташкилкунандагони экспертизаи судӣ-тиббӣ дар Тоҷикистон К.В. Фрунзе буд.

Озмоишгоҳи судӣ-химиявӣ кушода шуд, ки дар он солҳои гуногун химик А. Тарасов, И.А. Глухов, Г.В. Сиповский кору фаъолият намуданд. То соли 1936 экспертизаҳои судӣ-тиббӣ дар шаҳри Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Ӯротеппа таъсис дода шуданд. Аз соли 1976 А.Г. Ғоибов коршиноси асосии (ғайриштатии) судӣ-тиббии Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон буд [82, с. 58-61].

Дар ноҳияи Вахш дар асоси дастури комиҷроияи ноҳия №16 аз 24 – уми марти соли 1975 ба сардухтури ноҳияи Вахш К. Кенҷаев оиди дар ноҳия ба фаъолияти кории худ оғоз намудани Истгоҳи ноҳиявии санитарию эпидемиологӣ (РайСЭС) ва таъин намудани сардухтури ин муассиса, духтури пӯсту венеролог Троитский И.И. иҷозат дода шуд [37, с. 6].

Дар асоси фармоиши Комиҷроияи н. Вахш бо мақсади саривақт пешгирӣ намудани касалиҳои тиф беморхонаи минтақавии қишлоқи

Комсомолро аз 1- уми апрели соли 1975 ба беморхонаи сироятӣ табдил дода, беморони касалии тифро хобонданд [39, с. 5-6].

Бинобар сабаби баланд бардоштани савияи дониши духтурон рӯзҳои 24-30 ноябри соли 1975 дар СЭС-и ш. Душанбе бо духтурони бактериологҳо аз шаҳру ноҳияҳои Ордҷеникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат), Ленин (ҳоло н. Рӯдакӣ), Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Вахш, Фархор ва ш. Норак курсҳои кӯтоҳмуддат гузаронида шуд [38, с. 5].

Бинобар сабаби авҷ гирифтани касалии тиф беморхонаи минтақавии ба номи Киров (дорои 45 кат) ба шуъбаи касалиҳои тиф табдил дода шавад ва ба сардухтури он Назаров Н. супорида шуд, ки ҳамаи чораҳоро андешад [35, с. 11].

Дар соли 1977 танҳо дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) 4 беморхона, 4 табобатгоҳ, 31 нуқтаи фелдшериву акушерӣ, 3 диспансер ва нуқтаҳои зиёди тиббӣ мавҷуд буданд, ки дар онҳо 27 табибони дорои маълумоти олӣ ва 740 нафар хизматчиёни миёнаи тиб дар ҳифзи саломатии одамон буданд [168, с. 6].

Дар соли 1984 фонди катҳои муассисаҳои беморхонаҳои ҷумҳурӣ ба 42600 кат расид, шумораи табибон 10 ҳазор ва кормандони миёнаи тиббӣ 25700 нафар буд. Ба аҳолии ҷумҳурӣ зиёда аз 2 ҳазор муассиса ёрии табобатӣ-профилактикӣ расониданд, аз онҳо 518 амбулаторӣ-поликиникӣ, 30 нуқтаи тиббӣ, 67 диспансерҳои махсус, 11 қисми тиббӣ-санитарӣ, 293 беморхона, 343 нуқтаи тиббии фелдшерӣ, 57 СЭС, 173 амбулаторияи тиббии деҳотӣ, 1225 нуқтаҳо ФАП ва ғайра хизмати тиббӣ мерасониданд [160, с. 76].

Дар солҳои 1976-1982 дар вилояти Қӯрғонтеппа 54 беморхона, зиёда аз 310 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ, 15 диспансер кушода шуданд, 5 ҳазор корманди тиббӣ, аз ҷумла 1130 духтур кор мекарданд, инчунин дар вилоят филиали техникуми тиббии Душанбе фаъолият мекард.

Аз рӯи натиҷаи ин мусобиқаҳо вилояти Қӯрғонтеппа ба беҳтарин нишондод ноил гардид, зеро танҳо дар ин вилоят фоизи бештари кормандон дар супоридани нормаи ГТО иштирок намуданд.

**Ҷадвали 5**

| Шаҳру вилоят | Иштирок дар супоридани нормаи ГТО | Аз фоизи умумии кормандони тиб | Талаботи нормаи ГТО -ро иҷро карданд | Аз фоизи умумии кормандони тиб, % |
|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 3028 | 23.2 | 200 | 1,5% |
| Қӯрғонтеппа | 452 | 21 | 90 | 10,1 |
| Кӯлоб | 571 | 34 | 176 | 10,7 |
| Ленинобод | 1078 | 13,6 | 591 | 7,2 |

Вазифаи асосӣ ва принсипиалии кор дар он буд, ки дар ин ду ноҳия муносибат миёни сохторҳои тиббӣ, ки бо кӯдакон сару кор доштанд, вуҷуд надошт. Бо ҳамин сабаб фавти кӯдакон дар ҳар зинаи инкишоф зиёд мешуд. Аз ин рӯ, дар назди шуъбаи тандурустии вилоят, сарпедиатри вилоят ва саринспектори кӯдакон вазифа оиди таъсиси алоқаи байни беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои кӯдакона гузошта шуд [55, с. 218].

Дар навбати худ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон тақсимот ва ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисонро таҳти назорати қатъӣ гирифт. Илова бар ин натиҷаи бо ҷои кор ва хона таъмин шудани мутахассисони ҷавон дар охири сол дар коллегияи Вазорати маориф ва Вазорати тандурустӣ муҳокима мегардид. Дар соли 1973 Донишкадаи тиббии шаҳри Душанберо 524 мутахассис хатм намуд, ки аз онҳо 339 нафар дар шуъбаи кори табобатӣ ва 185 нафар дар шуъбаи педиатрия таҳсил кардаанд. Аз ин шумора 288 нафар ба деҳот ва 180 нафар ба шаҳрҳо фиристонида шуданд. Аз рӯи ҳисоботи мудирони шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо аниқ гардид, ки тамоми мутахассисон ба ҷойҳои кори худ ҳозир гардиданд. Инчунин 116 мутахассиси соҳаи тиб аз Донишгоҳҳои тиббии ҷумҳуриҳои бародар ба Тоҷикистон фиристонида шуданд. Ин тақсимот асосан се ҷумҳуриро дар бар мегирифт, ки дар ҷадвали зерин оварда шуданд.

**Ҷадвали 6**

| Ҷумҳуриҳои бародар | Нақша | Бо рӯйхат | Ба ҷои кор ҳозир шуданд |
|---|---|---|---|
| Украина | 72 | 65 | 59 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| РСФСР (Россия) | 30 | 24 | 19 |
| Ӯзбекистон | 35 | 23 | 18 |
| Вазорати тандурустии ИЧШС (СССР) | 15 | 20 | 17 |
| Ҳамагӣ | 152 | 132 | 113 |

Дар коллегияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки таҳти раёсати вазири тандурустӣ И.Саженин гузашт, боз як бори дигар роҳбарони шаҳру вилоятҳо, беморхонаҳо ва шуъбаҳои тандурустӣ вазифадор шуданд, ки мутахассисони ҷавонро бо хона таъмин намоянд. Ҳамчунин масалаи таъмини дурусти беморхонаҳо бо хуроки дорои витаминҳои зарурӣ ба миён гузошта шуд [19, с. 40-43].

Аммо зиёд гардидани аҳолӣ афзоиши кормандони тибро талаб мекард, ки ин кормандони соҳаи тандурустиро водор менамуд, ки хизматрасониро бештару беҳтар намоянд. Аз ҳамин сабаб сатҳи фавтидани кӯдакон дар вилоят нисбат ба дигар минтақаҳо зиёдтар буд. Дар тамоми ноҳияҳои вилоят шуъбаҳои кӯдакона амал мекарданд ва танҳо дар ноҳияи Ленинград (ҳоло н. Муъминобод) ин шуъба дар назди шуъбаи педиатрия кушода шуд.

Ёрии тиббӣ барои кӯдакон дар се зина ба роҳ монда шуд:

1.Ёрии тиббии статсионарӣ;

2.Ёрии тиббӣ барои кӯдакони навзод;

3.Ёрии тиббӣ дар бунгоҳҳо ва дармонгоҳҳо.

Бо мақсади ёрии статсионарӣ дар вилоят 676 кат барои кӯдакон пешбинӣ шуд. Аммо аз ин шумора танҳо 166 кат дар деҳот ҷойгир шуда, 510 кати дигар дар шаҳр ҷойгир шуда буданд. Аз ҳамин сабаб табобати кӯдакони деҳот ба монеаҳои зиёд дучор мешуд [54, с. 120-127].

Аммо дар ҳар се равияи кори табобатии кӯдакон духтурон бо нарасидани ҷой ва иморати алоҳида бармехуранд. Дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва таваллудхонаҳо ҷой барои қабули озоди беморон, профилактикаи кӯдакони сиҳат ва модарони кӯдакони навзод таъмин нашудааст, ки ин ба сифати табобат таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин

тангии шароит ба паҳн шудани бемориҳои сироятӣ оварда мерасонад.

Кӯмаки тиббӣ, тавсеаи шабакаи муассисаҳои табобатӣ ва пешгирикунандаи таваллуд ва кӯдакон, афзоиши минбаъдаи шумораи катҳои беморхона, тавсеаи истеҳсолот ва беҳтар намудани истифодаи таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ, афзоиши истеҳсоли доруҳо, такмили минбаъдаи табобати шифохонаҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ, пойгоҳҳои сайёҳӣ, лагерҳои пешрав, иншооти варзишӣ, афзоиши шабакаи хонаҳои интернатӣ барои пиронсолон ва маъюбон ва ҷорӣ намудани намудҳои оммавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба рӯзгори аҳолӣ беҳтар гардид.

Тибқи дастури директивӣ, Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ лоиҳаи нақшаи рушди тандурустиро барои солҳои 1971-1975 таҳия кард. Дар он диққати асосӣ ба масъалаҳои густариши минбаъдаи чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, коҳиш додани беморӣ ва фавт, такмили тайёрӣ, ҷойгиркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои тиббӣ, баланд бардоштани сифати роҳбарии мақомот ва муассисаҳои тандурустӣ, инчунин фарҳанги хизматрасонии тиббии аҳолӣ равона карда шуда буд. Дар амал татбиқ намудани фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ дастовардҳои навтарини илми тиб, такмили низоми банақшагирӣ, маблағгузории тандурустӣ ва омори тиббӣ низ ба нақша гирифта шудааст. Барои иҷрои вазифаҳои дар боло зикршуда амалӣ намудани чорабиниҳои зерин дар солҳои 1971-1975 пешбинӣ шудааст:

а) шумораи катҳои беморхона дар ҶШС Тоҷикистон дар охири соли 1975 ба 36500 адад мерасад, аз ҷумла дар шаҳрҳо 25800 адад, дар деҳот 7200 адад, афзоиш дар панҷ сол 7500 катро ташкил медиҳад (дар шаҳрҳо 5500 кат ва дар деҳот 1000 кат);

б) афзоиши нисбатан ками шумораи катҳои беморхона дар деҳот бо тағйирот дар тақсимоти маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ шарҳ дода мешавад. Ҳамин тавр, танҳо дар соли 1967 1105 катҳои беморхонаи деҳот ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ дода шуданд.

Шумораи катҳо дар ҳамаи шифохонаҳои соҳаи Вазорати тандурустӣ дар охири панҷсола ба 3200 адад мерасад, ки онҳо аз 1950 адад то 875 катро ташкил медоданд [153, с. 8-13].

Шумораи дорухонаҳо дар ҶШС Тоҷикистон дар охири соли 1975 315 ададро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 132 дорухона дар шаҳрҳо ва 183 дорухона дар деҳот мебошад. Дар давраи ба нақша гирифташуда нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо хизматрасонии доруворӣ ба таври назаррас баланд мешаванд.

Шумораи вазифаҳои тиббӣ дар охири соли 1975 9500 ҷой ба нақша гирифта шудааст, дар муқоиса бо 7110 адад ҷой дар соли 1970. Шумораи табибон (аз ҷумла дандонпизишкон), ки дар охири он ба нақша гирифта шудаанд, 7578 нафарро ташкил медиҳад. Афзоиш бо барориши Донишкадаи тиббии Тоҷикистон, ки аз ҷониби дандонпизишкон, табибони санитарӣ ва педиатрҳо тайёр карда мешаванд, таъмин мегардад.

Бо рушди босуръати саноат, сохтмон, корхонаҳои гуногун ва афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ, ҳамасола шабакаи нуқтаҳои тиббӣ васеъ карда мешавад. Дар солҳои 1966-1970 афзоиши нуқтаҳои тиббии таълимӣ ва 126 фелдшерӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар солҳои 1971-1975 афзоиши 50 нуқтаи тиббӣ ва 100 фелдшерӣ мушоҳида мешавад. Соли 1975 шумораи умумии онҳо 130 нуқтаи тиббӣ ва 360 фелдшерӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ, нақшаи солҳои 1971-1975 афзоиши 50 адад нуқтаҳои фелдшерию акушериро пешбинӣ мекунад.

Дар ҷумҳурӣ то охири соли 1975 шумораи истгоҳҳо ва шуъбаҳои ёрии тиббӣ 58 адад зиёд карда мешавад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 2 истгоҳи хунгузаронӣ мавҷуд аст. Дар семоҳаи дуюми соли 1968 дар ш. Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) истгоҳи нави хунгузаронӣ (категорияи II) фаъолият мекунад.

Ҳамин тавр, агар дар соли 1965 дар ҷумҳурӣ 5 хонаи омӯрзиши санитарӣ мавҷуд бошад, пас шумораи онҳо дар соли 1970 то 15 адад зиёд мешавад. Дар давоми панҷсолаи минбаъда боз 3 хонаи омӯрзиши санитарӣ

(дар н. Ҳисор, Сардаров, Қарохон ва н. Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ)) кушода мешавад.

Дар давраи ба нақша гирифташуда сохтмони 12 поликлиникаи нав барои 4350 ташриф ба нақша гирифта шудааст. Илова бар ин, поликлиникаҳо аз ҳисоби колхозҳои ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Шуроҳои маҳаллӣ, корхонаҳои саноатӣ, совхозҳо ҷудо карда мешаванд, ба истифода дода мешаванд [153, с. 8-13].

Соли 1965 692 корманди миёнаи тиббӣ мактабҳои тиббиро хатм карданд. Дар давоми панҷсолаи оянда 8617 хатми корманди миёнаи тиббӣ ба нақша гирифта шудааст.

Қабул ба мактабҳои миёнаи тиббӣ ба шуъбаҳои рӯзона дар соли 1965 1000 нафарро ташкил медод, дар соли 1970 бошад 1740 нафарро ташкил медиҳад ва дар соли 1975 1960 нафар, дар маҷмӯъ дар солҳои 1971-1975 хатми 9000 донишҷӯ ба нақша гирифта шудааст.

Шумораи хонандагон дар шуъбаҳои рӯзонаи мактабҳои тиббӣ дар охири соли 1975 5814 нафарро ташкил медод. Афзоиши шумораи кормандон дар маҷмӯъ дар Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ дар панҷсолаи ҷорӣ 8880 нафарро ташкил медиҳад (30,2%), ба ҳисоби миёна ҳар сол 6,0%, ва дар панҷсолаи ба нақша гирифташуда (19701975) 30,6% (ба ҳисоби миёна ҳар сол 6,1 %)

Афзоиши фонди музди меҳнат барои панҷсолаи ҷорӣ (1966 - 1970) дар ҳаҷми 17,95 миллион рубл ё 55,6% интизор меравад, ки ба ҳисоби миёна ҳар сол 11,1% ва дар панҷсолаи оянда 18,22 миллион рубл (ба ҳисоби миёна ҳар сол 7,3%) - ро ташкил медиҳад. Афзоиши зиёди фонди музди меҳнат дар панҷсолаи ҷорӣ бо афзоиши музди меҳнати ҳадди ақал ба категорияҳои каммузд аз 1 январи соли 1968 шарҳ дода мешавад.

Дар лоиҳаи нақшаи панҷсола (с.1971-1975) барномаи калони сохтмони муассисаҳои тандурустӣ пешбинӣ шудааст. Дар давраи ба нақша гирифташуда 8195 кат, аз он 5400 - аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ, 1795

кат аз ҳисоби сохтмони дигар вазорату идораҳо ва 1000 кат аз ҳисоби сохтмони колхозҳои ҷумҳурӣ ба кор дароварда мешавад.

Илова бар ин, аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ 12 поликлиника бо шумораи умумии 4350 ташриф дар як рӯз, анбори марказии дорухона бо фабрикаи гален, хонаи кӯдак дар шаҳри Душанбе, беморхонаҳои балнеологӣ дар Ҳавотоғ, Гармчашма ва Душанбе, 5 дорухона, 17 ошхонаи ширӣ, 5 ҳуҷраи хидматӣ-анборӣ барои шуъбаҳои дезинфексияи профилактикӣ, 5 санитарӣ-эпидемиологӣ сохта мешаванд. Инчунин сохтмони истгоҳҳо, мактабҳои тиббӣ дар шаҳри Ленинобод (ҳоло ш. Хуҷанд) ва ш. Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), навбати аввали Донишкадаи тиббии тоҷикистон барои 2600 ҷойи таълимӣ дар беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии №3 ва як қатор дигар иншоотҳои тандурустӣ ба нақша гирифта шуда буд [153, с. 8-13].

Тавре ки дида мешавад, дурнамои бузурги рушди тандурустии ҶШС Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат ба сохтмони муассисаҳои нави тиббӣ, муҷаҳҳаз кардани онҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ диққати махсус дода мешавад. Дар миқёси васеъ чорабиниҳо оид ба афзоиши шабакаи беморхонаҳо ва поликлиникаҳои калон, бисёрсоҳавии шаҳрӣ ва деҳотӣ, ки қодиранд аҳолиро бо ёрии тиббии тахассусӣ ва махсус таъмин кунанд, ба роҳ монда мешаванд. Иҷрои ин вазифаҳои муҳим аз такмили минбаъдаи сифати тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва миёнаи тиббӣ, ҷойгиркунии дурусти онҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо вобаста аст.

Дар вилоят шумораи фавтидагон бо сабаби таваллуди кӯдак низ зиёд буд. Дар соли 1975 дар тамоми таваллудхонаҳои вилоят 9301 кӯдак таваллуд шуданд ва дар соли 1976 бошад ин шумора кам гардид ва дар таваллудхонаҳои вилоят 6713 таваллуди кӯдак амалӣ гардид. Сабаби яку якбора кам гардидани таваллуд дар беморхонаҳо дар он буд, ки таваллуд дар хона ҳанӯз зиёд буд.

Дараҷаи афзоиши баъзе аз бемориҳои сироятиро ба назар гирифта Вазорати тандурустии Тоҷикистон 9 январи соли 1976 фармон оиди «Пешгирии ҳодисаҳои паҳншавии холера»-ро баровард. Раёсати тандурустии

вилояти Қӯрғонтеппа дар асоси ин фармон нақшаи муайян барои солҳои 1976-1977 тартиб дод ва онро барои иҷро ба ноҳияҳо ирсол намуд. Бо ҳамин мақсад ба ноҳияҳои вилоят маҳсулоти зарурӣ аз қабили либоси муҳофизатӣ, асбобҳои рӯзгор, палатаҳои саҳроӣ, доруворӣ, химикатҳо ва дигар чизҳое, ки дар рафти кори табибон истифода мешаванд фиристонида шуданд. Фоизи беморони дорои бемориҳои сирояткунанда дар соли 1976 зиёд гардид ва сабаби асосии ин бемориро дар сифати пасти оби нӯшокӣ муайян карданд.

Моҳи январи соли 1979 аз тарафи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон фармон №57-Д «Дар бораи корҳои ташкилӣ, табобатӣ-профилактикӣ ва санитарӣ - гигиенӣ дар роҳи пешгирии холера дар соли 1979» баровarда шуд. Дар идомаи ин фармон, шуъбаи тандурустии вилояти фармон баровард, ки он вазифаҳои асосии соҳаи тандурустиро дар соҳаи мубориза бар зидди бемории холераро муайян намояд. Вазифаи асосии шуъбаи тандурустии вилоят дар ин самт аз эмкунии сокинони ноҳияҳои сарҳадӣ ба ҳисоб мерафт. Дар баробари эмкунӣ инчунин 17 лексия, 68 дастурамал ва суҳбатҳо бо аҳолӣ доир гардиданд [55, с. 77].

Яке аз чораҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда дар вилоят дар солҳои 70-80 – уми асри XX ин ҷалби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба маҷбуркунонии беморон барои табобат гардид. Чунин чораи қатъӣ барои он зарур буд, ки баъзе аз маризон бемории худро пинҳон карда дар байни одамони солим вируси бемориро паҳн мекарданд. Аз ин лиҳоз 3 августи соли 1979 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор «Дар бораи табобати маҷбурии беморони сирояткунанда» баровард. Инчунин 24 августи соли 1979 Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон қарори худро дар ин хусус баровард [30, с. 12-16].

Барои шахсоне, ки минбаъд аз табобати бемориҳои сирояткунанда саркашӣ мекунанд, қонунгузории давлат ҷазои ҷиноятӣ ва маъмурӣ пешбинӣ намуд. Меъёрҳои таъсиррасонии ин қонунҳо дар вохӯрии раиси суди вилоят Мелников В.В. бо сардухтурони беморхонаҳои вилоят баррасӣ гардид. Аз моҳи январ то моҳи июни соли 1980 ба судҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 42

аризаи шикоятӣ дар бораи саркашӣ аз табобат ворид гардид. Азназаргузаронии ин парвандаҳо нишон дод, ки кори мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт фоидабахш буд.

Дар солҳои 70-уми асри XX инчунин кори машваратӣ аз тарафи табибони вилоят бурда мешуд, ки онро асосан духтурони ботаҷриба амалӣ мекарданд. Соли 1978 ин машваратҳо дар 15 равия гузаронида шуданд. Дар соли 1979 бошад аз сабаби нарасидани духтурони соҳаи варзиш ва онкология шумораи равияҳо то 13 кам шуд. Дар давоми машваратҳо ҳар сол духтурон ба ноҳияҳо сафар карда бо кормандони муассисаҳои тиббии деҳотҷойҳо маҷлисҳои машваратиро доир мекарданд.

Соли 1979 45 мутахассиси соҳаҳои гуногун ба ноҳияҳо 223 сафари корӣ ва дар 4 моҳи соли 1980 бошад 56 сафари корӣ анҷом дода шуд. Дар давоми ин сафарҳо барои 1702 бемор машварат дода шуд, ки аз онҳо 1288 нафар дар статсионар, 414 дар дармонгоҳ ва 120 дар амбулаторияҳо ёрии машваратӣ гирифтанд. Аз тарафи аъзоёни комитети машваратӣ 63 лексия барои аҳолӣ ва кормандони тиб хонда шуд. Дар давоми соли 1979 танҳо баъзе аз духтурон аз уҳдаи иҷрои нақшаи кори машваратӣ набаромаданд. Масалан нақшаи машваратӣ аз тарафи духтури бачагона -19 сафари корӣ (22.8%), акушер гинеколог 12 сафари корӣ (14.4%), уролог -14 (16.6%), эндокринологҳо -16 сафари корӣ (19%) иҷро гардид [23, с. 145].

Дар охири солҳои 70-ум ва авали солҳои 80 – уми асри XX як қисми кори табибони вилоятро хизматрасонии тиббӣ барои чӯпонони айлоқҳои дурдаст ташкил мекард. Бо ҳамин мақсад дар ҳудуди вилоят 9 маркази сайёри тиббӣ таъсис шуданд, ки онҳо барои 22 нуқтаи аҳолнишин, 13 совхоз ва 8 колхоз ёрии тиббӣ мерасониданд. Аз он ҷумла аз тарафи нуқтаи фелдшерии сайёр 1394 кӯдакони то синни 14 сола, 1864 чӯпон ва 3880 нафар аъзоёни оилаҳои онҳо таҳти назорати тиббӣ қарор дода шуданд. Бо ҳамин мақсад барои нуқтаи фелдшерии

сайёр ду мошинаи тамғаи “УАЗ -469” ва “УАЗ-452”, панҷ мотосикли тамғаи «Урал» ва ду дастгоҳи алоқаи радиои тамғаи “РС-5” ва “РС-30” ҷудо гардид. Соли 1980 барои нуқтаи фелдшерии сайёр боз 4 дастгоҳи алоқа ҷудо гардид. Диққати асосии табибони нуқтаи фелдшерии сайёр ба чӯпонони чарогоҳҳои зимистона дода мешуд. Ба ҳисоби миёна барои ҳар як нуқтаи фелдшерии тиббӣ аз 250 то 550 нафар рост меомад. Барои осон кардани муойинаи тиббии чӯпонон, нуқтаҳои сайёри тиббӣ дар роҳҳои гузариши подаҳо ҷойгир шуда, ҳангоми гузаштани пода духтурон саломатии чӯпононро аз назар мегузарониданд. Муоинаи тиббии подабонон ва чӯпонон нишон дод, ки бештари шикояти чӯпононро бемориҳои системаи нафаскашӣ (39%), узвҳои ҳазми хӯрок (25,8%) ва системаи асаб (17,35%) ташкил медиҳанд. Дар баробари табобат ва ташхис инчунин эмкунии чӯпонҳо давра ба давра гузаронида мешуд [24, с. 197-199].

Мувофиқи фармони Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ аз 26 – уми сентябри соли 1976 таҳти №930 “Оиди саривақт ошкор намудани бемории малярия ва сарчашмаҳои он” кор дар ин самт дар минтақаи Қӯрғонтеппаи Тоҷикистон корҳои оммавӣ-ташвиқотӣ дар роҳи мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ба монанди малярия идома ёфт. Дар ин давра роҳбарии шуъбаи тандурустии вилоятро Назиров Б.И. ба уҳда дошт. Дар охири соли 1981 мувофиқи ахбори Назиров Б.И. дар вилоят дар ҳаҷми 1 млн. 475,2 ҳазору метри мураббаи замин аз паҳншавии малярия безарар гардонида шуд.

Соли 1981 бо мақсади таҳлили вазъияти кори соҳаи тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа бо фармони Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саженин И.А. ба ноҳияҳои вилоят комиссия фиристонида шуд. Мақсади асосии ин комиссия муайян кардани кори муассисаҳои амбулаторӣ ва поликлиникаҳо ба ҳисоб мерафт. Ба ҳайати ин комиссия Аюкава Л.И. – сардухтури поликлиникаи №9 ш. Душанбе, Володина В.А. – духтури поликлиникаи ш. Душанбе, Ходжибеков З. - мудири поликлиникаи бачагонаи

ш. Душанбе ва Умарова Э.С. - ординатори беморхонаи ҷумҳуриявии №3 дохил гардиданд. Комиссия натиҷаи кори беморхонаҳои вилоятро аз назар гузаронида қайд намуд, ки дар давоми 5 соли охир сатҳи фавти беморон аз 100,3 то 58,1 нафар паст гардид. Комиссия барои беҳтар кардани кори соҳаи тибби вилоят таклифҳои зеринро ба Вазорати тандурустӣ пешниҳод намуд:

- Тасдиқ кардани реҷаи кори муассисаҳои тиббӣ аз тарафи комитети иҷроияи ноҳия ва онро аз соати 8.00 то соати 20.00 бояд тасдиқ намуд. Дар рӯзҳои шанбе аз соати 9.00 то соати 18.00 ва дар рӯзи истироҳат аз соати 9.00 то соати 18.00 бо иштироки духтури навбатдор кор ба роҳ монда шавад.

- Дар кори муассисаҳои тиббӣ танаффус набояд бошад ва реҷаи кори тамоми кормандон бояд муайян ва аён бошад. Кори табибон аз рӯи формаи Ф-39 ба қайд гирифта шавад.

- Шиносномаи ҳар як қитъа тартиб дода шавад. Тарбияи санитарии аҳолӣ ба роҳ монда шавад.

- Эмкунии аҳолӣ ва риояи истифодаи асбобҳои тиббӣ дуруст ба роҳ монда шавад [50, с. 22-29].

Ба фикри мо чунин чораҳо характери интизомӣ доштанд ва далел аз онанд, ки на ҳама вақт духтурон нисбати вазифаи худ масъулият доранд. Илова бар ин назорат аз болои навбатдории духтурон шаҳодат медиҳад, ки дар ин самт низ ба вайрон кардани интизоми меҳнат роҳ дода мешуд.

Дар соли 1980 дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, таъмини соҳаи тиб бо табибон, кори тадқиқотии олимон дар роҳи дарёфт кардани намудҳои доруворӣ, беҳтар кардани шароити зисти аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби тоза шумораи фавти кӯдакон паст гардид. Тамоми ин омилҳо аз тарафи давлат ба назар гирифта шуданд ва ин боиси ба даст овардани муваффақият дар самти паст шудани бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои кӯдакона гардид.

Соли 1985 қарори Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ «Оиди беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ барои беморони гирифтори бемориҳои гулӯ, гӯш ва бинӣ» баромад. Барои вобаста ба шароити ҷумҳурӣ мутобиқ

кардани нуктаҳои асосии ин барнома, дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон моҳи декабри соли 1985 низ қарор «Оиди беҳтар кардани хизматрасонӣ дар соҳаи бемориҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ» қабул гардид. Диққати асосӣ дар амалӣ кардани ин қарор ба вилоятҳо ва ноҳияҳои баландкӯҳ дода шуд, ки дар ин минтақаҳо бемориҳои гӯлу ва таъсири онҳо ба бемориҳои дилу раг хеле шиддат дошт. Аз он ҷумла чунин бемориҳои гӯлу ба монанди ангина ва тонзиллит дар минтақаҳои кӯҳсор хеле зиёд мушоҳида мешуданд.

Моҳи феврали соли 1985 қарори Вазорати тандурустии Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Оиди таъмини назорати эпидемиологӣ аз болои бемории холера» баромад. Мазмуни асосии ин қарор аз он иборат буд, ки тамоми сохторҳои соҳаи тиб бояд ба ҳодисаҳои сар задании бемориҳои карантинӣ омодагӣ дошта бошанд. Дар асоси ҳамин қарор дар байни аҳолии ҷумҳурӣ 4886 лексия, 14561 суҳбат гузаронида шуда, 55 мақола ва 1144 дастурамал ба чоп супурда шуд. Аз муоинаи тиббӣ 24 781 нафар гузаронида шуд, ки аз инҳо 14824 нафар гирифтори бемориҳои шикаму руда буданд. Зиёда аз 4370 нафар дар ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон эм карда шуд [64, с. 60-67, 235-238].

Моҳи январи соли 1987 Шурои тиббии вилояти Қӯрғонтеппа дар ҷаласаи якҷоя бо иттфоқҳои касабаи табибони вилоят масъалаҳои сохтмони кори соҳаи тибро вобаста ба талаботи давраи нав - давраи дигаргунсозӣ дида баромад. Маҷлис кори табибонро ҳаматарафа таҳлил намуда дар назди идораҳо, беморхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи тиб вазифаҳои мушаххас гузошт. Ба ин вазифаҳо аз ҷумла инҳо дохил гардиданд:

1. Беҳтар кардани кори табибон дар самти пешгирии бемориҳо ва зиёд кардани кори профилактикӣ;

2. Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар тамоми беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои вилоят.

3. Расонидани ёрии методӣ ва машваратӣ ба духтурони деҳот, ки дар беморхонаҳо ва амбулаторияҳои деҳот кор мекунанд;

4. Ба назар гирифтани имтиёзҳои афзалиятноки ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва меҳнат дар давраи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ;

5. Ҷорӣ кардани методи табобати интенсивӣ бо истифода аз технология ва таҷҳизотҳои муосир дар беморхонаҳои вилоят;

6. Баланд бардоштани сифати кор ва сатҳи риояи талаботи санитарӣ-гигиенӣ дар тамоми муассисаҳои тиббии вилоят [65, с. 1-6].

Соли 1987 дар ноҳияҳои вилоят шуъбаи эҳёи саломатӣ ташкил меёбад, ки он вазифаи пешгирии бемориҳо ва кӯмак ба беморони маъюбро иҷро мекард.

Дар нимаи дуввуми солҳои 80-уми асри XX шумораи аҳолии вилоят рӯ ба афзоиш гирифт ва чуноне, ки аз ҷадвал мушоҳида мекунем, он сол аз сол зиёд шудан гирифт. Таҳлили афзоиши аҳолӣ аз он ҷиҳат барои тадқиқоти мо муҳим аст, ки имкон медиҳад ба таври синхронӣ рушди тиб ва афзоиши аҳолиро муқоиса намуда, аз рӯи он сатҳи хизматрасонии тиббиро муайян созем.

**Шумораи аҳолии вилояти Хатлон солҳои 1985-1990** [85, с. 434].

**Ҷадвали 7**

| **Солҳо** | **Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар)** | **Шаҳрӣ** | **Деҳотӣ** |
|---|---|---|---|
| 1985 | 532.8 | 138.4 | 394.4 |
| 1986 | 553.4 | 143.3 | 410.1 |
| 1987 | 575.1 | 147.8 | 427.8 |
| 1988 | 597.8 | 152.3 | 444.9 |
| 1989 | 621.4 | 158.9 | 463.4 |
| 1990 | 644.1 | 162.9 | 481.2 |

Афзоиши аҳолӣ қувваи бештари табибонро талаб мекард. Кори табибонро шароити зидди санитарию эпидемиологии деҳотҷойҳо душвор мегардонид.

Солҳои1986-1987 як қатор қарорҳои Вазорати тандурустии Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз он ҷумла «Дар бораи пешгирии

бемориҳои дарунравии шикам», «Дар бораи пешгирии бемории КОР» ва «Баланд бардоштани ихтисоси кормандони тиб» қабул гардиданд, ки онҳо кори духтурони ҷумҳуриро бояд ба сатҳи нави хизматрасонӣ мебардоштанд. Моҳи сентябри соли 1988 Қарори Шурои Вазирони Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани таъминоти моддии техники соҳаи тиб» баромад. Соли 1989 дар шаҳри Қӯрғонтеппа утоқи ташхиси ултрасадо барои занони ҳомиладор кушода шуд, ки тавассути он аломатҳои бемории кӯдак дар батни модар муайян мешуданд. Инчунин дар тамоми вилоят ташхиси кӯдакони навзод бо методи «фенилкетонурия» ҷорӣ гардид. Аммо на дар ҳамаи таваллудхонаҳо кор бо талаботи замон пеш мерафт. Бисёрии катҳо дар таваллудхонаҳо холӣ мемонданд, ҳоло он, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз занон муҳтоҷи ёрии тиббӣ буда, дар хона табобат мегирифтанд.

Моҳи майи соли 1990 Вазорати тандурустии Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дастурамал «Оиди ҳолат ва чораҳои иловагии муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ дар роҳи паст кардани бемории кӯдакон дар соли 1990» баровард. Аммо пастшавии сатҳи зиндагии мардум дар аввали солҳои 90-ум сатҳи инкишофи соҳаи тибро низ коста гардонид. Сатҳи фавти кӯдакон соли 1989 46,7 нафар ба 1000 навзод ва дар соли 1990 (9 моҳ) 39,2 нафар аз 1000 навзодро ташкил намуд. Фавти кӯдакони соли дуввуми зиндагӣ дар соли 1989 34,4 ва дар соли 1990 32,4 нафар ба ҳар 1000 кӯдакро ташкил мекард. Дар 9 моҳи соли 1990 фавти кӯдакон дар хона 49.6% -ро ташкил дод [64, с. 10-45]. Умуман дар солҳои 1983-87 фавти кӯдакон ба 1000 навзод чунин буданд:

**Ҷадвали 8**

| **Фавти кӯдакон дар Тоҷикистон** | **1983** | **1984** | **1985** | **1986** | **1987** |
|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 59,3 | 64,1 | 46,2 | 48,9 | 49,3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| НТМ | 48 ;8 | 48,2 | 45,6 | 45,6 | 46,5 |
| Ленинобод | 51,4 | 41,2 | 51,0 | 44,1 | 46,6 |
| Қӯрғонтеппа | 51,6 | 48,6 | 47,2 | 52,5 | 52,5 |
| Кӯлоб | 41,8 | 45,3 | 39,6 | 39,2 | 38,1 |
| ВМКБ | 52,7 | 50,6 | 42,9 | 35,0 | 32,7 |
| Ҳамагӣ | 49,9 | 49,0 | 46,5 | 46,7 | 47,7 |

Чуноне, ки аз ҷадвали боло бармеояд дар давоми солҳои 1983-1987 фавти кӯдакон рӯ ба пастӣ овард, аммо дар солҳои минбаъда ин ҳисоботҳо бо сабаби фалаҷ гардидани системаи идоракунии соҳаи тиб ва соҳаи омор бурда намешуданд.

Нимаи дуввуми солҳои 80-ум дар таърихи давлати Шуравӣ буҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодӣ сар зад, ки он бо эълон шудани бозсозӣ ва ислоҳотгарой дар мамлакат алоқаманд буд. Тиб ҳамчун як қисми хоҷагии халқ аз таъсири ин равандҳо дар паҳлу намонд. Дар нимаи дуввуми солҳои 80-ум давлати Шуравӣ ба буҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодӣ дучор гардид ва саршавии он бо эълон шудани сиёсати бозсозӣ ва ислоҳотгарой дар мамлакат алоқаманд буд. Соҳаи тиб низ ҳамчун як қисми хоҷагии халқ аз таъсири ин равандҳо дар паҳлу намонд ва нишонаҳои ин буҳрон дар сохторҳои табобатӣ ба мушоҳида мерасиданд. Яку якбора таъмини беморхонаҳо бо хӯрок, мол ва таҷҳизот коста гардид. Бо сабаби баланд шудани нархҳо ва қисман озод шудани нарх, маблағи аз тарафи давлат ҷудо гардида, барои таъмини беморхонаҳо бо маҳсулоти ғизогӣ намерасид.

Дар арафаи ҷашни 50-солагии оғози азхудкунии водии Вахш (с.1984) дар вилоят 11 беморхонаи марказии ноҳия, 4 беморхонаи шаҳрӣ ва 18 беморхонаи қитъавии деҳотӣ, 15 поликлиника, 12 машварати занона, 12 поликлиникаи кӯдакона, 31 амбулаторияи тиббии деҳотӣ, 319 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ ва 15 диспансер фаъолият мекарданд. Фонди катҳои

муассисаҳои табобатӣ-профилактикии вилоят 7060 катро ташкил дода, дар вилоят 1230 духтур, зиёда аз чор ҳазор корманд миёнаи тиббӣ бомуваффақият кору фаъолият менамуданд.

Дастовардҳои тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа ғалабаи умумии иҷтимоии халқ буда, бо рушди минбаъдаи корҳои пешгирикунанда дар соҳаи тандурустӣ марҳилаи сифатан нави диспансеризатсияи оммавии аҳолӣ оғоз гардида буд. Дар ин ҳолат на танҳо огоҳӣ, ташхиси барвақтӣ ва табобати беморӣ, балки назорати доимии вазъи саломатии аҳолӣ низ таъмин карда мешуд [181].

Дастур ва қарорҳои вазорати тандурустии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дигар ба ҷумҳуриҳо намеомад, зеро дар шароити нави хоҷагидорӣ, вақте, ки тамоми соҳаҳо ба шакли идоракунии худтаъминкунӣ гузаштанд, системаи маҷбурсозии маъмурӣ дигар аҳамият надошт. Беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва умуман тамоми системаи тандурустӣ дар тамоми зинаҳо аз таъсири давлат берун гардид ва ин ба вайроншавии низому қоидаҳо дар дохили соҳа овард. Аммо ин омил ба пурра қатъ гардидани кори табибон наовард ва онҳо фаъолияти худро ба шароити нав мутобиқ карданд, то ки ба мардум хизмат расонанд.

Маълум гардид, ки соли 1990 Вазорати нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ беморхонаи 60-ҷояро дар ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ба истифода надода, аз соли 1976 инҷониб дар ноҳияи Ёвон беморхонаи гуногунсоҳа сохта мешавад. Вазорати нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ соли гузашта (соли 1990) нақшаи ба истифода додани духтурхонаву беморхонаҳоро ҳамагӣ 62 фоиз иҷро кардаасту халос. Дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) бошад масъалаи бо асбобу анҷом, таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ, дорувор таъмин намудани беморхонаву духтурхонаҳо, нуқтаҳои тиббии минтақавӣ хеле ташвишовар аст [187, с. 32-34].

Бинобар набудани маводи ҷарроҳии бемор баъзан чанд рӯз мавқуф гузошта мешавад. Бисёр беморонеро, ки дар БМН Колхозобод мадад расонидан мумкин аст, ба маркази вилоят (ш. Қӯрғонтеппа) ва пойтахти

ҷумҳурӣ (ш. Душанбе) равон карда мешаванд. Сабабаш аксаран набудани як чиз - асбобу олотҳо ва воситаи зарурии тиббӣ мебошад. Аксаран ҳини ҷарроҳӣ чароғ, туршии азот барои беҳискунӣ ва маводи ҷароҳатдӯзӣ ёфт намешавад.

Аз сабаби нарасидани асбобу олотҳо вазъият дар БМН Колхозобод хеле ташвишовар аст, аз шуъбаи нигаҳдории тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа 1 мизи ҷарроҳӣ, асбобу олоти ҷарроҳӣ аз ноҳияи Вахшу Ҷиликӯл ба даст омад. Вазъи бо доруворӣ таъмин намудани БМН низ риққатовар аст. Дар БМН Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) ба ҷои 70 духтури бачагона ҳамагӣ 19 кас кор мекунад. Шумораи коркунони миёнаи тиб ҳам ниҳоят кам аст. Вале мутаассифона, коллективҳои тиббие ҳастанд, ки сарвари онҳо на ҷарроҳ, терапевт ё духтури кӯдакон, балки фтизиатр ё эпидимиолог аст. Шояд онҳо дар соҳаи маҳдуди худ мутахассиси хуб бошанд, вале ба ҳар тҳол дар лаҳзаҳои зарурию фавқулодда ба қабули қарори қатъие бесалоҳиятанд. Бинобар он ба ҳар беморхона бояд духтуре сарварӣ намояд, ки  ҳар лаҳза дар сари мизи ҷарроҳӣ омода бошад, ё дарди беморро аниқ ташхис карда тавонад [187, с. 32-34].

Соли 1990 яке аз олимони машҳури соҳаи тиб профессор И.Б. Холматов ссабабҳои сар задании бемориҳои гӯш, гулӯ ва биниро дар коллегияи Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон шарҳ дода, онро бо иқлими баландкӯҳ ва никоҳи хешутаборӣ алоқаманд донист [62, с. 72-74]. Иқлими хушк ва беоби минтақаи ҷанубии Тоҷикистон ва таъсири бодҳои саҳро, ҷамъшавии чангу хок дар корхонаҳо ва экологияи вайрони шаҳрҳо сабаби асосии бемориҳо мегардад [79, с. 48].

Дар аввали соли 1990 вобаста ба  воқеаҳои сиёсӣ дар пойтахти Тоҷикистон ва характери миллатгароии онҳо ба ҳамкории мутахассисони дигар халқу миллатҳо, ки дар Тоҷикистон солҳои тулонӣ кор мекарданд, зарари ҷиддӣ расонид. Бо таъсири воқеаҳои феврали соли 1990, ки дар рафти онҳо чандин нафар аз шаҳрвандони русзабон бегуноҳ кушта шуданд, аксарияти мутахассисони рус, ки дар

байни онҳо табибон низ буданд, Тоҷикистонро тарк намуданд.

Ҳамин тавр баъд аз пош хӯрдани давлати абарқудрати Шуравӣ, соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон гардид. Тамоми душвориҳои рӯйи кор омадаро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим донист, ки дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ ва тайёр кардани табибони баландихтисос тағйиротҳое дарорад, ки онҳо ҷавобгуи стандартҳои ҷаҳонӣ бошанд. Барои амалӣ шудани ин мақсад, дар баробари донишкадаҳои дигар соҳаҳои илму фан, донишкадаи тиббӣ низ ба донишгоҳ табдил дода шуд. Соли дигар нотинҷиҳои ба ҳама маълум дар саросари Тоҷикистон сар заданду, ҷараёни таълим дар Донишгоҳи тиббӣ низ рӯ ба завол овард. Қабули ҷавонон ба Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе тамоман қатъ гардид. Ҳукумати Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ лозим донист, ки дар маркази вилоятҳо филиалҳои донишгоҳи давлатии тиббиро кушоянд ва ҷавонон дар ҷойҳои зисташон ба омӯзиши тахассуси тиббӣ фаро гирифта шаванд. Аз нимаи дуввуми солҳои 70-уми асри XX қадамҳои аввалини олимони тоҷик ба илми тибби муосир оғоз гардиданд. Дар ин зербоб мо қарор додем саҳми олимонро дар рушди илми тиб таҳқиқ намоем ва лозим шуморидем, ки аз давраи хронологии рисола берун баромада роҳи паймудаи олимони тоҷикро аз лаҳзаи саршавии тадқиқотҳои онҳо то ба дараҷаи муваффақиятҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Муаллифони китоби «Таърихи мухтасари тиб» пойдоршавии иқтидори илмӣ ва камолёбии зиёиёни тибби тоҷикро ба чор давра тақсим намуданд:

1. Солҳои 1924-1938 - замони бунёди заминаи инкишофи соҳаи тиб.
2. Солҳои 1939-1950 – давраи таъсиси аввалин донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии соҳаи тиб ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани мутахассисони баландихтисоси соҳаи тиб
3. Солҳои 1951-1975 қадами аввалини олимони тоҷик ба илми олии соҳаи тиб, дифои рисолаҳо ва тадқиқотҳои олимони тоҷик.

4. Солҳои 1976-1991 - мустақилияти пурраи илми тиб дар Тоҷикистон ва таъсиси марказҳо ва Академияи илмҳои тиб ва барпо намудани муносибатҳои байналмилалӣ миёни табибони тоҷик ва табибони кишварҳои хориҷӣ [91, с. 120].

Воридшавии олимони тоҷик ба тадқиқотҳои соҳаи тиб аз солҳои 70-ум оғоз гардид ва имконияти ин тадқиқотҳоро зиёд гардонд, зеро олимони тоҷик шароит ва сабабҳои сар задании бемориҳоро нисбат ба олимони аз дигар ҷойҳо омада беҳтар медонистанд. Аз ҳамин лиҳоз бештари тадқиқотҳо маҳз ба бемориҳои дорои хусусияти маҳаллӣ дошта, бахшида шуданд. Ба ин бемориҳо пеш аз ҳама бемориҳои сироятӣ, бемориҳои кӯдакон, занон ва бемориҳои дарунӣ дохил мешуданд.

**ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ.**

Хулоса, дар боби сеюм, ки дар он масъалаҳои ташкил намудани мақомотҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1960-1991 мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта буд ва ба рисолаи илмӣ маълумотҳои нави илмӣ дохил намуд, ки онро чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Дар боби сеюм масъалаҳои рушди соҳаи тандурустии минтақаи

Қӯрғонтеппа дар солҳои 1960-1991 мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки дар ин солҳо дар минтақа соҳаи тиб бештар инкишоф ёфт, яъне то ин дам дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят тамоми намуди иншоотҳои тандурустӣ сохта ба истифода дода шуда ва дар хизмати аҳолии минтақа қариб табибони ҳамаи соҳаҳои тандурустӣ фаъолият менамуданд.

2. Дар аввали соли 1990 вобаста ба воқеаҳои сиёсӣ дар пойтахти

Тоҷикистон ва характери миллатгароии онҳо ба ҳамкории мутахассисони дигар халқу миллатҳо, ки дар Тоҷикистон солҳои тулонӣ кор мекарданд, зарари ҷиддӣ расонид. Бо таъсири воқеаҳои феврали соли 1990, ки дар рафти онҳо чандин нафар аз шаҳрвандони русзабон бегуноҳ кушта шуданд, аксарияти мутахассисони рус, ки дар байни онҳо табибон низ буданд, Тоҷикистонро тарк намуданд.

3. Бо назардошти талаботи минтақа ба мутахассисони соҳаи тиб ва тандурустӣ, қабули донишҷӯёни вилояти Қӯрғонтеппа ба Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино сол аз сол меафзуд. Ба ғайр аз ин, ҳар сол чанд нафар ҷавонписарону духтарон барои таҳсил ба факултаи санитарию гигиении макотиби олӣ ва донишкадаи тиббию педиатрии хориҷи кишвар фиристода мешуданд.

4. Таҳсили духтарон, хусусан духтарони деҳотии минтақаи Қӯрғонтеппа дар донишкадаи тиббии пойтахт сол аз сол бештар мешуданд. Барои муқоиса агар дар соли 1950 дар донишкада ҳамагӣ ду нафар тоҷикдухтари минтақа таҳсил мекарда бошанд, пас солҳои 80-уми асри XX шумораи онҳо беш аз 450 нафар буданд.

5. Дар солҳои таҳқиқот дар ба муассисаҳои тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони донишкадаи тиббии пойтахт дар ташкили чорабиниҳои табобатӣ-профилактикӣ ва санитарию эпидемиологӣ, беҳтар намудани сатҳи зоиш ва саломатии кӯдакон, баҳри баланд бардоштани сифат ва фарҳанги кумаки акушерию гинекологӣ ба ҳомиладорон, ба беморони соҳаи гинекологӣ, инчунин, барои хизмати табобатию профилактикӣ барои кӯдакон, барои татбиқи дастовардҳои илмӣ дар таҷриба, барои баланд бардоштани дараҷаи касбии духтурон ва кормандони миёнаи тиббӣ кӯмакҳои нақшавӣ расонида мешуданд.

6. Дар солҳои таҳқиқот дар минтақаи Қӯрғонтеппа соҳаи тиб ва тандурустӣ босуръат рушд карда, нисбат ба дигар соҳаҳои дониши муосир ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида буданд.

7. Соҳаи тиб ва тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар радифи аввали илму фарҳанги кишвар қарор дошт. Дар натиҷаи таҳлили ин мавзуъ, ҳамчунин, чунин натиҷабардоӣ кардан мумкин аст, ки ҳамаи донишмандони соҳаи тиб ва тандурустии минтақа дар кишвар маъруфияти хоса доштанд.

8. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки соҳаи тиб ва тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа, баъд аз бештар аз ҳазор соли таърихӣ, ки тоҷикон дар пешрафти тиб дар ҷаҳон парчамафроз будаанд, дар замони Шуравӣ дубора таҷаддуд гардида, минтақа натанҳо дар қатори дигар минтақаҳои кишвар, балки берун аз он низ мавқеи хоса доштанд.

# ХУЛОСА

Тибби тоҷик таърихи чандинҳазорсола дорад ва дар тӯли таърихи худ номҳо ва шахсиятҳои зиёдро офарид, ки дар тибби ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштанд. Аммо дар рисолаи мазкур мо танҳо як қисмати таърихи онро мавриди омӯзиш қарор додем, ки он давраи сохтмони тибби замонавӣ ва рушду инкишофи онро аз соли 1925 то соли 1990-ро дар бар мегирад. Барпошавии системаи тибби замонавӣ ба давраи душвори ҷанги гражданӣ солҳои 20-ум рост омад. Аммо ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, бо барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ, дар мудати хеле кутоҳ барои сохтмони тибби замонавӣ замина гузошта шуд. Муҳимтарин қадам дар ин самт кушода шудани Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе буд, ки он дар солҳои минбаъда маркази бузургтарини илми тиб на танҳо дар Тоҷикистон балки дар Осиёи Миёна гардид.

Дар давоми 20 сол - аз соли 1920 то соли 1940, дар тамоми ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа беморхонаҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ сохта шуданд ва соли 1940 дар беморхонаҳои вилоят 38 духтур ва беш аз 200 ҳамшираи тиббӣ кору фаъолият мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра - дар соли 1940 давраи сохтмони системаи тибби замонавӣ анҷом меёбад ва дар ҳудуди вилоят сохторҳо, равияҳо ва идораҳои соҳаи тиб ба таври васеъ ба фаъолияти худ оғоз мекунанд.

Аммо ба пешрафти минбаъдаи он ҳанӯз монеаҳои зиёд халал мерасониданд ва яке аз ҳамин монеаҳо ин оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) буд. Дар соли 1940 аллакай ба нақша гирифта шуд, ки дар давоми як сол таъмини пурраи соҳаи тандурустии вилоят бо кадрҳо ва таҷҳизоти техникӣ ба пуррагӣ анҷом хоҳад ёфт. Аммо саршавии ҷанг ин иҷрои нақшаҳоро ба таъхир гузошт. Дар давоми чор сол аксарияти мутахассисон ки аз шаҳрҳои Россия ба Тоҷикистон омада буданд, ҳудуди вилоятро тарк карда ба фронти ҷанг сафарбар гардиданд. Ба тамоми бадбахтиҳои ин ҷанг нигоҳ накарда, он барои илми тибби Шуравӣ, барои тибби ҷавони Тоҷикистон як имтиҳоне буд. Дар ин давра аз хатти фронт ба

Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон госпиталҳо кӯчонида шуданд, ки дар онҳо чандин кадрҳои ҷавон дар табобати ярадорони ҷанг дар баробари олимон ва профессорони соҳаи тиб ҷасурона меҳнат карда, дониши тиббии худро сайқал медоданд. Аз ҳамин ҷиҳат кучонидани госпиталҳо ба Осиёи Миёна ва бахусус ба Тоҷикистон барои рушди соҳаи тиб аҳамияти калон дошт. Дар давоми фаъолияти ин госпиталҳои ҳарбӣ шумораи зиёди кормандони тиб ба воя расиданд ва соҳиби таҷрибаи бойи тибби ҳарбӣ гардиданд.

Кору фаъолияти кормандони соҳаи тиб дар вилояти Қӯрғонтеппа бо душвориҳои зиёд пеш мерафт. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин минтақа бо таъсири уламои дин ҳама гуна намуди тиб маҳв карда мешуд. Аҳволи тибби то давраи инқилобӣ дар ҳолате қарор дошт, ки дар он аз тибби мардумӣ нишоне намонд. Хусусияти тибби мардумӣ сол аз сол аҳамияти худро гум мекард ва ҷои онро хурофотпарастӣ ва парастиши ҳар гунна идеяҳо ва набототу предметҳо гирифт [73, с. 332].

Таърихи тибби ин минтақа ба таърихи муборизаҳо шабоҳат дорад. Аз аввали солҳои 20-ум сар карда дар ин минтақа табибон ҳамеша дар сафи пеши мубориза бар зидди ҳар гуна эпидемия ва бемориҳои маҳвкунанда буданд. Дар давоми даҳсолаҳо ва бештар аз ин мубориза бар зидди бемориҳои сироятии сил, вараҷа (малярия), куфт ва дигар бемориҳои сирояткунанда идома ёфт. Хуруҷи ин беморихо ҳатто дар солҳои 70-ум низ мушоҳида гардид.

Дар солҳои 80-ум тибби Тоҷикистон ба давраи авҷи инкишофи худ расид. Дар ин давра таъмини беморхонаҳо бо кадрҳои баландихтисос, технологияи нав ва ихтисосҳои нави замонавӣ ба роҳ монда шуданд. Дар дохили шуъбаҳои анъанавӣ, шуъбаҳои нав ба монанди кардиология, онкология, травматология, реаниматология ва анестезиология таъсис шуданд, ки ин кори табибонро осон гардонда, сифати хизматрасониро беҳтар гардонид.

Натиҷаҳои кори анҷомдодашуда дар ҷумҳурӣ ба хулосае меоянд, ки муваффақиятҳои соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон баҳсбарангез нестанд. Таъсис ва додани унвонҳои фахрии табиби шоистаи ҶШС Тоҷикистон, ходими шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон, табиби халқии ИҶШС, интихоби кормандони тиб ба мақомоти ҳокимияти халқӣ, мукофотонидани онҳо бо ордену медалҳои ИҶШС намунаи равшани арзёбии меҳнати кормандони тиб мебошад [165, с. 5].

Хусусияти методологии ин кор имкониятҳои нав барои тадқиқотҳои синхронии таърихи Тоҷикистон фароҳам мекунад. Таърихи тиби Тоҷикистон дар баробари дигар тадқиқотҳои илми таърих, ки соҳаҳои алоҳидаи рушди Тоҷикистонро дар замони Шуравӣ меомӯзанд, доираи донишҳоро доир ба ин давра васеъ ва факту рақамҳои навро рӯи кор меорад.

Таърихи тибби замонавии Тоҷикистонро дар мисоли вилояти Қӯрғонтеппа таҳлил намуда, саҳми халқҳои Иттиҳоди Шуравиро низ бояд ёдрас шуд. Ҳеҷ ягон шубҳае нест, ки нақши сохти Шуравӣ ва халқи рус дар таъсиси тибби замонавӣ аз ҳама омили асосӣ ба шумор мерафт. Бе ин сохт ва бе кӯмаки кадрҳои рус иҷрои ин вазифаҳои азим ғайриимкон буд. Барои исбот кардани ин далел муқоисае аз ҳаёти мардуми Афғонистон, ки дар рӯ ба рӯи ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, овардан мумкин аст. Он муваффақиятҳое, ки тибби тоҷик дар соли 1950 ба даст овард, аҳолии вулусволиҳои он тарафи дарё имрӯз ҳам ноил нашуданд. Он дардҳое, ки дар соли 1940 дар вилояти Қӯрғонтеппа аз байн бардошта шуданд, дар Афғонистони имрӯза ҳоло ҳам мушоҳида мешаванд. Шумораи беморхонаҳо, духтурон ва ҳамшираҳои тиббӣ, ки дар соли 1940 дар вилояти Қӯрғонтеппа амал мекарданд, барои вулусволиҳои сарҳадии Афғонистон ҳоло ҳам вазифаи ҳалношуданӣ маҳсуб мешаванд. Тавассути эмкунии умумии аҳолӣ, дар солҳои 40-50 – уми асри XX чунин бемориҳо ба монанди холера, рахит, вараҷа (малярия) ва дигар бемориҳои сироятӣ аз байн бурда шуданд.

Дар солҳои 70-ум таъмини пурраи соҳаи тиб бо кадрҳои маҳаллӣ анҷом ёфт ва дар ин солҳо давраи тадқиқотҳои олимони тоҷик дар омӯзиши тибби

замонавӣ оғоз гардид. Дар баробари ҳамин системаи кори соҳаи тиб низ ба куллӣ тағйир ёфт ва пешгирии бемориҳо яке аз принсипҳои асосии тибби ин давра ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз тамоми сиёсати давлат маҳз ба ташвиқоти тарзи ҳаёти солим ва варзиш равона гардид. Дар ин роҳ ҳамкории сохторҳои соҳаи тандурустӣ бо идораҳои системаи варзиш, иттифоқҳои касаба, ташкилоти ҷавонон, ташкилотҳои соҳавӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши асосӣ дошт. Маҳз тавассути ташвиқот ва кори идеологӣ-тарбиявӣ дар байни мардум ва ҷалби васеи аҳолӣ ба мубориза бар зиддди ҳар гуна эпидемияҳо ва сироятҳо аз байн бурдани онҳо имконпазир гардид. Шакли муҳими иштироки аҳолӣ дар маҳви бесаводӣ дар соҳаи тиб, ин ҷалб кардани мардум ба корҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тиб, таъсиси постҳои санитарӣ, баровардани варақаҳо, рӯзномаҳои деворӣ, гузаронидани рӯзҳои санитарӣ ва дигар чорабиниҳо буданд.

Илова бар ин методи ташхиси пешакӣ ва табобати диагностикӣ роҳи муҳими хизматрасонии тиббӣ ба шумор мерафт. Дар ин самт ҷалби аҳолӣ ба истироҳат дар санаторияҳо ва табобатхонаҳои табиӣ нақши муҳим бозид. Тарафи дигари мубориза бар зидди бемориҳоро риояи тозагии гигенӣ ва қоидаҳои санитарӣ дар хонаҳо, маҳаллаҳо, шаҳр ва деҳотҷойҳо ташкил медод. Бо ҳамин мақсад дар замони шуравӣ ба тартиби нақшаҳои сохтмонӣ идораҳои назоратии тартиботи санитарӣ бештар ҷалб мешуданд. Барои таҳти назорати тибби гирифтани саломатии аҳолӣ системаи мукаммали хизматрасонӣ тартиб дода шуд, ки он тамоми табақаҳои аҳолиро бо синну соли гуногун дар бар гирифт. Аз давраи таваллуд кӯдакон зина ба зина аз муоинаи кӯдакӣ ба бачагона, аз бачагона ба наврасӣ ва аз наврасӣ ба калонсолон гузаронида мешуданд. Чунин система имкон медод, ки таърихи бемории ҳар як шаҳрванд доимо дар зери назорати табибон қарор гирад.

Сиёсати давлатии соҳаи тиб инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаро ба роҳ монда буд. Аз соли 1939 дар Тоҷикистон Донишгоҳи тиббӣ ба фаъолият оғоз намуд. Кушода шудани ин донишгоҳ барои омода намудани кадрҳои соҳаи тиб хизмати калон расонид. Солҳои 60-

70-ум масъалаи таъмини системаи тибби Тоҷикистон бо кадрҳои маҳаллӣ ба пуррагӣ ҳал гардид. Дар баробари ҳамин дар омӯзишгоҳҳои тиббии Тоҷикистон кормандони зинаи миёна ва ҳамшираҳои тиббӣ тайёр мешуданд, ки нақши онҳо низ дар равнақ ёфтани соҳаи тиб арзандаи таҳсин аст.

Аммо муҳимтарин дастоварди тибби вилояти Қӯрғонтеппа ин раҳоӣ ёфтани аҳолӣ аз бемориҳои сироятии карантинӣ мебошад, ки бисёре аз халқҳои ҷаҳон то ба имрӯз ба ин бемориҳо гирифтор мешаванд ва даҳҳо ҳазор нафар ҳар сол аз ин бемориҳо ба ҳалокат дучор мешаванд. Дар баробари ҳамин бояд қайд намуд, ки системаи тибби ройгон дар Иттиҳоди Шуравӣ шароити баробарро барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дар роҳи гирифтани табобат таъмин намуд ва ин бевосита хизмати асосии тибби шуравӣ барои мардуми Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои шоистаи коркунони тибро ба назар гирифта, ба якчанд нафар табибони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии тандурустии Тоҷикистонро лоиқ донист. Таърихи таъсисёбӣ, инкишоф ва корнамоиҳои кормандони соҳаи тибро дар вилояти Қӯрғонтеппа таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо омадем:

- барпокунии ҳокимияти шуравӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа аввалин омили таъсисёбии тибби замонавӣ ба шумор меравад, зеро маҳз баъди барпошавии ҳокимяти шуравӣ кори муассисаҳои тиббии вилоят оғоз гардид;

- солҳои аввалини кори табибон дар ҳудуди минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон бо муборизаи шадид бар зидди бемориҳои сироятӣ алоқа дорад ва дар ин роҳ табибони рус ва дигар халқҳои бародар саҳми босазо гузоштанд;

- оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) барои тибби вилояти Қӯрғонтеппа имтиҳони ҷиддитарин буд ва дар ин давра муборизаи табибон дар ду фронт амалӣ мешуд: қисми асосии табибон дар госпиталҳои ҳарбӣ бо муолиҷаи аскарони ярадори Артиши Сурх банд буданд ва қисми дигари

табибон дар ақибгоҳ бо паҳншавии бемориҳои сирояткунанда мубориза мебурданд;

- муҳимтарин марҳилаи таърихи тибби вилояти Қӯрғонтеппа ин давраи ташаккӯли кадрҳои маҳаллӣ буд, ки он аз солҳои 50-ум оғоз гардид ва дар солҳои 60-ум аллакай дар системаи тибби вилоят аввалин мутахассисони соҳаи тиб аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ба кор шурӯъ намуданд;

- дар марҳилаи охирони таърихи тибби шуравӣ - дар солҳои 70-80 -уми асри XX тибби вилоят бо техникаи муосир таъмин гардид ва бемориҳои карантинӣ аз байн бардошта шуданд. Дар ин давра аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ олимони соҳаи тиб баромаданд ва тибби тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуданд.

- таърихи тибби вилоят, таҷриба ва қаҳрамониҳои табибони даврони гузашта барои табибони имрӯза ҳамчун дастури методӣ, роҳнамо ва илҳомбахши корҳои оянда хизмат хоҳад кард ва табибони ҳозира идомадиҳандагони таърихи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа буда, онро дар замони муосир - дар шароити тибби даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ва инкишоф хоҳанд дод.

Маводҳои омӯхташударо ҷамъбаст намуда, барои пешрафти соҳаи тиб ва омӯзиши минбаъдаи он таклифҳои зеринро пешниҳод мекунем:

1. Минтақаи Қӯрғонтеппа аз ҷиҳати иқлим, шароити табиӣ ва ҳамсарҳад будан бо Ҷумҳурии Афғонистон минтақаи таваккалӣ барои сар задани бемориҳои сирояткунанда маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз табибон ва кормандони сохторҳои давлатии ин минтақа бояд таҷрибаи тибби замони шуравиро барои худ ҳамчун дастурамал гирифта, аз таърихи қаҳрамониҳои табибон дар солҳои 20-50-уми асри XX воқиф бошанд, ки дар роҳи аз байн бурдани бемориҳои карантинӣ ба монанди вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ ҷонфидоӣ карданд. Дар ин роҳ табибони имрӯза бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд, то ки ба аз сари нав сар задании бемориҳои карантинӣ дар ин минтақа роҳ надиҳанд.

2. Ба тамоми сохторҳои соҳаи маориф ва шуъбаи тандурустии вилоят тавсия дода мешавад, ки таҷрибаи замони шуравиро дар омода кардани кадрҳои баландихтисос аз байни аҳолии маҳаллӣ идома диҳанд.

3. Инчунин барои пешрафти соҳаи тиб кори илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа бо истифода аз таҷрибаи таърихи гузашта ва бо истифода аз дастовардҳои замони муосир идома дода шавад.

4. Барои гирифтани пеши роҳи бемориҳои карантинӣ, ҳамкории кормандони тибби минтақаи Қӯрғонтеппа ва минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба роҳ монда шавад, то ки дар якҷоягӣ сарчашмаҳои бемориҳои сирояткунандаро дар минтақа сари вақт муайян намоянд ва ба паҳншавии он роҳ надиҳанд.

5. Таърихи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа нишон медиҳад, ки яке аз камбудиҳои соҳаи тибби минтақа ин кори табибони кӯдакона мебошад. Гарчанде, ки тибби шуравӣ дар ин роҳ ба дастовардҳо ноил гардида бошад ҳам, аммо то ба имрӯз ҳам дар ин соҳа душвориҳо вуҷуд доранд. Алалхусус ба рушди беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои кӯдакона дар деҳотҷойҳо бештар бояд диққат дод.

6. Системаи идоракунии соҳаи тиб бояд дар ҳисобу китоби худ ва дар таҳлили воқеаҳои фалокатовар муносибати шафоф зоҳир намояд.

7. Кори профилактикӣ ва пешгирии бемориҳо бояд қисми муҳими сиёсати давлатии ҳифзи сиҳати саломатии аҳолиро ташкил диҳад. Аз ин лиҳоз риояи қоидаҳои санитарӣ дар ҷои кор, мактаб, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳо ҳамеша дар зери назорати кормандони соҳаи тиб бошад.

8. Кори профилактикӣ ва пешгирии бемориҳо бояд қисми муҳими сиёсати давлатии ҳифзи сиҳати саломатии аҳолиро ташкил диҳад. Аз ин лиҳоз риояи қоидаҳои санитарӣ дар ҷои кор, мактаб, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳо ҳамеша дар зери назорати кормандони соҳаи тиб бошад.

9. Ба идораҳои тиббӣ зарур аст, ки дар таъсиси барномаҳои профилактикӣ ва пешгирии бемориҳо бо ташкилоту идораҳои давлатӣ ва

ғайридавлатӣ ҳамкорӣ намуда, тарзи ҳаёти солимро ҳаматарафа дар байни аҳолӣ ташвиқу тарғиб намоянд.

10. Дар роҳи табобати беморон ба мутахассисони соҳаи тиб зарур аст, ки таҷрибаи бойи тибби анъанавиро дар табобати беморон васеъ истифода баранд, зеро табобат бо истифода аз гиёҳҳои шифобахш имрӯз дар тамоми ҷаҳон дар тиб мавқеи муайянро ишғол мекунад.

11. Натиҷаи тадқиқотҳои рисола нишон дод, ки ба тамоми саъй ва кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи таъмини соҳаи тандурустӣ бо кадрҳо нигоҳ накарда, имрӯз ҳам дар минтақаи Қӯрғонтеппа 876 нафар мутахассисони соҳаи тиб аз қабили табибони кӯдакона, амрози дохила, эҳёгар, рӯҳшинос, момодояҳо, таҳлилгар, табибони тибби оилавӣ ва ғайраҳо намерасанд. Нарасидани кадрҳо махсусан дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ба монанди ноҳияҳои Носири Хусрав, Панҷ, А. Ҷомӣ ва як қисмати ноҳияи Данғара, ки як қисмати аҳолии ин ноҳияҳои номбаркардашуда дар ҷойҳои душворгузар ҷойгир аст, ба назар мерасад. Баҳри ҳалли мушкилотҳои мавҷуда мувофиқи мақсад мебошад, ки ҳисси масъулияти мақомотҳои маҳалӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, ноҳияҳо ва худи аҳолӣ нисбати масъалаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ баланд бардошта шавад, масъалаҳои вобаста ба тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи идораҳои баланди соҳаи тандурустӣ ҳаллу фасли худро пайдо намояд.

12. Инчунин фаъолияти байнисоҳавии хадамотҳои тиббӣ, иҷтимоӣ, маориф, воситаҳои ахбори омма ва ҷалби ҷомеа дар татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шавад. Роҳбарони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо барои риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат, муҳайё сохтани шароити мусоиди корӣ, солимгардонӣ ва барқарор намудани қобилияти кории кормандон чораҳои зарурӣ андешанд ва масъулиятро бар дӯши худ гиранд.

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАГАРДИДА:

### I. Маводҳои бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон


1. БДМ ҶТ– Ф.279. – Р.21. – П.66. – В.202-204; Ф.86. – Р.2. – П.4. – В.1-3 // О ходе иммунизации населения против инфекционных заболеваний за I полугодие 1977 года в гг. Душанбе, Ленинабадской, Курган-Тюбинской и Кулябской областях.

2. БДМ ҶТ. – Ф.279. – Р.14. – П.14. – В.78, 171, 176, 177, 178, 179, 180, 181.

3. БДМ ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.18. – В.17-19 // Во пополнение Постановления ЦК КПСС и Совета Министров СССР №558 от 21 мая 1959 года ”О мерах по дальнейшему развитию детских дошкольных учреждений, улучшению воспитания и медицинского обслуживания детей дошкольного возраста”.

4. БДМ ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.18. – В.22-25 // О состоянии и мерах борьбы с корью в Таджикской ССР. - Приказ по Минздраву СССР №473 от 14.VI.67 г. и приказ по Министерству здравоохранения Таджикской ССР №838 от 31.XII.1968.

5. БДМ ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.4. – В.11-14 // Данные по Министерству здравоохранения Таджикской ССР на 1969 год.

6. БДМ ҶТ. – Ф.279. – Р.7. – П.4. – В.399.

7. БМД ҶТ– Ф.279. – Р.21. – П.13. – В.41-48 // Итоги приема абитуриентов в Таджикский государственный медицинский Донишкада и слушателей на подготовительное отделение в 1971-1972 учебном году.

8. БМД ҶТ– Ф.279. – Р.21. – П.363. – В.18-22 // О мероприятиях по борьбе с малярией и ее профилактике в Курган-Тюбинской области в 1978 году и задачи на 1979 г.

9. БМД ҶТ– Ф.279. – Р.21. – П.364. – В.31-35 // О выполнении приказа Министерства здравоохранения СССР от 21.12.77г. №1130 дсп 11 об организационных, лечебно-профилактических и санитарно-гигиенических

мероприятий по предупреждению завоза и распространения холеры в 1978г. и задачах на 1979г.

10. БМД ЦТ– Ф.279. – Р.21. – П.64. – В.23-27 // О ходе выполнения комплексного плана мероприятий по профилактике и борьбе с сибирской язвой в Таджикской ССР на 1977-1980 г.

11. БМД ЦТ. – Ф.2. – Р.1. – П.58. – В.12.

12. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.1. – П.4. – В. 11-16 // Об итогах лечебно-оздоровительной работы среди призывников и юношей в Таджикской ССР за 1970 год.

13. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.12. – В. 3-6 // Об итогах лечебно-оздоровительной работы за 1971г. и мерах по дальнейшей организации лечебно-оздоровительных мероприятий среди юношей допризывной и призывной молодежи.

14. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.13. – В.40-43. // Об итогах работы органов и учреждений здравоохранения Таджикской ССР по профилактике и борьбе с острыми инфекционными заболеваниями в республике за 1971 год.

15. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.13. – В.41-48; В.27-28. // Итоги приема абитуриентов в Таджикский государственный медицинский институт и слушателей на подготовительное отделение в 1971-1972 учебном году.

16. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.25. – В.10-13 // О случай заболевания бешенством людей.

17. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.25. – В.14-16. // Об итогах борьбы и профилактики острых кишечных инфекционных заболеваний за 1972 год и задачи на 1973 год.

18. БМД ЦТ. – Ф.279. – Р.21. – П.25. – В.7-9 // О ходе выполнения Постановления Совета Министров Таджикской ССР №187 от 12 июня 1970 года и приказа по Министерству здравоохранения Таджикской ССР №608 от 10 июля 1970 г. "Об усилении мер по предупреждению заболеваний бешенством на территории Таджикской ССР.

19. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.26. – В.40-43 // Колегии Министрества здравоохранения Таджикской ССР 27. 03. 1973г. №7/2 г. Душанбе. О состоянии лечебного питания в учреждениях здравоохранения республики.

20. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.29. – В.10.

21. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.29. – В.52-57. // О распределении и доезде молодых специалистов, выпускников 1973 года Таджикского госмединститута им. Абуали-ибн-Сино. Медицинских институтов союзных республик и медучилищ республики в народное хозяйство республики.

22. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.35. – В.48-50.

23. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.364. – В.145.

24. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.369. – В.197-199.

25. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.21. – П.37. – В.25-28 // О качества профилактики и лечения больных туберкулезом

26. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.7. – П.160. – В.231; В.400-401.

27. БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.7. – П.4. – В. 1,399, 400.

**28.** БМД ҶТ. – Ф.279. – Р.7. – П.69. – В.288-289 // Сведения о наличии медперсонала по районам Таджикской ССР на 1 марта 1935 г.

29. БМД ҶТ. – Ф.3. – Р.1. – П.1. – В.21.

30. БМД ҶТ. – Ф.367. – Р.21. – П.26. – В.12-16.

31. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.1. – В.3-4 // Маълумотҳои ҳисоботи пункти фелдшерии райони Қӯрғонтеппа дар семоҳаи чоруми соли 1936.

32. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.10. – В.7-8 // Письмо Министерства здравоохранения Таджикской ССР для руководства (1966 г.).

33. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.18. – В.2-3 // Ҳисоботи солонаи бухгалтерӣ оиди фаъолияти асосии БМН Вахш дар соли 1974.

34. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.18. – В.3 // Фармони Вазири нигаҳдории тандурустии ҶШС Тоҷикистон №4 аз 2.01.1974.

35. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.11 // Фармоиши сардухтури н. Вахш аз 12.11.1975, №18.

36. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.4 // Фармоиши Вазири нигаҳдории тандурустии ҶШС Тоҷикистон №90/14 аз 14.11.1974 “Оиди иҷроиши нақшаи хоҷагӣ, иҷроиши бюджети тандурустӣ ва фаъолияти молиявии мақомотҳои хоҷагии Вазорати нигаҳдории тандурустии ҶШС Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 1974”.

37. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.5 // Фармони Вазири нигаҳдории тандурустии ҶШС Тоҷикистон №223 аз 15.05.1975.

38. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.5 // Фармони Вазири нигаҳдории тандурустии ҶШС Тоҷикистон №736 аз 24.11.1975.

39. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.6 // Дастури раиси Комиҷроияи ноҳияи Вахш “Оиди ба фаъолият шуруъ намудани Райсанэпидемстансияи ноҳия”.

40. БМД ҶТ. – Ф.519. – Р.1. – П.19. – В.6 // Фармоиши Раиси Комиҷроияи н. Вахш №28 аз 15.05.1975 “Оиди табдил додани беморхонаи минтақавии Комсомол ба шуъбаи сироятӣ барои қабули беморон бо касалии тиф”.

41. БМД ҶТ. – Ф.86. – Р.1. – П.9. – В.21 // Таъсис додани Донишкадаи давлатии тиббӣ дар шаҳри Сталинобод ва техникумҳои тиббӣ дар ҶШС Тоҷикистон.

42. БМД ҶТ. – Ф.9. – Р.1. – П.25. – В.155.

**Маводҳои бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон**

43. Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ). – Ф.1. – Р.1. – П.272. – В.3.

44. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.101. – П.95. – В.36.

45. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.88. – П.82. – В.13, 16.

**Маводҳои бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар**

46. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.1. – Р.1. – П.3. – В.7 // Аз маърӯзаи комиссияи давлатии ҶМШС Тоҷикистон оид ба вилояти Қӯрғонтеппа, 5 декабри соли 1925.

47. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.2. – Р.1. – П.52. – В.15.

48. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.3. – Р.7. – П.11. – В.18 // Фармони Комиссариати халқии тандурустии ҶШС Тоҷикистон аз 24-уми октябри соли 1929.

49. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.48. – Р.1. – П.22. – В.5-7, 65.

50. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.8. – Р.2. – П.49. – В.22-29.

51. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.86. – Р.1. – П.8. – В.12, 34, 35 // Ҳисоботи солҳои 1941-1942 дар вилояти Қӯрғонтеппа.

52. БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.86. – Р.1. – П.8. – В.17-23 // Таъсис додани нахустин стансияҳо дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон.

